**ДОНИШГОҲИ СЛАВЯНИИ РОССИЯ-ТОҶИКИСТОН**

Бо ҳуқуқи дастнавис

**ТДУ: 342.4 (575.3)**
**ТКБ: 67.99 (2) 01 (2Т)**
**Ҳ – 16**

**ҲАКИМОВ МИРЗОВАЛӢ ҚОДИРОВИЧ**

# ТАНЗИМИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНИИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАСЪАЛАҲОИ НАЗАРИЯВӢ ВА АМАЛӢ

## ДИССЕРТАТСИЯ

**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститусионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ**

**Роҳбари илмӣ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
**Элназаров Давлатшо Хоҷаевич**

**Душанбе – 2023**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ**........................3

**МУҚАДДИМА**.......................................................................................4-24

**БОБИ 1. АМНИЯТИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТӢ**..........................................................................................25-87

1.1. Амнияти миллӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ..............25-44

1.2. Моҳият ва мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ..........................................................................................44-66

1.3. Самтҳои асосии рушди қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон..........................................................................66-87

**БОБИ 2. ҶАНБАИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ МЕХАНИЗМИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ**.....88-176

2.1. Мафҳум, мундариҷа ва фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ.......................................................................88-107

2.2. Сохтор ва асосҳои ҳуқуқии ҳамкории унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ.............................................107-152

2.3. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ..........................................................................................152-176

**ХУЛОСАҲО**......................................................................................177-181

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ**..........................................................................................182-183

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)**...................................................184-207

**ФЕҲРИСТИ ИНТИШОРОТИ ИЛМИИ ДОВТАЛАБИ ДАРАҶАИ ИЛМӢ**............................................................................................208-210

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ВА (Ё) АЛОМАТҲОИ ШАРТӢ

**ВАО** – Воситаҳои ахбори оммавӣ

**ВКД ҶТ** – Вазорати корҳои дохилиии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ВМКБ** – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

**ИА** – Иттиҳоди Аврупо

**ИДМ** – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

**ИМА** – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

**ИҶШС** – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

**КДАМ ҶТ** – Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КМ ҶТ** – Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚФ** – Қонуни Федералӣ

**КҲМ ҶТ** – Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**КҶ ҶТ** – Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**ҚҶТ** – Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

**СААД** – Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ

**СҲШ** – Созмони Ҳамкории Шанхай

**СММ** – Созмони Милали Муттаҳид

**ФР** – Федератсияи Россия

**ҶТ** – Ҷумҳурии Тоҷикистон

**қ.** – қисм

**б.** – банд

**м.** – модда

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Масъалаҳои гуногун аз аҳаммияти назариявӣ ва амалии масъалаҳои ташаккули муассири механизмҳои самараноки ҳуқуқии муттаҳидсозии саъю кӯшиши мақомоти худидоракунии ҳокимиятҳои давлатӣ ва ҷамоатҳо вобаста ба чораандешиҳои ташкилию ҳуқуқии онҳо иборат мебошад, ки новобаста ба шакл дар соҳаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба эътибор гирифта мешаванд. Ҳалли ин масъала иҷрои вазифаҳои аз ҷиҳати ҳуқуқӣ мураккаби ба ҳам алоқамандро дарбар мегирад, ки ба асосҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ҳуқуқӣ, ғоявии ҳаёти ҷамъиятиву давлатии мамлакат алоқаманданд.

Дар шароити Тоҷикистони муосир ҷустуҷӯйи фаъоли роҳҳои таҳкими амнияти конститутсионӣ бо назардошти омилҳои дохиливу берунӣ, ки рушди устувори пешқадами шахс ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлатро пешбинӣ мекунанд, таъмин менамояд.

Ин доираи масъалаҳои мазкур, дар баромадҳои худ аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон[1] пайваста матраҳ мегардад. Сарвари давлат[2] аз ҷумла робитаи ошкори рушди бомуваффақияти давлатдории тоҷикон ва амнияти миллии ҷумҳурӣ, ки ба суботи соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва озуқаворӣ чи кишвар ва чи дар минтақаи Осиёи Марказиро махсус таъкид менамоянд.

Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ то инҷониб бо ҷанбаҳои мухталифи институтсионалии худ, мавзуи таҳлили доктринаи ҳуқуқии ватанӣ нагардидааст, ҳамзамон ин асос тасдиқ менамояд, ки масъалаҳои марбут ба воситаҳои ҳуқуқӣ ва методологияи амалияи ҳуқуқии давлатӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд. Бар туфайли ин, мавзуи зикршуда ба маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалии нисбат ба таҷдиди қонунгузории

---

[1] Ниг.: Шарипов Р.М., Тураев Қ.А., Зоиров С.М. Аз Паём то паём. – Душанбе: Матбааи Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2022. – 724 с.

[2] Ниг.: Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 с., 26.12.2018 с., 26.12.2019 с., 21.12.2021 с. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/ (санаи муроҷиат: 21.05.22).

миллӣ аз нуқтаи назари қобилияти он барои таъмини амнияти миллӣ дахл доранд, нигаронида шудааст. Дар баробари ин, мутаносибан масъалаи ташаккули дастгоҳи консептуалӣ ва потенсиали функсионалии он дар шароити воқеияти ҳуқуқии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмил меёбад.

Масъалаи амнияти миллӣ дар қонунгузории кишвари мо хусусияти бисёрҷанба дорад, ки омили аввалиндараҷа ин мавҷуд набудани платформаи ягонаи танзими ҳуқуқии низоми мазкур мебошад ва дар он таваҷҷуҳи асосӣ дар навбати аввал ба соҳаҳои сиёсӣ ва иқтисодӣ дода мешавад. Аҳаммияти ин ду соҳаҳо бо мавҷудияти самтҳои мухталифи аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳим, ки танҳо дар чаҳорчӯбаи сиёсатшиносӣ ангеза меёбанд, шарҳ дода мешаванд. Аз ин лиҳоз, мо чунин мешуморем, ки масъалаи баррасишаванда ба пояҳои бунёдии ҳуқуқӣ асос ёфтааст, ки дар онҳо меъёрҳои Конститутсияи амалкунандаи кишвар аҳаммияти калидӣ доранд.

То имрӯз қонунҳои зиёде қабул шудаанд, ки бевосита ё бавосита ба амнияти шахс, ҷомеа ва давлат алоқамандананд, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»[3] аз 28 июни соли 2011.

Илова бар ин, дигаргуниҳои густурдаи иҷтимоиву сиёсӣ ҳам дар мамлакати мо ва ҳам дар ҷаҳон масъалаи таъмини кафолати амнияти миллиро дар мадди аввал мегузоранд. Аз ҳамин лиҳоз, институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки дорои маҷмуи махсуси ҳуқуқӣ ва стратегияҳои ҳуқуқӣ бо методологияи собитшудаи татбиқи онҳо мебошад, аҳаммияти доимӣ дорад. Аммо, дар ин ҷо далели ба ин институт додани мақоми мустақилияти ҳуқуқӣ дар масъалаҳои танзими амнияти миллӣ муҳим аст, ки

[3] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» аз 1 августи соли 2003, таҳти №42; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок» аз 28 феврали соли 2004, таҳти №14; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 1 марти соли 2005, таҳти №88; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ» аз 29 декабри соли 2010, таҳти №666; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» аз 3 июли соли 2012, таҳти №847; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 августи соли 2012, таҳти №890; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» аз 18 майи соли 2017, таҳти №385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист» аз 18 июли соли 2017, таҳти №1448; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти биологӣ ва муҳофизати биологӣ» аз 29 январи соли 2021, таҳти №1759 ва дигар санадҳо [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат:20.09.2021).

ба он имкон диҳад, то ин ки механизми муассири ҳамоҳангсозии динамикии тамоми соҳаҳои амнияти ҷамъиятӣ ва давлатии ҷумҳурӣ таъсис дода шавад ва рушди пайвастааш, инчунин симои минтақавиву байналмилалиеро, ки эҷод мекунад, аз он вобаста мебошад.

Дар ин раванд, таълимоти ҳуқуқии миллӣ, аз ҷумла соҳаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ба ҳуқуқ нақши марказӣ медиҳад, зеро қобилияти афзалиятнокаш барои баррасии муносибатҳои ҷамъиятӣ тавассути призмаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии онҳо инъикос меёбад. Дар ин замина Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[4], ки санади асосии меъёрӣ буда, дар тамоми қаламрави мамлакат «эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд» (моддаи 10 Конститутсияи ҶТ) ва як қатор муқарраротро дар бар гирифта ба асосҳои амнияти миллӣ дахл доранд, ҳамзамон ба бисёр соҳаҳои дигари ҳуқуқӣ низ таъсир мерасонад. Аммо масъалаҳои амнияти миллӣ, асосан, хусусияти умумиҳуқуқӣ доранд, гарчанде ки дар баъзе ҳолатҳо муқаррароти меъёрии магистралӣ ва фосилавӣ дар ин соҳа муфассал шарҳ мешаванд, дар баробари худ масъалаҳои амнияти миллӣ асосан хусусияти умумиҳуқуқӣ доранд.

Объекти муҳимми институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ин ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба ҳисоб мераванд. Аҳаммияти маънои моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат мебошад, ки ҳуқуқи инсон ҳамчун ибтидои принсипи априорӣ боқӣ мемонад, ки дар раванди қонунэҷодкунӣ нақши асосиро мебозад. Ҳамзамон, мавқеи баланди иҷтимоии шахс дар афзалияти манфиатҳои давлатӣ қарор дода мешавад.

Мавзуи ҳуқуқи инсон дар ҳама гуна тафсирҳо заминаи асоси институтсионалии бисёр соҳаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ мебошад: Инчунин рушди бомуваффақияти ин ниҳодҳоро, институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ҳамчун ҷузъи муҳимми системаи босуръати рушдёбандаи амнияти миллии ватанӣ таъмин карда мешавад.

---

[4] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

Ваҳдати давлатдории тоҷикон ва сохти конститутсионӣ дар принсипи ягонагии низоми ҳокимияти давлатӣ зоҳир мегардад, ки онро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешакӣ муайян кардааст, ки тибқи он «халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ» (қ. 1 м. 6 Конститутсияи ҶТ) мебошад. Ин муқаррарот маҷмуи пурраи кафолатҳои амнияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистонро, ки дар моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, фаъолияти ҳамоҳангшудаи тамоми ниҳодҳоро барои амалӣ намудани вазифаҳои ҳокимияти давлатӣ таъмин менамояд.

Муқаррарот дар бораи тамомияти арзӣ ва дахлнопазирии қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ақидаи миллии волоияти ҳудудии кишвар асос ёфта, на танҳо ба сиёсати хориҷӣ, муносибатҳои байнидавлатӣ, балки ба стратегияи дохилидавлатӣ низ дахл дорад.

Дар заминаи консепсияи дохилидавлатӣ ин муқаррарот имконнопазирии ҳуқуқии (ҳамзамон дар доираи созишномаҳои байналмилалӣ) додани қаламрави Тоҷикистонро маънидод менамояд. Ҳамин консепсия низ, таъсиси ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятиро, ки ба поймол кардани якпорчагии давлати мо нигаронида шудаанд, манъ мекунад (қ. 5 м. 8 Конститутсияи ҶТ).

Ин муқаррароти Конститутсия ба Президент, Ҳукумат ва дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои андешидани тадбирҳои дахлдор оид ба ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қ. 2 м. 64 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудааст, масъулият мегузорад. Инчунин қ. 21 м. 69 Конститутсия ба сарвари давлат ваколат медиҳад, ки дар сурати таҳдиди воқеӣ ба амнияти давлат вазъияти ҳарбиро ҷорӣ намуда ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи ду Маҷлис – Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод намояд.

Мувофиқи муққарароти дар боло овардашуда имкон медиҳад, ки дар бораи афзалияти бисёрпараметрии илми ҳуқуқӣ аз рӯйи якчанд ҷанбаҳо сухан ронем: а) рушди афкори ҳуқуқии муосир; б) таҳкими фазои ҳуқуқии

ватанӣ; в) оптимизатсияи механизмҳои ҳифзи истиқлолияти давлатӣ дар ҷанбаи институтсионалӣ; г) риояи садоқат ба манфиатҳои миллӣ, ҳамзамон дар масъалаҳои амният.

Маҷмуи масъалаҳои назариявӣ ва амалии таъмини ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ба равиши систематикӣ нигаронида шудааст ва ба мо имкон медиҳад, ки заминаи умумии назариявиро баррасӣ намуда, дастовардҳои илми ҳуқуқӣ-конститутсионии ватаниро таҳлил намуда, як қатор тавсияҳоро бо хусусиятҳои амалӣ таҳия намоем. Ин бархӯрд имрӯз – дар шароити тағйироти миқдорӣ ва сифатӣ дар намудҳои амният, ба вуҷуд омадани таҳдиду чолишҳои нав, дигаргуниҳои миқёси васеъ ва динамикии геополитикӣ аҳаммияти хоса зоҳир менамояд.

Аммо дар баробари ин, мо бояд қариб пурра вуҷуд надоштани дарки консептуалии мафҳуми ҳуқуқӣ, моҳият ва воситаҳои танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ва механизми таъмини онро зикр намоем. Ҳал нашудани ин мушкилот дар қонунгузории амалкунандаи дохилӣ таъсири манфӣ расонида, инчунин сабаби бархӯрдҳо дар қонунгузории ватанӣ мегарданд. Илова бар ин, маҷмуи мушкилоти муайяншуда боиси пайдоиши ихтилофҳо дар амалияи татбиқи ҳуқуқ мегардад, ки дар ниҳоят ба бесамар гардонидани таъмини амнияти миллии кишвари мо оварда мерасонад.

Тадбирҳои пешгирикунанда, ошкор ва рафъи минбаъдаи таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ҳифзи суботи сиёсиро кафолат медиҳанд, ки дар баробари манфиатҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва иқтисодӣ, сатҳи шоистаи зиндагии инсон ва шаҳрвандро таъмин менамояд. Бояд қайд кард, ки қисми зиёди муқаррароти Конститутсия бавосита ё бевосита ба асоси ақидаҳои амнияти миллӣ мансуб аст. Моҳияти баръакси ин муқарраротро низ қайд кардан ба маврид аст: ҳифзи меъёрҳои Конститутсия, фароҳам овардани кафолати риояи онҳо, дар навбати худ, яке аз масъалаҳои стратегии амнияти миллӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, масъалаи таҳияи илмии воситаҳои муассир, метавонанд нақшаи (модели) механизми танзими ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар соҳаи

таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон пурмазмун ва функсионалӣ васеъ намояд, ки дар шароити кунунӣ аҳаммияти хоса пайдо мекунад.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ** бо таваҷҷуҳи хоси муҳаққиқони ватанӣ ба масъалаҳои амният вобаста аст, ки дар доираи проблемаҳои соҳавӣ, ки аксаран ба соҳаҳои маъмурӣ, молиявӣ, экологӣ, байналмилалӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ алоқаманданд, баррасӣ шудаанд. Аз ҷумла, дар асарҳои олимони тоҷик: З.М. Алиев[5], С.Ю. Алимов[6], Б.С. Гадоев[7], А.М. Диноршоҳ (А.М. Диноршоев)[8], А. Достиев[9], С.И. Иброҳимов[10], А. Имомов[11], А. Имомов[12], З.Ҷ. Маҷидзода (Ҷ.З. Маҷидзода)[13], О.У. Усмонов[14], Т.Ш. Шарипов[15], Ф.Р. Шарифзода[16], Д.Х. Элназаров[17] ва дигарон.

Дар баробари ин, масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар таълимоти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи кофӣ таҳия нашудааст ва хусусияти умумиҳуқуқӣ дорад.

Таҳлилҳо нишон додаанд, ки дар асарҳои олимони тоҷик масъалаҳои амнияти миллӣ танҳо дар заминаи фаъолияти гуногуни тадқиқотӣ ва

---

[5] Ниг.: Алиев З.М. Общественные организации и национальная государственность союзной республики / З.М. Алиев // Тезисы докладов на теоретической конференции аспирантов Института государства и права Академии наук СССР / Академия наук СССР. Институт государства и права. – М., 1989. – С. 8-12.

[6] Ниг.: Алимов С.Ю. Конституционное право Республики Таджикистан: учебник / Под общей ред. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2018. – 528 с.

[7] Ниг.: Гадоев Б.С. Конституционно-правовые институты непосредственной демократии в Республике Таджикистан / Отв. ред. доцент А.И. Имомов. – Душанбе: Типография ТНУ, 2014. – 224 с.

[8] Ниг.: Диноршоев А.М. Права человека. – Душанбе, 2010. – 336 с.

[9] Ниг.: Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесения изменений и основные положения. – Душанбе, 2001. – 240 с.

[10] Ниг.: Иброҳимов С.И. Конститутсияҳои Тоҷикистон: пайдоиш ва инкишоф. – Душанбе: Дониш, 2014. – 840 с.; Иброҳимов С.И. Масоили ҳуқуқи давлатӣ дар бунёди Тоҷикистони муосир / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И. – Душанбе: Дониш, 2018. – 334 с.; Иброҳимов С.И. Конститутсияҳои Тоҷикистон ва падидаҳои ҳуқуқи давлатӣ дар инкишофи давлатдории миллӣ / Зери таҳрири д.и.ҳ., профессор Иброҳимов С.И. – Душанбе: «Дониш», 2019. – 620 с.

[11] Ниг.: Имомов Ашӯрбой. Ҳуқуқи конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо / Муҳар. масъул: А.М. Диноршоев. – Душанбе: Офест Империя, 2017. – 768 с.

[12] Ниг.: Имомов А. Конституционно-правовые проблемы развития Республики Таджикистан (1992-1998) (сборник статей). – Душанбе, 1998. – 208 с.

[13] Ниг.: Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан: 20 лет. – Душанбе: ЭР-граф, 2014. – 152 с.

[14] Ниг.: Усмонов О.У. ва дигарон. Асосҳои давлат ва ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Маориф», 1999. – 290 с.

[15] Ниг.: Ислоҳоти қонунгузории ҷиноятӣ дар партави пешгирии хушунат дар оила (Маводи мизи муддавар) / Муҳар. масъул: Шарипов Т.Ш. – Душанбе, 2013. – 178с.; Шарипов Т.Ш. Маҷмуаи санадҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷазои қатл (1917-2005). – Душанбе, матбааи ДМТ, 2014. – 258с.

[16] Ниг.:Шарифзода Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечения национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – Москва, 2022. – 556 с.

[17] Ниг.: Эльназаров Д.Х. Правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан (конституционно-правовой аспект). – Душанбе: РТСУ, 2009. – 224 с.

проблемаҳое, ки бевосита бо мушкилоти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ алоқаманд нестанд, ба миён меоянд.

Бояд таъкид намуд, ки ҷанбаҳои амнияти миллиро дар маънии умумиҳуқуқӣ дар асарҳои илмии олимони тоҷик, аз ҷумла дар асарҳои У.А. Азиззода[18], З. Ализода[19], С.Ю. Алимов[20], Б.С. Гадоев[21], А.М. Диноршоҳ (А.М. Диноршоев)[22], А. Достиев[23], З.Ҷ. Маҷидзода (Ҷ.М. Зоир)[24], А.И. Имомов[25], И.К. Миралиев[26], А.Ғ. Холиқзода[27] ва ғайра, вақте ки сухан дар бораи принсипҳои ҳуқуқӣ ва хусусиятҳои мундариҷаи ислоҳоти муосири конститутсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меравад.

Ҷанбаи муҳимми таълимоти ҳуқуқии муосир таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар раванди ислоҳоти ҳуқуқии кишвари мо ҷойгоҳи муҳим дорад. Доираи ин масъала бо чунин омилҳо ва равандҳои ҷаҳонишавӣ, ки бевосита ё бавосита ба раванди муосири ҳуқуқшиносӣ бо дарназардошти таъмини амнияти ҷомеаи тоҷикон таъсир мерасонанд, ба таври возеҳ алоқаманд мебошанд. Ҷанбаҳои алоҳидаи ин муқаррарот дар асарҳои: А.М. Диноршоҳ (А.М. Диноршоев)[28], Э.С.

[18] Ниг.: Азиззода У.А. Конституционные основы судебно-правовой политики в Республике Таджикистан / Судебная правовая политика в России и зарубежных странах: коллективная монография. – СПб., 2019. – С. 435-439.
[19] Ниг.: Ализода З. Эволюция института парламента в Республике Таджикистан. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.
[20] Ниг.: Алимов С.Ю. Конституционное право Республики Таджикистан: Учебник / Под общей ред. Диноршоева А.М. – Душанбе, 2018. – 538 с.
[21] Ниг.: Гадоев Б.С. Конститутсияҳои Тоҷикистон пайдоиш ва инкишоф (дар ҳаммуалифӣ). – Душанбе, 2014. – 840 с.; Гадоев Б.С. Такмили ҳуқуқ ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар даврони истиқлолият. – Душанбе, 2016. – 379 с.
[22] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 200 с.
[23] Ниг.: Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесения изменений и основные положения. – Душанбе, 2001. – 240 с.
[24] Ниг.: Зоиров Дж.М. Таджики: от государства Саманидов до суверенной государственности (историко-правовой аспект). – СПб.: Реноме, 2014. – 287 с.; Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан: 20 лет. – Душанбе.: «Эр-граф», 2014. – 152 с.
[25] Ниг.: Имомов А. Нақши Конститутсия дар бунёди давлатдории миллии тоҷикон. – Душанбе, 2011. – 361 с.; Имомов А. Таджикистан на пути к укреплению независимости / Конституционно-правовые проблемы равития Республики Таджикистан (1992-1998). – Душанбе, 1998. – 208 с.
[26] Ниг.: Миралиев И.К. Правовое государство и прав человека: монография. – Душанбе, 2015. – 258 с.
[27] Ниг.: Холикзода А.Г., Маджидзода Дж.З., Одиназода Р.С. Права человека и конституционно-правовое развитие Таджикистана. – Душанбе: Мехрона, 2019. – 488 с.
[28] Ниг.: Диноршоев А.М. Конституционные основы разделения властей в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2007. – 200 с.

Насриддинзода[29], Д.С. Раҳмон[30], И.Х. Саидзода[31], Д.Х. Элназаров[32] ва дигарон гирд оварда шудаанд.

Асоси муҳимми таъмини ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ бо принсипҳои ташаккул ва рушди фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ (қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ) дар шароити ба даст овардани истиқлолияти кишвари мо зич алоқаманд аст. Ин самт дар корҳои олимони ватанӣ: З. Ализода[33], А. Достиев[34], С.И. Ибрагимов[35], Х.М. Мирзозамонзода (Х.М. Ғафуров)[36], Д.С. Раҳмон[37], И.Х. Саидзода[38], М.С. Сулаймонзода (М.С. Сулаймонов)[39], К.Н. Холиқов[40], И. Шодиев[41], С.Н. Яқубов[42] ва ғайра баррасӣ шудаанд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва ё мавзуъҳои илмӣ.** Рисолаи мазкур дар чаҳорчӯбаи барномаи таҳқиқотии дарозмуддати корҳои илмии кафедраи ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳамзамон дигар шохаҳои илми ҳуқуқшиносӣ, дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқушиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, муддати солҳои 2018-2023 анҷом дода шудааст. Ин диссертатсия бо самтҳои махсуси таълимии «Масъалаҳои

---

[29] Ниг.: Насурдинов Э.С. Проблемы формирования правовой культуры в условиях становления демократического государства в Таджикистане. – Душанбе: Истеъдод, 2010. – 196 с.

[30] Ниг.: Раҳмон Д.С. Ҷаҳонишавӣ ва таъсири он ба низоми ҳуқуқии Тоҷикистон / Д.С. Раҳмон // Паёми Донишгоҳи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2018. – №6. – Қисми 2. – С. 201-203.

[31] Ниг.: Саидзода И.Х. Конституционное право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан. – М., 2014. – 160 с.

[32] Ниг.: Эльназаров Д.Х. Правовое регулирование прав и свобод человека и гражданина в Республике Таджикистан (констиутционно-правовой аспект): монография. – Душанбе, 2009. – 224 с.

[33] Ниг.: Ализода З. Эволюция института парламента в Республике Таджикистан. – Душанбе: ТНУ, 2013. – 206 с.

[34] Ниг.: Достиев А.С. Конституция Республики Таджикистан 1994 года: История разработки, принятия, внесения изменений и основные положения. – Душанбе, 2001. – 240 с.

[35] Ниг.: Ибрагимов С.И. Админстраивная юстиция в центрально-азиатских государствах: проблемы становления и развития: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2013. – 459 с.

[36] Ниг.: Гафуров Х.М. Судбеная система Республики Таджикистан: современное состояние и перспективы развития. – Душанбе, 2007. – 186 с.

[37] Ниг.: Рахмон Д.С. Правовая природа актов Конституционного суда Республики Таджикистан. – Душанбе, 2014. – 184 с.

[38] Ниг.: Саидов И.Х. Конституционное право граждан на обращение и его реализация в Республике Таджикистан. – М., 2014. – 160 с.

[39] Ниг.: Сулаймонов М.С. Конституционно-правовой статус Президента Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – 156 с.

[40] Ниг.: Холиков К.Н. Конституционный суд и конституционное судопроизводство в Таджикистане. – Душанбе, 2014. – 336 с.

[41] Ниг.: Шодиев И.Р. Развитие судебной системы в Таджикистане (вторая половина XIX – нач. XXI вв.: дис. … канд. юрид. наук. – Душанбе, 2009. – 176 с.

[42] Ниг.: Якубов С.Н. Конституционно-правовой статус Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе: «Эр-граф», 2009. – 156 с.

таъмини амнияти миллӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа», «Асосҳои ҳуқуқии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар шохаҳо робита дорад.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот,** ки аслан дар муҳтавои диссертатсия инъикос ёфтаанд, ба тафаккури назариявӣ-амалии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии масъалаҳои амниятӣ дар ниҳоди институтсионалии онҳо равона карда шудаанд. Фарз мекунем, ки маҳз ниҳодҳои институтсионалӣ ба ин падидаи ҳуқуқӣ мустақилият дода, онро бо дастгоҳи категориявии худ, бо хусусияти хоси он ва методикаи таъсири ҳуқуқӣ таъмин карда метавонад. Дар маҷмуъ, ин хусусиятҳо дар ҳалли соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири муассир хоҳанд гузошт.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил шудан ба ин ҳадаф вазифаҳои зерин гузошта шудаанд:

– омӯзиши таҳаввулоти институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар ҷанбаи муқовимат ба таҳдидҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– нақши институти ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар шароити воқеияти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини амнияти миллӣ муайян намудан;

– таҳияи тафсири пуриқтидори мафҳуми «институти ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ», ки мундариҷаи он механизмҳо, принсипҳо ва методологияро муайян мекунад;

– гузаронидани таҳлили назариявӣ-ҳуқуқии унсурҳои низоми институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вобаста ба соҳаи таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– муайян намудани хусусиятҳои функсионалии институти ҳуқуқӣ-конститутсиониро вобаста ба масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ, дар асоси омилҳои беруна ва дохилӣ;

– тавсияҳои амалӣ таҳия намудан, ки фаъолияти ҳуқуқӣ-конститутсиониро оид ба таъмини амнияти миллӣ самаранок гардонанд;

– таҳлили тамоюлҳои асосии такмили амалияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар қисми амнияти миллӣ ва пешгӯии ояндадор, ки ба навсозии институти ҳуқуқии баррасишаванда нигаронида шудааст;

– муайян намудани заминаҳои ҳуқуқии такмили қонунгузории ватанӣ дар заминаи ҳифзи амнияти миллии ҷумҳурӣ;

– таҳияи пешниҳодҳо оид ба қабули қонуни намунавии конститутсионӣ, ки амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин менамояд.

**Объекти таҳқиқот** муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ба вуҷуд меоянд. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар маҷмуъ ба омилҳое асос ёфтааст, ки таҳдидҳои амнияти миллиро фаро гирифтааст; заминаи ҳуқуқӣ, ташкилӣ, принсипҳои ташаккул, сохтор ва фаъолияти институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва механизми таъмини амнияти миллӣ фароҳам оварда шудааст; вазъияти дастовардҳои илмӣ оид ба масъалаҳои танзими давлатию ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти миллӣ таъмин карда мешавад.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот** заминаи илмӣ-назариявӣ ва меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки мазмун ва самти институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин равишҳои доктриналӣ ба масъалаҳои танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян мекунад. Ҳамзамон амнияти миллӣ, баррасии дастгоҳи категориявии он, таҳияи модел ва механизмҳои таъмини он дар доираи сохтори ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар бар мегирад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот (доираи таърихии таҳқиқот).** Диссертатсияи мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дарозмуддати корҳои илмию таҳқиқотии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон муддати солҳои 2018-2023 анҷом дода шудааст. Соҳаи илмии

таҳқиқот бо мушкилоти «Масъалаҳои таъмини амнияти миллӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақа», «Асосҳои Ҳуқуқии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ» дар шароити истиқлолият ва татбиқи ислоҳоти ҳуқуқӣ дар кишвар алоқаманд мебошанд.

Асоси меъёрии таҳқиқоти илмии диссертатсияро Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (аз соли 1994 то ин ҷониб), қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳо, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар бораи қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрию ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии идоравии мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳад. Барои ин таҳқиқоти илмӣ санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар меъёрҳо ва принсипҳое, ки ба проблемаҳои таъмини амнияти миллӣ бахшида шудаанд, аз аҳаммият холӣ нестанд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқотро** асарҳои бунёдии олимони намоёни Тоҷикистон ва Россия, аз он ҷумла корҳои илмии С.С. Алексеев, З. Ализода, С.Ю. Алимов, И.П. Антонов, И.Х. Афандихонов, А.Н. Бабенко, П.П. Баранов, С.А. Беличев, А.С. Бондарев, Г.А. Борисов, Н.А. Бур, Е.В. Бурлай, В.Л. Василев, А.Б. Венгеров, Б.С. Гадоев, А.М. Диноршоҳ, А.С. Евдокимов, М.И. Еникеев, В.И. Захартсев, С.Н. Зоидов, Ҷ.М. Зоир, Я.В. Зубов, С.И. Иброҳимов, С.И. Игонкина, И.А. Илин, А.И. Имомов, А. Имомов, В.А. Каламанов, Е.А. Капитонов, А.А. Кваши, С.А. Комаров, В.Н. Кудрявтсев, Ю.В. Кузнетсов, В.И. Курбанов, В.В. Лазарев, Е.А. Лукашев, А.В. Малко, В.Н. Мамах, М.А. Маҳмудов, Н.И. Матузов, М.М. Муллоев, Д.И. Насретдинов, Э.С. Насурдинов, В.С. Нерсесянс, Л.М. Нусратов, Г.А. Ожегов, Е.А. Певтсов, А.А. Пиров, С.А. Раҷабов, С.Б. Раҷабов, Ш.А. Раҷабов, Ҷ.Х. Раҷабов, А.Р. Ратинов, К.Р. Расулов, В.А. Рудковский, И.Ю. Салмин, В.П. Салников, П.С. Самигин, А.П. Семитко, И.В. Самошенко, В.М. Сапогов, Р.Ш. Сотиволдиев, А.М. Столяренко, М.А. Ткаченко, Ф.З. Тоҳиров, Ф.Н.

Удичак, С.С. Фаттоев, Ш.С. Ҳамроев, А.И. Числов, Т.Ш. Шарипов, К.С. Шарипова, Ф.Р. Шарифзода, Д.Х. Элназаров ва дигарон ташкил медиҳанд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқоти рисола усулҳои ҳозиразамони илмӣ ба кор бурда шудаанд ва ин имконият дод, ки аз ҷиҳати назариявӣ ва ҳам аз ҷиҳати амалӣ барои такмил додани масъалаи баррасишуда хулосаҳои дахлдори илмӣ бароварда, таклифҳои консептуалӣ пешниҳод карда шаванд. Усули таърихӣ барои омӯхтан ва нишон додани на танҳо вазъи гузашта ва имрӯзаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии проблемаи амнияти миллӣ, балки инчунин муайян кардани тамоюлҳои рушди он дар шароити муосир мусоидат намуд; истифодаи усули системавӣ имкон дод сохтори институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ ва ҷузъҳои мустақили ҳуқуқии онро, ки системаи ҷузъҳои ба ҳам алоқамандро ифода мекунанд, баррасӣ намояд; усули муқоисавии ҳуқуқӣ имкон дод, ки тамоюлҳои асосии рушди танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар системаи таъмини амнияти дохилии давлатӣ бо назардошти тағйироти муосири иҷтимоию сиёсӣ, ҷамъиятӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ муайян карда шавад; инчунин усулҳои таҳлили сохторӣ-функсионалӣ, оморӣ, методи таҳлили мантиқӣ ва ғайраро истифода бурда ин имкон дод, ки асосҳои хоси масъалаи баррасишаванда ва инкишоф додани моделсозии назариявию ҳуқуқии он мукаммал шавад. Рисолаи мазкур аввалин таҳқиқоти диссертатсионии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, доираи масъалаҳои методологие, ки зимни таҳқиқот анҷомида шудааст, хеле васеъ ва мураккабанд, инчунин масъалаҳои пурраи амнияти миллӣ дар кишварамон бояд мавриди баррасӣ қарор дода шуда, доир ба ҷанбаҳои мухталифи амнияти миллӣ дар оянда, мунтазам таҳқиқоти илмӣ гузаронидан муяссар бошад.

**Заминаҳои эмпирикӣ.** Дар диссертатсия тадбиқи амалии меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ марбут ба амнияти миллӣ, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои Конститусионӣ, қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон,

Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ ва идоравӣ, санадҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба таъмин намудани амнияти миллӣ иртибот доранд ташкил менамоянд. Инчунин, дар диссертатсия амалишавии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии ватаниро дар таҷрибаи созмонҳои амниятии байни давлатӣ, аз қабили СММ, ИДМ, СҲШ, СААД, Қалби Осиё – Раванди Истанбул ва дигарҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Нововарии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо баррасии маҷмуии масъалаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок карда шудааст. Масъалаҳои қаблан омӯхташуда бо сабаби парокандагӣ ва маҳдудияти худ ва дар натиҷа, ғайримутамарказӣ наметавонанд тамоми ҷанбаҳои мавзуи баррасишавандаро на дар соҳаи омӯхташаванда, яъне дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва на дар инъикоси васеи системаи конститутсионӣ фаро гиранд.

Тадқиқоти мазкур на танҳо ба хусусиятҳои миллӣ нигаронида шудааст, балки ба мавзуи мубрамми амният, ваҳдати сиёсӣ ва тамомияти ҳудудӣ, ки дар диссертатсия тавассути заминаи қонунгузории амалкунанда, таълимоти ҳуқуқии навшуда ва маҷмуи пурраи ҳуҷҷатҳои дар ин самт тасдиқшуда баррасӣ карда мешаванд, равона карда шудааст. Танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ аз нуқтаи назари институти ҳуқуқии яклухт омӯхта мешавад. Инчунин кӯшиш карда мешавад, ки таърифҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ дар системаи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки бо мафҳум ва намудҳои амният алоқаманданд, таҳия карда шаванд. Таҳлили моддаҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ нишон дод, ки дар он «амнияти миллӣ» вуҷуд надорад, гарчанде ки аксарияти муқаррароти Конститутсия ба он аҳаммияти аввалиндараҷа медиҳанд ва ба таъмини он равона карда шудаанд.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя нуктаҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Дар доираи таҳқиқоти гузаронидашуда бояд эътироф намуд, ки имрӯз фаъолияти субъектҳои дахлдор, ки дар масъалаҳои амнияти давлатӣ ҳам дар истеҳсолот ва ҳам дар тафаккури назариявии он иштирок мекунанд, дар шароити таълимоти конститутсионии таҳиянашуда сурат мегиранд. Илова бар ин, шумораи зиёди муқаррароти конститутсионӣ дар бораи амнияти миллӣ фаҳмиши пурраи илмӣ нагирифтаанд ва ҳамчун объект ё мавриди мавзуи омӯзиши махсус эътироф нашудаанд. Мафҳуми «амният» ҳамчун категорияи асосии конститутсионӣ дар панҷ моддаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 (моддаи 6, 8, 46, 51, 69)[43] қайд карда шудаанд, аммо онҳо дар якҷоягӣ бо мавқеъҳои гуногун пешниҳод карда мешаванд. Фарз мекунем, ки қонунгузор мувофиқи Қонуни ҶТ «Дар бораи амният»[44] мафҳуми намудҳои амниятро дар соҳаҳои зерини ҳаёти ҷамъиятӣ ба истифода додааст: кафолати ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, ҳангоми таъмини амният (м. 16 ҚҶТ «Дар бораи амният»); таъмини амнияти иқтисодӣ (м. 18 ҚҶТ «Дар бораи амният»); таъмини амнияти озуқаворӣ (м. 19 ҚҶТ «Дар бораи амният») ва ғайра. Суботи конститутсионӣ, ки ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ буда, рушди ҳуқуқии моҳияти категоривии онро тақозо мекунад ва дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ мавҷуд набудани мафҳуми универсалии категорияи «амнияти конститутсионӣ» метавонад боиси мушкилоти амалии системавӣ гардад. Аз натиҷаҳои таҳқиқоте, ки мо анҷом додем, маълум мешавад, ки ҳангоми муайян кардани амнияти конститутсионӣ ва миллӣ ду ҷанба ҷудо карда мешаванд: а) шаклӣ, яъне системаи кафолатҳои конститутсионизмӣ (меъёрӣ, ташкилӣ,

[43] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[44] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.09.2021).

институтсионалӣ); б) мундариҷа, яъне моҳияти ҳолати ҳифз. Ҳарду ҷанба ба ҳимояи сохти конститутсионии Тоҷикистон нигаронида шудаанд.

2. Мавҷудияти се ҷанбаи асосӣ дар байни назари маъмултарини консептуалӣ ба моҳияти мафҳуми «амнияти миллӣ» ошкор карда шуд. Якум бо муайян кардани мушкилоти мушаххас дар соҳаи он ва интихоби роҳҳои оптималии ҳалли онҳо алоқаманд аст, ки муроҷиат ба заминаи назариявӣ ва амалии аллакай санҷидашударо талаб мекунад. Ҷанбаи дуюм, ба истилоҳ «идоравӣ», ба муайян кардани параметрҳои дилхоҳи амнияти миллӣ ва таҳияи маҷмуи тадбирҳои судманд аз татбиқ дар муҳлатҳои муқарраршуда нигаронида шудааст. Ҳамин тариқ, «идоравӣ», масалан, таърифи амнияти ҷамъиятӣ мебошад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ҳамчун «ҳолати ҳифзи инсон ва шаҳрванд, арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа аз таҳдидҳои гуногун» пешниҳод шудааст. Ҷанбаи сеюм, ба андешаи мо, бояд хусусияти системавӣ дошта бошад. Бинобар ин, яке аз ҷанбаҳои меҳнатталаб ҳисобида мешавад. Аммо, сарфи назар аз ҳама вақт ва хароҷоти захиравӣ, он бо дараҷаи баланди самаранокӣ хос аст, зеро он имконият медиҳад, ки диққати худро ба принсипҳои асосии системаи ҳифзи миллат ва давлат аз таҳдидҳо бо назардошти таълимоти назариявӣ, ки аллакай таҳияшуда ва ба амалияи ҳуқуқӣ воридшуда равона кунад.

3. Мазмуни амнияти миллӣ аз фаъолияти таъмини он на танҳо дар миқёси давлат, балки дар робита ба амнияти ҷамъиятӣ, амнияти экологӣ, амнияти шахс ва дигар намудҳои амният, ки қонунгузории ватанӣ пешбинӣ кардааст ва ба ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот дар соҳаи амният, инчунин мақоми Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудааст, муайян карда мешавад. Дар асоси таҳқиқоти гузаронидашуда муаллиф таърифи васеътари амниятро пешниҳод менамояд, ки чунин параметрҳоро дар бар мегирад, ба монанди ҳолати ҳифзи шахс, ҷомеаву давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ, ки дар он татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии

инсон ва шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифати арзанда ва сатҳи зиндагии онҳо, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, тамомияти давлатӣ ва ҳудудӣ, рушди устувори иҷтимоиву иқтисодии ҷумҳурӣ таъмин карда мешавад.

4. Тафовути ҳуқуқии вазифаҳо ва ваколатҳое исбот шудааст, ки ба ҳамоҳангсозии оптималии фаъолияти мақомоти давлатӣ дар заминаи таъмини амнияти миллӣ, инчунин ратсионализатсияи ҷузъи институтсионалии ин раванд мусоидат хоҳад кард. Дар ин ҳолат бояд ба назар гирифт, ки ҳамкории ҳамаи сохторҳои амниятӣ (давлат, шаҳрвандон, ташкилотҳои ҳама гуна шакли ташкилию ҳуқуқӣ) дар платформаи ягонаи иттилоотӣ ҳангоми гузаронидани як қатор чорабиниҳо, аз ҷумла оид ба мониторинги татбиқи тадбирҳои андешидашуда амалӣ карда мешавад. Ба назари мо, муттаҳид кардани кӯшишҳои сохторҳои дахлдори таҳқиқотӣ ва идоравӣ дар масъалаи мувофиқати қонунгузории намудҳои алоҳидаи фаъолияти давлатӣ комилан мантиқӣ ба назар мерасад. Ба ақидаи муаллиф, ин равиш ба рушди минбаъдаи мазмуни таълимии меъёрҳои ҳуқуқӣ на танҳо дар санадҳои қонунгузории миллӣ, балки дар санадҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ низ мусоидат хоҳад кард.

5. Дар заминаи таҳқиқот, таърифи «механизми конститутсионӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ», ки аз ҷониби диссертант таҳия шудааст, ба муомилоти илмӣ ворид карда мешавад. Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ин механизмро ҳамчун амали аз ҷиҳати илмӣ санҷидашуда ва марҳила ба марҳила амалишаванда, ки дар асоси он меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ гузошта шудаанд ва ба таҳияи механизми самарабахши танзими ҳуқуқии соҳаи амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона шудаанд, баррасӣ намоянд. Мақсади механизм дар кафолати самаранокии воқеии вазъи ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ҷамоатҳо ва дигар муассисаҳои ҷамъиятӣ дар масъалаҳои муқовимат бо таҳдидҳои гуногуни амнияти миллӣ мебошад. Дар тафсири пешниҳодшуда масъалаи такмили асосҳои салоҳиятнок ва функсионалии онҳо, муайян кардани самтҳои асосии

фаъолияти онҳо дар соҳаи таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва давлатӣ, ки ба субот ва навсозии системаи амнияти миллӣ мусоидат мекунанд, низ муҳим аст.

6. Равишҳои системавӣ-оморӣ ва динамикӣ усули муносиб ва методологии дурусти тавсифи сохтори механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллиро ташкил медиҳанд. Контексти равиши системавӣ-оморӣ ба назар гирифтани меъёрҳои ҳуқуқӣ; муносибатҳои ҳуқуқӣ; баррасии санадҳои ҳуқуқӣ ва уҳдадориҳо, инчунин татбиқи онҳо; хусусиятҳои системавии фаъолияти мақомоти давлатӣ оид ба гузоштани ҳадафҳо, вазифаҳо, усулҳо, самтҳои асосӣ дар масъалаи таъмини амнияти миллӣ ифода менамоянд. Равиши динамикӣ механизми марҳилавии ҳуқуқӣ-конститутсиониро барои ташкили системаи ягонаи меъёрии воситаҳои ҳуқуқӣ, ки маҷмуи воситаҳо ва усулҳои гуногунро дар бар мегирад, дар маҷмуъ унсурҳо ва бо омезиши босалоҳияти онҳо ба татбиқи пурраи консепсияҳои стратегии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуда, амалӣ карда мешавад.

7. Шаклҳои ҳуқуқии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии масъалаҳои баррасишаванда бояд ба ифодаҳои зерин тақсим карда шаванд: а) шаклҳои ташкилии (ғайриҳуқуқӣ) фаъолияти меъёрӣ; б) шаклҳои ҳуқуқии татбиқи манфиатҳои давлатӣ. Ҳамин тариқ, ба гурӯҳи якум, яъне фаъолияти ҷории ташкилӣ 1) масъалаҳои мушаххаси сиёсӣ, дастгирии техникӣ ва ташкилии қисмҳои алоҳидаи механизми давлатӣ (аз ҷумла, маъракаҳои интихоботӣ); 2) фаъолияти оперативӣ-техникӣ, хоҷагидорӣ (масалан, асосноккунии иқтисодӣ, назорат, тафтиш) дохил мешаванд; 3) таъмини моддии вазифаҳои гуногуни давлатӣ, аз ҷумла аз рӯйи самти идеологӣ (масалан, таҷдиди қонунҳо, гузаронидани маъракаҳои интихоботӣ ва ғайра); 4) барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ (масалан, кушодани намояндагиҳо дар ташкилотҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ё узвият дар онҳо; ҳамкорӣ бо кишварҳои дӯст). Муаллиф пешниҳод мекунад, ки ба шакли ҳуқуқии татбиқи

манфиатҳои давлатӣ қонунгузорӣ (қонунэҷоднамоӣ) ва иҷроияи ҳуқуқиро дохил кунанд. Қонунгузорӣ бо қоидаҳои умумии ҳатмии рафтор, ки ба нигоҳ доштани тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд, алоқаманд аст. Шакли иҷрои қонунҳо тибқи идоракунии давлатӣ ва риояи манфиатҳои миллӣ амалӣ карда мешавад ва бо мавҷудияти параметрҳои якхела дар фаъолияти мақомоти давлатӣ тавсиф карда мешавад.

8. Консепсияи муаллифӣ дар бораи ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил кардани меъёри ҳуқуқӣ-конститутсионии марбут ба амнияти миллӣ бо таърифҳои идеологии дар диссертатсия овардашуда асоснок карда мешавад. Аҳаммияти падидаи амнияти миллӣ бо таҳқиқоти гузаронидашуда исбот шудааст. Дар робита бар ин, дар доираи ислоҳоти конститутсионӣ пешниҳод карда мешавад, ки ба банди 3 моддаи 7 Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин ибора ворид карда шавад: «Соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистон, ки рукнҳои мустақили амнияти миллӣ мебошанд, аз ҷониби давлат таъмин карда мешаванд».

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки муқаррарот ва хулосаҳои дар он таҳияшуда як қатор институтҳои ҳуқуқии соҳаи ҳуқуқи конститутсиониро таҳия ва пурра мекунанд. Муқаррарот ва хулосаҳои дар рисола таҳияшуда бахшҳои дахлдори назарияи умумии ҳуқуқро таҳия ва пурра карда, метавонанд барои таҳқиқоти минбаъда дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ истифода шаванд, инчунин барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти ҳуқуқсозӣ ва татбиқи ҳуқуқии мақомоти худидоракунии шаҳракҳову деҳот ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, мусоидат намоянд.

Ғайр аз он, муқаррароти назариявии таҳқиқоти гузаронидашуда метавонанд ҳамчун маводи иловагии илмӣ дар раванди таълим ҳангоми омӯзиши курсҳои «Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Ҳуқуқи байналмилалӣ», «Ҳуқуқи маъмурӣ», «Ҳуқуқи ҷиноятӣ» ва ғайра истифода

намуд. Муқаррароти асосии таҳқиқот метавонанд ҳангоми навиштани китобҳои дарсӣ, дастурҳои таълимӣ ва таълимӣ-методӣ барои донишҷӯён, инчунин барои баланд бардоштани ихтисоси хизматчиёни давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти ҷамъиятӣ мусоидат карда метавонад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** ба хусусияти таҳқиқот дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ вобаста мебошад, ҷанбаҳои асосии ин тадқиқот бо таҳқиқоти ҳамаҷониба тасдиқ карда шуда, асосҳои назариявӣ ва амалии амнияти миллӣ дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таҳия гардида, инчунин тавсияҳои амалӣ барои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳое, ки салоҳияти онҳо бо таъмини тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ алоқаманд аст, таҳия карда шудаанд. Дар бораи дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот тавсияҳои назариявӣ ва амалӣ, инчунин пешниҳодҳое, ки дар ҷараёни таҳқиқоти илмӣ ва гузаронидани таҳлили муқоисавии санадҳои миллӣ ва байналмилалӣ бо дарназардошти ислоҳоти муасири ҳуқуқии давлатдории тоҷикон ба даст оварда шудаанд, шаҳодат медиҳанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 12.00.02 – Ҳуқуқи конститутсионӣ; ҳуқуқи мурофиаи судии конститутсионӣ; танзими ҳуқуқии ҳокимияти маҳаллӣ, ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст, мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот** бо он муайян карда мешавад, ки дар натиҷаи гузаронидани таҳқиқоти маҷмуӣ муаллиф дар соҳаи ба даст овардани натиҷаҳои назариявӣ ва амалии боэътимод бо назардошти аҳаммияти амалии онҳо дар соҳаи фаъолияти субъектҳое, ки ваколатҳои онҳо бо таъмини амнияти давлатӣ алоқаманданд, мустақилият нишон додааст. Кӯшиши муаллиф дар таҳияи дастгоҳи мафҳуми аз рӯйи ин таҳқиқот сазовори таваҷҷуҳи махсус аст ва метавонад дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои дахлдор, ки дар таъмини амнияти давлат

иштирок мекунанд, тавсия дода шавад. Албатта, натиҷаҳои таҳқиқот дар фаъолияти ҳуқуқсозии мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия, аз ҷумла мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи таъмини тартиботи давлатӣ ва ҷамъиятӣ аввал муфид ва зарур хоҳанд буд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Рисолаи илмӣ дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон бо забони давлатӣ (бо риояи Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ)[45] навишта шудааст. Муқаррароти асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон ва кафедраи ҳуқуқи конститутсионии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон борҳо муҳокима гардида, барои ҳимоя тавсия карда шудааст.

Натиҷаи дигари тасвиби таҳқиқоти илмӣ дар суханрониҳои муаллиф, зимни конференсияҳои илмӣ ва амалии сатҳи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ, байналмилалӣ дар доираи чорабиниҳои илмии донишгоҳ, баррасӣ гардидаанд. Аз ҷумла:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи VI байналмилалии илмӣ-амалӣ – маърӯза дар мавзуи «Масъалаҳои актуалии амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар Федератсияи Россия ва марҳилаи ҳозира». – Душанбе, 31-уми октябри соли 2018;

– Конференсияи XIII байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Ҷанбаҳои назариявии ҳуқуқшиносӣ ва масъалаҳои иҷрои қонунҳо» – маърӯза дар мавзуи «Таъмини амнияти миллӣ ва минтақавӣ дар Тоҷикистон». – Москва, соли 2021;

– Конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Таҳқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ: Инноватсия дар ҷаҳони муосир» – маърӯза дар

[45] Ниг.: Қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ва Аломатҳои китобати забони тоҷикӣ // Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №268 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://maorif.tj/ (санаи муроҷиат: 24.05.2023).

мавзуи «Механизмҳои принсипи конститутсионӣ оид ба таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон». – ш. Уфа, соли 2022.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– мизи мудаввар таҳти унвони «Экстремизми динӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилоти назария, ҳуқуқӣ ва амалӣ» – маърӯза дар мавзуи «Терроризми байналмилалӣ ҳамчун таҳдид ба амнияти миллӣ». – Душанбе, 20-уми ноябри 2015;

– дастгирии ҳуқуқии амнияти миллӣ ва минтақавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар шароити муосир: мушкилот ва дурнамо. – Душанбе, соли 2017;

– таъмини амнияти сайёҳон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаҳои таърихӣ ва ҳуқуқӣ // Маърӯзаи мизи мудаввар «Мушкилоти актуалӣ ва имкониятҳои потенсиалии туризми тандурустӣ дар Тоҷикистон». – Душанбе, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, 18 марти соли 2020;

– «Меъёрҳои конститутсионӣ ва таҳлили мувофиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳии байналмилалӣ», конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ. – Душанбе, Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон, 26 майи соли 2023.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқоти мазкур дар корҳои интишоршудаи асосии муаллиф, аз он ҷумла, 17 мақолаи илмӣ, ки 9-тои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 8 мақола дар маҷаллаҳои дигари илмӣ нашр гардидааст, инъикоси худро ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия** ба мақсаду вазифаҳои таҳқиқот мувофиқ буда, аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот ва рӯйхати адабиёт (маъхазҳо) таркиб ёфтааст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 210 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АМНИЯТИ МИЛЛӢ ҲАМЧУН ОБЪЕКТИ ҲИФЗИ ҲУҚУҚИИ ДАВЛАТӢ

## 1.1. Амнияти миллӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ

Истилоҳи амният яке аз мафҳумҳои бунёдии илми ҳуқуқшиносӣ мебошад. Мафҳуми амният одатан ҳамчун «ҳолати муҳофизат»[46] аз «омилҳои таҳдидкунанда»[47] ё «манфиатҳои ҳаётан муҳим»-и касе аз «таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ»[48] фаҳмида мешаванд. Аломатҳои мафҳуми «амният» зарурати таъсири пешгирикунанда ё муҳофизатии шахсони ваколатдорро ба зуҳурот ё раванд, бо мақсади кам кардан ё безарар гардонидани таъсири омилҳои таҳдидкунандае, ки дар ниҳоят бояд манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ муҳофизат кунанд, нишон медиҳанд. Ҳамзамон мафҳумҳои амниятии ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаҳрванд, ҳифз ва масъулияти онҳо, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳатии аҳолӣ, тамомияти арзии ҷумҳурӣ, дар моддаҳои 14, 17, 18, 22, 23, 25, 26, 30, 31 ва дигар[49] моддаҳои Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон тафсир ёфтаанд. Ғайр аз он, омилҳои «амниятӣ» бояд ҳамчун як шарти пешбурди фаъолияти устувор ва ҳамбастагии ҳама гуна механизми таълимӣ дар таъмини амнияти миллӣ ба инобат гирифта шаванд. Чи тавре, ки олимони ватанӣ[50] зикр кардаанд, ба меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқи конститутсиониро ташкил менамоянд, меъёри низоми мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва иҷроияи давлатӣ, низоми худидораи маҳаллӣ, тартиби таъсисёбӣ ва фаъолият, салоҳияти онҳоро муқаррар ва танзимкунанда, тааллуқ доранд. Амниятро ҳамчун давлат дар зери таъсири фаъоли омилҳои манфӣ ифода кардан мумкин нест, бинобар ин, барои муайян кардани ин ё он намуди амният

---

[46] Никитин Д.А. Конституционно-правовые основы безопасности личности в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Саратов, 2005. – С. 6, 10.
[47] Краткий юридический словарь / Отв. ред. А.В. Малько. – М.: Проспект, 2007. – С. 59.
[48] Конституционное право. Энциклопедический словарь / Под ред. С.А. Авакьяна. – М.: Норма, 2001. – С. 135-136.
[49] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016. – Душанбе: Ирфон. – 76 с.
[50] Ниг.:Имомов Ашӯрбой. Ҳуқуқи конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо / Муҳар. масъул: А.М. Диноршоев. – Душанбе: Офест Империя, 2017. – С. 17.

маҷмуи ин омилҳоро муайян намуда, системаи чораҳои муборизаи зидди онҳо таҳия карда мешавад. Аммо, вобаста ба доираи амният, маҷмуи омилҳо ва чораҳои зидди онҳо гуногун хоҳад буд. Илова бар ин, ин омилҳо ва тадбирҳо статикӣ нестанд, онҳо дар ҳолати динамикӣ ва рушди муттасил мебошанд. Ҳамаи ин ҷараёни омӯзиши амниятро ҳамчун категория ва институти ҳуқуқшиносӣ душвор мегардонад.

Мафҳуми амният чунон васеъ ва мураккаб аст, ки аксари олимон навъҳои мушаххаси амниятро, ки як соҳаи муайяни муносибатҳои иҷтимоиро муайян мекунанд, бартарӣ медиҳанд. Аслан, амният маънои мавҷуд надоштани хатарро дорад, ки ин намунаи категорияи амният дар маънои фишурдагии калима мебошад. Аз нуқтаи назари амалӣ, ин арзиш хислатҳои шартӣ дорад, зеро дар ҳолатҳои воқеии ҳаёт вуҷуд надоштани таҳдиду хатарҳо хеле каманд. Аҳаммияти васеъи категорияи амният, ки аз ҳамгироии воқеии одамон ва объектҳои иҷтимоӣ бо вазъу омилҳои сершуморе, ки ба онҳо таъсири манфӣ ва харобкунанда доранд, зиёдтар воқеӣ мебошад. Пешгирӣ, заифӣ, безараргардонии ин таъсирот ба ҳаёт, некӯаҳволӣ, фаъолияти муътадили одамон, объектҳои иҷтимоӣ, инчунин нигоҳ доштани ҳаёти онҳо дар сатҳе, ки аз ҳадди ҷоизӣ (интиқодӣ)-и ҳадди ақҷал пасттар нест маънои мухталифи амниятро ифода мекунад.

Дар таълимоти ҳуқуқшиносӣ ва корҳои илмии олимони хориҷиву ватанӣ ба мафҳумҳои «ҳарбӣ», «ҳарбӣ-иҷтимоъӣ», «иттилоотӣ», «криминологӣ», «муассисаи ислоҳӣ», «иҷтимоӣ-сиёсӣ», «молиявӣ», «экологӣ», «иқтисодӣ», «сарҳадӣ», «минтақавӣ», «ҳуқуқӣ» ва дигар намудҳои амният метавон истинод дод. Дар баробари ин, муаллифон одатан мафҳумҳои зеринро дар байни категорияҳои васеъ дохил мекунанд: «амнияти давлатӣ», «амнияти ҷамъиятӣ», «амнияти шахсӣ», «амнияти миллӣ» ва «таъминоти иҷтимоӣ». Масъалан, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи «амнияти сарҳадӣ» дар даврони Шуравӣ ва замони истиқлолият ба таври зарурӣ мавриди баррасӣ қарор нагирифтааст, аммо баъзе паҳлӯҳои алоҳидаи он аз ҷониби олимони

ватанӣ, ба мисли Н.А. Акрамов[51], О.Б. Бокиев[52], Б.И. Искандаров[53], Д. Карамшоев[54], Р.М. Масов[55], Н.М. Назаршоев[56] ва дигарон мавриди пажуҳиш қарор гирифтаанд. Масъалаҳои дигари муосири «амнияти минтақавӣ» дар фазои пасошуравии Осиёи Марказӣ аз қабили низоъҳои марзӣ, баҳсҳои замину об, мушкилоти энергетикӣ, сарватҳои зеризаминӣ, этникӣ, мазҳабӣ ва ғайраҳо, ҳамчун омили тавлидкунандаи муноқишаҳо буда, ҳамзамон ба амнияти миллӣ таҳдиди бузург эҷод карда метавонанд. Ин масъала дар соли 2013 аз тарафи олими ватанӣ А. Имомов[57] мавриди таҳқиқот қарор гирифта то ҳанӯз мубраммияти хешро аз даст надодааст.

Мафҳуми меъёрии истилоҳи «амният» бори нахуст ҳамчун таркиби ҷудонашаванда дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011[58] истифода шудааст, ки тибқи он амният мафҳуми ҳолати ҳифз фаҳмида мешавад, ки манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишварро аз таҳдидҳои воқеии эҳтимолии дохилӣ ва хориҷиро дар бар мегирад. Ин мафҳум мансуб ба тафсири васеъ, маънои онро дорад, ки таъмини амният инҳоро дар бар мегирад:

1) шахс, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

2) манфиатҳои ҳаётӣ – маҷмуи эҳтиёҷоте, ки қонеъ гардонидани онҳо мавҷудият ва имкониятҳои рушди пай дар пайи шахсият, ҷомеа ва давлатро боэътимод таъмин менамояд;

3) ба объектҳои асосии амният инҳо дохил мешаванд: инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқу озодиҳои онҳо, ҷамъият, сарватҳои моддию маънавии он, давлат, сохти конститутсионии он, истиқлолият ва тамомияти арзии он;

---

[51] Ниг.: Акрамов Н.А. Очерки по истории Советского Бадахшана. – Душанбе, 1985. – 503 с.
[52] Ниг.: Бокиев О.Б. Завоевание и присоединение Таджикистана к России. – Душанбе, 1994. – 268 с.
[53] Ниг.: Искандаров Б.И. Восточная Бухара и Памир во второй половине XIX века. – Душанбе, 1962. – 356 с.
[54] Ниг.: Карамшоев Д.К., Харковчук И.Л. Пограничники и жители Памира. – Душанбе, 1995. – 148 с.
[55] Ниг.: Масов Р.М. История топорного разделения. – Душанбе, 1991. – 189 с.
[56] Ниг.: Назаршоев Н.М. Военная история Таджикистана. – Душанбе, 2002. – 573 с.
[57] Ниг.: Имомов Ашӯрбой. Территориальные и земельно-водные конфликты в Центральной Азии: взгляд из Таджикистана/ Ашӯрбой Имомов // «Центральная Азия и Кавказ» Журнал социально – политических исследований. – 2013. – Том 16. – Выпуск 2. – С. 124-139.
[58] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (манбаи дастрасӣ: 20.09.2021).

4) субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, ки дар ин самт вазифаҳоро тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд. Давлат тибқи қонунгузории амалкунанда бехатарии ҳар як шаҳрвандро дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин менамояд. Ба шаҳрвандони Тоҷикистон, ки берун аз ҳудуди он қарор доранд, ҳимоя ва сарпарастии давлат кафолат дода мешавад;

5) шаҳрвандон, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигар ташкилоту иттиҳодияҳо субъектҳои амният буда, ҳуқуқ ва уҳдадориҳо доранд, ки дар таъмини амният тибқи қонунгузории кишвар, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар доираи салоҳияти онҳо дар ин самт. Давлат ҳифзи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон, ташкилоту иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва дигарро, ки ба таъмини амният мувофиқи қонун кӯмак мекунанд, таъмин менамояд;

6) таҳдиди амният – маҷмуи шароит ва омилҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётии шахс, ҷомеа ва давлат хатар эҷод мекунанд. Таҳдиди воқеӣ ва потенсиалии объектҳои амният, ки аз манбаъҳои дохилӣ ва берунии хатар бармеоянд, мазмуни фаъолияти таъмини амнияти дохилию беруниро муайян мекунад;

7) амният тавассути пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи амният, системаи тадбирҳои дорои хусусияти иқтисодӣ, сиёсӣ, ташкилӣ ва дигар, ки ба таҳдиди манфиатҳои ҳаётии шахсият, ҷомеа ва давлат мувофиқанд, ба даст оварда мешавад. Барои ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани сатҳи зарурии ҳифзи иншооти муҳофизатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи меъёрҳои ҳуқуқӣ таҳия карда мешавад, ки муносибатҳоро дар соҳаи амният танзим намуда, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва идоракуниро дар ин самт муайян мекунанд, мақомоти амният ва механизми назорат ва назорати фаъолияти онҳо ташаккул ё тағйир дода мешаванд. Барои иҷрои бевоситаи вазифаҳои таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат дар системаи ҳокимияти иҷроия тибқи қонун мақомоти амнияти давлатӣ ташкил карда мешаванд;

8) принсипҳои асосии таъмини амният инҳоянд: эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; қонуният; масъулияти мутақобилаи шахс ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлат барои таъмини амният; иттилооти оперативии мутақобила ва ҳамоҳангсозии амалиёти неруҳои амниятӣ; ягонагӣ, алоқа ва мувозинати ҳамаи намудҳои амният; афзалияти тадбирҳои сиёсӣ, иктисодӣ ва ахборотӣ; назорат аз болои иҷрои тамоми маҷмӯи тадбирҳои муҳофизати амният; муттаҳидшавӣ бо системаҳои амнияти байналмилалӣ[59].

Амният на танҳо категорияи умумии ҳуқуқӣ, балки категорияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ низ мебошад. Ҳуқуқи конститутсионӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқшиносӣ, илм ва фанни таълимӣ объект ва предмет, методология, ҳадафҳо, шохаҳо ва вазифаҳои мушаххаси худро дорад. Пешгирии хатар мақсади асосии танзими конститутсионию ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ нест. Аммо таҳдиди хатарро нисбат ба институтҳои гуногуни ҳуқуқӣ-конститутсионӣ – асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, сохтори давлатӣ, ҳукумат, ташкили мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, худидоракунии маҳаллӣ мушоҳида кардан мумкин аст. Илова бар ин, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ метавонад ҳамчун воситаи таъмини амнияти ҷомеа, шахс ва давлат на танҳо дар ҳуқуқи конститутсионӣ, балки дар дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ низ амал кунад. Дар ҳамаи ин мавридҳо проблемаи таъмини амният мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пайдо мекунад. Бешубҳа, амнияти ҷамъиятро танҳо дар асоси конститутсионӣ таъмин кардан мумкин аст. Чунки, худи категорияи «амнияти миллӣ» функсияҳои худро тавассути фароҳам овардани муҳити бехатар барои давлат, инсон ва ҷомеа иҷро мекунанд. Ин шартҳоро дар якҷоягӣ (яъне таркиби воқеӣ) метавон, ҳамчун ҷанбаҳои амният ё ҳолати мураккаб муайян кард, ки эҳтимолияти фаъолияти устувор ва рушди соҳаҳои иҷтимоӣ аз он вобаста мебошанд.

[59] Закон Российской Федерации «О безопасности» от 5 марта 1992 г. с послед. изм. // ВВС РФ. – 1992. – №15. – Ст. 769; СЗ РФ. – 2002. – №30. – Ст. 3033; – 2005. – №10. – Ст. 763; – 2008. – №26. – Ст. 3022. Утратил силу. Федеральный закон «О безопасности» от 28 декабря 2010 г. // СЗ РФ. – 2011. – №1. – С. 2.

Н.С. Бондар дуруст таъкид мекунад, ки амният «категорияи конститутсионие мебошад, ки мазмуни ҳуқуқии он ҳанӯз асоснокии дурусти илмӣ нагирифтааст»[60]. Муаллиф бо тасдиқи нуқтаи назари зикршуда ба чунин объектҳои конститутсиониро ба монанди «амнияти ҷисмонӣ» (моддаҳои 20-23 Конститутсияи Федератсияи Россия), «амнияти давлат» (қисми 3 моддаи 4, қисми 5 моддаи 13, қисми 3 моддаи 55 Конститутсияи Федератсияи Россия), «амнияти ҷомеа» (қисми 2 моддаи 7 Конститутсияи Федератсияи Россия)[61] ишора мекунад.

Ба андешаи мо, амниятро ҳамчун як категорияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ чунин фаҳмидан лозим аст: он як падидаи мураккаби ҳуқуқӣ-конститутсионӣ буда, мазмуни он бо аломатҳои категорӣ ва институтсионалӣ, аз ҷумла асосҳои доктриналӣ ва ҳуқуқии кафолати амнияти конститутсиониро ифода мекунад, тартиб ва то ҳадди имкон кам кардани номутаносибии байни императивҳои афзалияти аксиологии шахс, ҳуқуқу озодиҳои ӯ ва амнияти воқеии давлат, ҷомеа ва шахсият мебошад.

Дар ин ҷо муносибатҳои конститутсионӣ объекти ҳифзи ҳуқуқии ягона нестанд. Баръакс, объекти фаъолияти ҳуқуқи инсон тамоми соҳаҳои ҳаёти шахс, ҷамъият ва давлатро фаро мегирад. Дар ин маврид танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ пеш аз ҳама ҳамчун воситаи таъмини амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ, ниҳоят миллӣ амал мекунад. Ба чунин механизмҳо, аз ҷумла, инҳо дохил мешаванд: волоияти ҳуқуқи инсон, соҳибихтиёрии халқ, тақсимоти ваколатҳо, муайян кардани салоҳият ва ваколатҳо байни субъектҳои ҷамъиятӣ-ҳудудӣ, мақомоти давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, додани салоҳияти таъмини амният ба шахсони дахлдор; ташкили хадамоти махсусгардонидашуда ва муайян намудани вазъи ҳуқуқӣ-конститутсионии онҳо.

---

[60] Бондарь Н.С. Конституционная безопасность личности, общества, государства: постановка проблемы в свете конституционного правосудия, обеспечения социальной справедливости, равенства и прав человека / Н.С. Бондарь // Законодательство и экономика. – 2004. – №4. – С. 15.
[61] Конституция Российской Федерации (принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 года с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 1 июля 2020 года). [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constitutionrf.ru/ (санаи муроҷиат: 11.01.2022).

Шарҳи каме дигар дар қонуни конститутсионӣ ҷанбаи ниҳодинавии таъмини амнияти шахсият, ҷомеа ва давлатро дорад. Дар ин ҳолат маҳз муносибатҳои конститутсионӣ ҳамчун объекти мушаххас амал мекунанд, ки на танҳо тавассути ҳуқуқи конститутсионӣ, балки бо дигар воситаҳо ҳам ба ҳифзи ҳуқуқ эҳтиёҷ доранд. Муваффақтарин категорияи ҳуқуқӣ барои муайян кардани моҳияти ин падида, ба ақидаи аксари муаллифон, мафҳуми «амнияти конститутсионӣ» мебошад.

Ба гуфтаи С.А. Дмитрова, «амнияти конститутсионӣ» қисми амнияти давлатӣ ва миллӣ мебошад. Дар баробари ин, муаллиф чунин мешуморад, ки амнияти конститутсионӣ ҳолати ҳифзи сохти конститутсионӣ аз таҳдидҳои «пеш аз ҳама дорои хусусияти дохилӣ»[62]-ро дорад. Аз нуқтаи назари дар боло зикршуда, на танҳо бартариятҳо, балки камбудиҳоро низ ҷудо кардан мумкин аст. Аз як тараф, муҳаққиқ дуруст ба тафсири маҳдудкунандаи истилоҳи «амнияти конститутсионӣ» риоя намуда, аз ҳамсонсозии он бо мафҳумҳои васеътари «амнияти давлатӣ» ва «амнияти миллӣ» худдорӣ мекунад. Аз тарафи дигар, муаллиф ба тафсири фишурдаи мафҳум мавриди баррасӣ қарор гирифта, онро бо доираи таҳдидҳои дохилии сохти конститутсионӣ маҳдуд мекунад ва ҳамзамон як қатор ниҳодҳои дигари ҳуқуқӣ-конститутсиониро, ки ба ҳимояи муносиби ҳуқуқӣ ниёз доранд, истисно мекунад.

Ҳамин тариқ, мо бо такя ба равишҳои гуногун ва таҳқиқоти илмии худ ба чунин фаҳмиш меоем, ки амнияти конститутсионӣ на танҳо ҳамчун низоми мушаххаси таърихии муносибатҳои ҷамъиятие, ки ба Конститутсияи амалкунанда ва аз қонунҳои ҳуқуқӣ асос ёфтааст, баррасӣ карда мешаванд. Амнияти конститутсионӣ – ин давлати устувори сиёсию ҳуқуқии ҷомеа мебошад, ки қонуният ва устувории ҳокимиятро ба муддати номуайян, соҳибихтиёрии кишвар ва ҳифзи ҳуқуқии шахсиятро кафолат медиҳад.

[62] Дмитрова С.А. Обеспечение конституционной безопасности федеративного государства в условиях современного развития Российской Федерации (конституционно-правовой аспект): автореф. дис. … канд. юрид. наук. – Хабаровск, 2007. – С. 7.

Вобаста ба ин дар асоси таҳлили моддаи 11 Конститутсия[63], Ҷумҳурии Тоҷикистон ва иштироки он дар ҷараёни таъмини амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ хулоса баровардан мумкин аст, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин замина роҷеъ ба мушкилоти амнияти минтақавӣ дар ҳоли рушд қарор дорад. Новобаста бар ҳамаи ин, дар давраи рушди мустақилият (аз соли 1991 то ба имрӯз) кишвар дар механизми муносибатҳои байналмилалӣ мавқеи намоёнро ишғол намуда истодааст. Тоҷикистон консепсияи сиёсати хориҷии худро таҳия карда, заминаи ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалиро мукаммал намуда, на танҳо бо бисёр давлатҳои ҳамҷавор, балки бо бисёр давлатҳои ғарбӣ ва шарқӣ муносибатҳои дӯстона ва шарикӣ барқарор кардааст, ки дар таъмини «амнияти конститутсионӣ» ва «амнияти минтақавӣ» роҳи беназир аст.

Дар Тоҷикистони муосир асосҳои таъмини «амнияти конститутсионӣ» дар Конститутсияи амалкунанда, як қатор қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ муқаррар карда шудаанд, ки дар онҳо суботи сиёсӣ, ҳифзи сохти конститутсионӣ ва ҳуқуқи инсон, унсурҳои асосии ташаккули тавонои давлати мустақил дониста мешаванд. Қобили зикр аст, ки ҳамзамон масъалаҳои таъмини субот ва амният дар ҷаҳони зудтағйирёбанда бағоят муҳим мебошад.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкат, дар фаъолияти созмонҳои низомӣ ва минтақавӣ, аз қабили Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай, Конфронси ҳамкорӣ ва чораҳои пурэътимод дар Осиё, Қалби Осиё – Раванди Истанбул низ муҳим арзёбӣ мегардад. Фаъолияти ин иттиҳодияҳо ба пешгирии таҳдидҳо ба монанди экстремизми динӣ, ҷинояткории муташаккил ва фаромиллӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ, қочоқи маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон ва ғайра, яъне таъмини амният дар сатҳи «миллӣ», «минтақавӣ» ва «байналмилалӣ» нигаронида шудаанд.

[63] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

Аз ҷумла, масъалаҳои «амнияти миллӣ» дар Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22.12.2017 с., 26.12.2018 с., 26.12.2019 с., 21.12.2021 с[64]. пай дар пай таъкид шудааст. Илова бар ин, дар як қатор қонунҳои ҷумҳурӣ: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» аз 26 июни соли 2003, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок» аз 28 феврали соли 2004, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 1 марти соли 2005, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншооти гидротехникӣ» аз 29 декабри соли 2010, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии нақлиёт» аз 4 апрели соли 2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 августи соли 2012, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» аз 22 феврали соли 2017, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини бехатарии экологии нақлиёти автомобилӣ» аз 17 июни соли 2017, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ ва ҳифзи биологӣ» аз 29 январи соли 2021 ва дигар санадҳои меъёрӣ, масъалаҳои таъмини «амнияти миллӣ» баррасӣ шудаанд.

Таҳлили адабиётҳо нишон медиҳад, ки мафҳуми амнияти конститутсионӣ хусусияти бисёрҷанба дошта, дар баробари кафолатҳои ташкилию хориҷӣ системаи мақомоти ҳокимияти давлатиро дар бар мегирад, ки бо тартиби муқаррааргардида Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳимояи манфиатҳои шахсият ваколатҳои таъмини волоияти Конститутсияро доранд. Дар қонунгузории конститутсионӣ давлат ва мақомоти он субъектҳои асосии таъмини амнияти конститутсионӣ номбар шудаанд. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 муқаррар шудааст, ки «субъекти асосии амният давлат мебошад, ки вазифаҳоро дар ин соҳа

[64] Ниг.: Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Э. Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22.12.2017, 26.12.2018, 26.12.2019, 21.12.2021 [Манбаи электронӣ]: Реҷаи дастрасӣ: http://www.prezident.tj/. (санаи дастрасӣ 21.05.22с.).

тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ иҷро менамояд» (қисми 1 моддаи 4)[65].

Илова бар ин, дар ҷанбаи ниҳодинавӣ ҳамаи субъектҳо як ҷузъиёти сохтории механизми давлат мебошанд, ки ҳар яки онҳо дар доираи имкониятҳои худ, вазифаҳои назоратӣ ва танзимиро ҷиҳати нигоҳ доштани низоми амнияти конститутсионӣ амалӣ мекунанд.

Дар байни субъектҳо роҳбарии таъмини амният бечунучаро ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тааллуқ дорад, ки мақоми махсуси конститутсионӣ, ваколати васеъи салоҳиятдорӣ, масунияти ҳуқуқӣ ва кафолатҳои конститутсионӣ фаъолият дорад. Пас аз пошхӯрии Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) ва ташаккули давлатҳои мустақил дар фазои пасошуравӣ Осиёи Марказӣ ба минтақае табдил ёфт, ки дар механизми ҳамоҳангсозии геополитикии тамоми фазои Авруосиё нақши калидӣ гузошт. Ин воқеаи муҳимми сиёсӣ дар ҳаёти халқи тоҷик то дараҷае натиҷаи худогоҳӣ ва худшиносии миллии рӯшанфикрони онвақтаи тоҷик ҳам буд. Вале раванди ҳодисоти таърихӣ собит сохт, ки на ҳама рӯшанфикрони он солҳо фаҳмиши хуби сиёсӣ ва миллӣ доштанд. Бар асари кундфаҳмӣ ва лағжишҳои зиёди сиёсӣ, гаравидан ба ҳаракату тӯдаҳо як ҳиссаи зиёиён ба миллати худ «хидмати хирсона»[66] карданд. Ҳатто баъзе шахсиятҳои намоёни онвақтаи тоҷик дастёри бадхоҳону душманони халқи тоҷик гардиданд. Дар асоси қонуни конститутсионӣ сарвари кишвар, барои ҳифзи соҳибихтиёрии давлат, истиқлолият ва тамомияти арзии он тамоми чораҳои зарурмро меандешад. Вай ҳамчун ҳаками олӣ ва кафили сулҳи сиёсӣ, мутобиқи кор дар ҳамкории байни ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва масъулияти онҳоро дар назди халқ таъмин мекунад.

Дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ҷанбаҳои муҳимми салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз он иборат аст, ки ҳангоми таҳдиди воқеӣ ба амнияти давлат ӯ ҳолати ҳарбӣ эълон намуда, дар

[65] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.09.2021).
[66] Раҳмонов Э.Ш. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 20-21.

ин бора Фармон барои тасдиқ ба маҷлиси муштараки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон (тағйироти раъйпурсии аз 22.06.2003)[67] пешниҳод мекунад. Илова бар ин, дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016 яке аз салоҳиятҳои Президент зикр гардидааст, ки «Муроҷиатнома ба мардуми Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, ва шахсони мансабдор, шахсоне, ки аз рӯйи масъалаҳои муҳимми сохти давлатӣ, амнияти кишвар, сиёсати дохилию хориҷие, ки баррасии он барои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ» (қ. 1 б. 2. м. 3)[68].

Таҷрибаи муосири конститутсионии ватанӣ нишон медиҳад, ки дар механизми амнияти конститутсионӣ ба мақоми олии намояндагии ҳокимияти давлатӣ – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (парламент) нақши баробар муҳим дорад, ки вобаста ба шакли давлатдорӣ имкониятҳои назорати хеле васеъро дорост. Дар соҳаи таъмини амнияти Тоҷикистон ба дӯши ҳокимияти иҷроия мавқеи муҳим гузошта шудааст. Дар механизми ҳифзи сохти конститутсионӣ, Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, судҳо ва мақомоти додситонӣ, ки вазифаи ҳуқуқи инсонро дар давлат иҷро мекунанд, низ иштирок доранд. Фаъолияти пурҷӯшу хурӯши ин ниҳодҳо, ба коҳиши таҳдидҳои ҳуқуқӣ, ҳифзи манфиатҳои миллии кишварамон, инчунин ҳуқуқу озодиҳои инсон нигаронида шудааст.

Объектҳои амнияти конститутсионӣ, инчунин аз ҷиҳати қонун афзалиятҳои асосии Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун таъмини ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи асосҳои сохти конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи миллӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ (бо ислоҳи

[67] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[68] Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016, таҳти №1356 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

раъйпурсии умумихалқӣ аз 22 майи соли 2016)[69] муайян карда шудаанд. Дар асоси меъёрҳои конститутсионӣ Қонун «Дар бораи амният»[70] аз самтҳои афзалиятнок зарурати татбиқи принсипҳои асосии фаъолияти ҷумҳуриро муқаррар кардааст, ки инҳоянд: эҳтиром ва риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; қонуният; масъулияти мутақобилаи шахс ва шаҳрванд, ҷомеа ва давлат барои таъмини амният; иттилооти оперативии мутақобила ва ҳамоҳангсозии амалиёти неруҳои амниятӣ; ягонагӣ, алоқа ва мувозинати ҳамаи намудҳои амният; афзалияти тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва ахборотӣ; назорат аз болои иҷрои тамоми маҷмуи тадбирҳои муҳофизати амният; ҳамгирой бо системаҳои амнияти байналмилалӣ[71].

Аз ҷумла, Ю.А. Голик ба таври амиқ диққатро ба чунин таҳдид ба амнияти конститусионӣ, монанди «пароканда шудан ба сохти давлатӣ, аз даст додани сохибихтиёрӣ» ва «вобастагии мамлакат аз давлатҳои хориҷӣ»[72] ҷалб мекунад. Ба фикри мо, дар ин ҷо мафҳуми «амнияти конститутсионӣ» характери бештар равшани сиёсати берунӣ пайдо мекунад, хусусан агар ба назар гирем, ки соҳибихтиёрии давлат объекти танзими ҳуқуқӣ-конститусионии муносибатҳои ҷамъиятие мебошад.

Дар ин бобат мавқеи гурӯҳи муаллифон зери таҳрири С. В. Степашин, ки дар бораи «бехатарии давлат, ҷамъият ва шахс аз кирдорҳои характери ғайриконститутсионӣ»[73] сухан ронданро афзал медонад. Бар асоси ин ба назари мо чунин менамояд, ки амнияти конститутсионӣ пеш аз ҳама амнияти сиёсию ҳуқуқии давлат, ҷомеа ва шахс, ҳамчун ҷузъҳои асосии он, аввалан, объекти мушаххаси танзим, ҳимоя ва ҳифзи он фаҳмида мешавад (яъне муносибатҳои сиёсию ҳуқуқӣ дар ягонагӣ ва пайвастагии системавии онҳо);

---

[69] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[70] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.09.2021).
[71] Ниг.: ҳамон ҷо.
[72] Голик Ю.А. Глобализация преступности и преступность глобализации / Ю.А. Голик // Федерализм. – 2002. – №1. – С. 135.
[73] Проблемы законодательного обеспечения национальной безопасности Российской Федерации / Под ред. С.В. Степашина. – М.: Финансовый контроль, 2003. – С. 40.

дуюм, таркиби махсуси субъективии муносибатҳои ҳуқуқии конститутсионӣ (давлат, ҷамъият, шахс).

Ҳамзамон, қонуни конститутсионӣ дар робита ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ нақши ҳамоҳангсозро таъмин намуда, рушди онҳоро ҳавасманд менамояд, асосҳои демократӣ ва одилонаи танзими муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ, молиявӣ ва дигар ҳуқуқҳоро кафолат медиҳад. Вазифаи асосиро дар ин маврид маҷмуи манфиатҳои миллии мамлакати мо иҷро мекунад, ки дар принсипҳо, ниҳодҳо ва меъёрҳои конститутсионӣ ифода ёфтаанд.

Ба гуфтаи Л.Ю. Кузнетсова, манфиатҳои миллӣ на танҳо маҷмуи «манфиатҳои мутавозини шахсият, ҷомеа ва давлат» дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти давлат мебошанд. Муҳим аст, ки «онҳо характери дарозмуддат дошта, мақсадҳои асосӣ, вазифаҳои стратегӣ ва ҷории сиёсати дохилӣ ва берунии давлатро муайян мекунанд»[74]. Ҳамин тариқ, огоҳии сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дар механизми таъмини амнияти конститутсионӣ як дастури муҳим буда, берун аз таҳлили сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат муайян кардани ҳудуди танзими конститутсионии ин муносибатҳои ҷамъиятӣ мушкил аст.

Илми давлати ватанӣ муддати тулонӣ аз зикри муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун объекти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ (давлатӣ-ҳуқуқӣ) худдорӣ мекард. Дар асоси муқаррароти дар боло овардашуда, мо метавонем ба хулосае оем, ки субъекти ҳуқуқӣ-конститутсионии дохилӣ ҳамчун як соҳаи ҳуқуқ муносибатҳои асосии ҷамъиятие мебошанд, ки инҳоянд: асосҳои сохти конститутсионии (ҷамъиятии) давлат, моҳият ва шаклҳои ҳокимияти давлатӣ, одамон; асоси вазъи ҳуқуқии шахс; сохтори давлатии Тоҷикистон; система, тартиби ташкил, принсипҳои ташкил ва механизми фаъолияти органҳои ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

[74] Кузнецова Л.Ю. Экономическая безопасность российского государства как конституционное условие реализации экономического строя / Конституционное развитие России. – Саратов: СГАП, 2008. – С. 82.

Аз нуқтаи назари С.А. Авакян, гуфтан мумкин аст, ки мафҳумҳои[75] «амнияти конститутсионӣ» ва «амнияти сохти конститутсионӣ» доираи умумӣ ва дар айни замон соҳаҳои гуногуни татбиқ доранд. Амнияти конститутсионӣ на дар ҳама мавридҳо дар айни замон амнияти сохти конститутсионӣ мебошад, чунон ки амнияти сохти конститутсионӣ на ҳамеша дар шакли амнияти конститутсионӣ ифода меёбад. Аммо дар мафҳуми «амнияти сохти конститутсионӣ» ҷузъи сиёсӣ муҳимтарин аст. Дар аксари мавридҳо маҳз муносибатҳои сиёсӣ аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ ба сохти конститутсионии давлат ҳимояи муносиби ҳуқуқӣ доранд.

Дар ҷанбаи ниҳодинавӣ, амнияти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ як системаи мураккаби меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки ба монанди институти масъулияти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар аксари институтҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ фаро гирифта шудааст. Амнияти конститутсионӣ ба мақсади ҳифзи якпорчагии давлат, соҳибихтиёрӣ ва ваҳдати Тоҷикистон, таъмини мавқеъҳои пешбарии он дар ҷомеаи байналмилалӣ, рушди бемайлони демократия ва ҳуқуқи инсон хизмат мекунад. Мо чунин мешуморем, ки институти амнияти сохти конститутсионӣ, маҷмуи воҳидҳои дохилии сохторие мебошад, ки субъекти мустақили танзими ҳуқуқӣ дошта, бо як ҳадаф, ваколатҳо, вазифаҳо ва усулҳои таъсири танзимкунанда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ муттаҳид шудаанд. Хусусиятҳои ин институт дараҷаи баланди расмиятдарорӣ, сохтори иерархикии ҳодисаҳо ва равандҳо, моделсозии назариявӣ ва умумикунонии меъёрии онҳоро дар бар мегиранд. А.И. Зубков[76] чунин таҳдидҳоро ба амнияти миллӣ, монанди вазъияти иқтисодиёт, ташкили ҳокимият, ҷамъияти шаҳрвандӣ, қутбшавии ҷамъият, ҷинояткорӣ, терроризм, муносибатҳои байни миллатҳо ва байналмилалӣ дуруст нишон медиҳад. Ҳар яке аз ин мушкилот ҷанбаҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дорад, дар ҳоле ки ташкили ҳокимият соҳаи сиёсӣ буда,

[75] Ниг.: Авакьян С.А. (ред.) Конституционно-правовая ответственность: проблемы России, опыт зарубежных стран. – Москва, МГУ, 2001. – 474 с.
[76] Ниг.: Зубков А.И. Геополитика и проблемы национальной безопасности России. – СПб.: Пресс, 2004. – С. 142-143.

объекти танзими бевоситаи конститутсионӣ мебошад. Агар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, шаҳрӣ ва ҷамъиятӣ дуруст ташкил карда нашаванд, дар онҳо таносуби озодӣ ва масъулият мавҷуд набошад, ваколатҳо дар доираи салоҳияти як шоха ё мансабдор мутамарказ бошанд, ба сохти конститутсионӣ ноустуворӣ таҳдид мекунад. Аз ин рӯ, дар соҳаи сиёсати дохилӣ ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, бояд ҳадди ақал тамомияти арзӣ ва ҳудуди ваколатҳоро бо ягонагии низоми идоракунӣ дар асоси консепсияи демократияи конститутсионӣ таъмин карда шавад.

Демократия, ки яке аз арзишҳои бунёдии конститутсиониест, бинобар ин як қатор таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ худи он бояд ҳифз карда шавад. Давлати демократӣ сохторе мебошад, ки дар он аз як тараф шохиси демократия дар амал татбиқ мегардад, яъне ҳокимияти воқеӣ ба мардум тааллуқ дорад, аз тарафи дигар, ҳуқуқу озодиҳои инсон арзиши олӣ дошта ҳамзамон аз тарафи давлат таъмин ва муҳофизат карда мешаванд. Бо чунин муносибат ба арзёбии хусусияти демократии сохти конститутсионӣ, таҳдидҳои асосии амнияти конститутсионӣ аз инҳо иборатанд: татбиқи нокифояи соҳибихтиёрии халқ; тасарруфи қудрат; эътироф накардан ва риоя накардани ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон; ороиши демократия; таъсири нокифоя (таъсири) шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои қабули қарорҳои муайян; ягонагии ақидавию сиёсӣ, сохти якҳизбӣ; кафолатҳои нокифояи конститусионӣ ва амалӣ гардондани ҳуқуқу озодиҳо.

Вале, демократия ягона арзиши конститутсионӣ нест. Барои таъмини амният давлат маҷбур аст, ки ҳуқуқу озодиҳои конститутсиониро маҳдуд созад, ки бевосита дар қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи амалкунандаи Тоҷикистон омадааст. Маҳдудиятҳои асосноки ҳуқуқ ва озодиҳои онҳоро ҳамчун вайронкунии ғайриқонунии онҳо маънидод кардан мумкин нест. Илова бар ин, ба далелҳои амниятӣ озодии сиёсӣ, гуногунандешӣ, низоми бисёрҳизбӣ ва демократия низ метавонад мавриди маҳдудиятҳои оқилона қарор гирад, аммо ин набояд моҳияти давлатдории тоҷиконро ҳамчун

демократӣ ва ҳуқуқӣ таҳриф кунад. Фоҷиаи 1 сентябри соли 2004 дар Беслан ва ҳамчунин ҳодисаҳои 11 сентябри соли 2001 дар Ню-Йорк боиси «зарурияти дарёфти роҳҳои таъмини амнияти миллии кишвар, ки ба таҳдидҳои муосир ҷавобгӯ мебошад»[77] овардааст.

Манфиатҳои амнияти миллӣ ба яке аз арзишҳои муҳимми конститутсионӣ табдил меёбанд, ки дар баробари волоияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҷзияи ваколатҳо, худидоракунии маҳаллӣ, ҷудокунии ваколатҳо дар қонунгузорӣ ва амалияи татбиқи ҳуқуқ мавриди баррасӣ бо салоҳият ва ваколатҳои байни сохторҳои қудратӣ қарор мегиранд.

Дар соҳаи сиёсии дохилӣ гурӯҳи гуногуни манфиатдор на ҳамеша ба «вектори умумии манфиатҳои аксарияти аҳолӣ» табдил меёбанд, ки хатари бо роҳҳои радикалӣ татбиқи сиёсатро ба бор меорад, ки вазъи иҷтимоию сиёсиро ноором мекунад. Масалан, сиёсатшинос К.С. Шарипова дуруст қайд мекунад, ки ҳанӯз дар охири солҳои 90-уми асри гузашта дар Осиёи Марказӣ созмонҳои динии ифротӣ, аз қабили Ҳаракати исломии Узбекистон (ҲИУ), Ҳизбут-Таҳрир, Ҳаракати исломии Туркистони Шарқӣ ва ғайра пайдо шуданд, ки дар якҷоягӣ бо сепаратизми миллӣ ва терроризми байналмилалӣ ба амнияти Осиёи Марказӣ таҳдиди ҷиддӣ эҷод мекард. Аз ин лиҳоз барои Ҷумҳурии Тоҷикистон, иштирок дар иттиҳоди пешбари ҳарбӣ-сиёсӣ дар фазои пасошуравии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) аҳаммияти стратегӣ дорад. Эътибор ва қудрати низомии СААД, СҲШ ба тavри назаррас амнияти миллӣ ва минтақавиро таъмин мекунад, ки дар навбати худ паҳншавии таҳдидҳоро дар ҳудуди ИДМ пешгирӣ менамоянд. Дар сурати таҳдиду мушкилотҳои нав барои Тоҷикистон ва Осиёи Марказӣ, СААД ва СҲШ метавонад кафолати ягонаи амният бошад. Ҳамзамон олимони ватанӣ, аз ҷумла М.К. Ғаффорова, К.Р. Расулов ва М.Г. Гулаҳмедов[78], А.Н. Маҳмадов[79], А.А. Пиров[80], С.Б.

[77] Волков В.П., Дамаскин О.В., Сеченова Р.Р. Обеспечение конституционной безопасности избирательного процесса в интересах безопасности государственного строительства. – М.: Норма, 2007. – С. 30.
[78] Ниг.: Расулов К.Р., Гулаҳмедов М.Г. Равандҳои миллӣ ва сиёсии истиқлолияти Тоҷикистон. – Душанбе: Матбуот, 2001. – 321 с.

Раҷабов[81], Ш.А. Раҷабов[82], С.С. Фатоев[83], М.У. Хидирова, Р.М. Ҳакимов[84], К.С. Шарипова[85] ва дигарон, масъалаҳои муноқишаҳои иҷтимоию-сиёсӣ марбут ба амнияти миллиро мавриди таҳқиқ қарор додаанд.

Имрӯз таҳти таъсири ҷараёнҳои густурдаи «бо ном исломӣ», бахусус инқилобҳои исломӣ дар ҷаҳони араб, фаъолшавии бесобиқаи созмонҳои радикалии исломӣ дар аксари манотиқи ҷаҳон, бахусус дар Осиёи Марказӣ мушоҳида мешавад. Аз қабили Салафиҳо[86] барин фундаменталистони нави контрреволютсионӣ пайдо шуданд, ки мавқеи мухолифонро[87] (радикалтарро) ишғол мекунанд ва хоҳиши як қатор давлатҳои хориҷиро иҷро намуда, ба ноором гардондани раванди сулҳ, субот ва амнияти миллии Тоҷикистон таъсири мақсадноки иттилоотию таблиғотӣ, молиявӣ, сиёсӣ ва зӯроварона расонанд.

Аз замони қабули Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 то кунун, ҷомеаи мо марҳилаҳои гуногуни ислоҳоти иҷтимоию иқтисодиро паси сар карда, дар давоми солҳо тафовути аҳолӣ аз ҷиҳати даромад якбора афзуд. Қисми муайяни аҳолӣ дар зери хатти фақр зиндагӣ мекунанд. Ба таъхир афтодани музди кор, ёрдампулӣ, зиёд шудани миқдори аҳолӣ ва сифати хизмати тиббӣ боиси афзудани муҳоҷират гардид. Вазъи душвори иқтисодии аксарияти мардум дар Осиёи Марказӣ дар баробари

---

[79] Ниг.: Махмадов А.Н. Социология конфликта. – Куляб, 1995. – 40 с.
[80] Ниг.: Пиров А.А. Транснациональный исламизм как угроза национальной безопасности Республика Таджикистан: автореф. дис. ... канд. пол. наук. – Душанбе, 2006. – 24 с.
[81] Ниг.: Раджабов С.Б. Становление и развитие системы безопасности Республики Таджикистан в условиях государственной независимости: автореф. дис. ... канд. пол. наук. – Душанбе, 2015. – 23 с.
[82] Ниг.: Раджабов Ш.А. Социально-политические проблемы безопасности в современных условиях (опыт Таджикистана): автореф. дис. ... канд. пол. наук. – Душанбе, 2007. – 23 с.
[83] Ниг.: Фатоев С.С. Социально-политические конфликты в современном обществе: дис. ... канд. полит. наук. – Душанбе, 2012. – 43 с.
[84] Ниг.: Хакимов Р.М. Этнология как категория конфликтологии. – Душанбе: ТГПУ, 1998. – 132 с.
[85] Ниг.:Шарипова К.С. Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов: дис. ... канд. пол. наук. – Душанбе, 2017. – 150 с.
[86] Дар аввали соли 2009 Додгоҳи олии Тоҷикистон фаъолияти ҷунбиши бунёдгароии мазҳабии «Салафия»-ро ғайриқонунӣ дониста, дар бораи манъи фаъолияти он дар кишвар тасмим гирифт. Ин тасмим бар асоси муроҷиати Додситонии кулл гирифта шудааст, ки дар он далелҳо оварда шудааст, ки Салафия ба амнияти давлатии Тоҷикистон, сохти конститутсионии он таҳдид мекунад ва ҳамчунин ба барангехтани адовати байни мазҳабӣ ва қавмӣ мусоидат мекунад. Аъзои ин равия асосан хатмкунандагони муассисаҳои таълимии динии Покистон, Сурия, Яман, Имороти Муттаҳидаи Араб ва Арабистони Саудӣ мебошанд [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://azan.kz/ahbar/read/tadzhikistan-ofitsialno-vklyuchil-dvizhenie-salafiya-v-spisok-ekstremistskih-7030 (санаи муроҷиат: 10.11.2021).
[87] Ниг.: Шарипова К.С. Национальная безопасность Республики Таджикистан в контексте региональных и международных вызовов: дис. ... канд. полит. наук. – Душанбе, 2017. – С. 106-107.

ҷолибияти молиявии қочоқ ва гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар иштироки онҳоро дар муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир меафзояд. Дар натиҷа, қочоқи маводи мухаддир сарҳади байни Афғонистон ва Осиёи Марказиро убур намуда, аллакай дар миқёси ҷаҳонӣ қарор дорад. Теъдоди нашъамандон (масалан дар Россия)[88] ба сатҳи хатарнок расидааст. Нашъамандӣ низ дар Осиёи Марказӣ васеъ паҳн шудааст, ки ин падида қаблан ба мушоҳида нарасида буд. Ғайр аз он, кишварҳои Осиёи Марказӣ аз қочоқи маводи мухаддир азият мекашанд. Тақсими даромади пинҳон монеаи асосии эҷод ва фаъолияти механизми рақобати иқтисодӣ мебошад. Дар ниҳояти кор, иштирокчиёни тиҷорати ғайриқонунии муомилоти маводи мухаддир ба нигоҳ доштани бесуботии меъёрӣ – иҷтимоӣ, саломатии аҳолӣ дар минтақа ва таҳдиди густурдатари амният манфиатдор мебошанд. Афзоиши экстремизм (ифротгароӣ) ва радикализм (гурӯҳи тундрав) дар Шарқи Наздик, рақобати созмонҳои гуногун ва гурӯҳи террористиву экстремистӣ дар тамоми ҷаҳон – аз Австралия то Париж паҳн шуда истодаанд. Албатта, ин барои Осиёи Марказӣ, аз ҷумла Тоҷикистон мушкилот ва таҳдидҳоро эҷод мекунад. Таҳдидҳо ба амнияти кишвари мо гуногунанд, аз он ҷумла таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ вуҷуд дорад. Бо вуҷуди ин, таҳдиди аслӣ аз пешгирии ҷавонон барои шомил нашудан ба гурӯҳи экстремистӣ, таълими онҳо дар мактабҳои ғайрирасмии хориҷӣ ва дигар кишварҳо. Масалан, барои таҳлил ва муқоиса: тайи охири соли 2020 дар Тоҷикистон 1118 ҷиноятҳои марбут ба фаъолияти экстремистӣ (ифротгароӣ) ва террористӣ ба қайд гирифта шудааст[89], ки дар тули 2019 сол 1063 ҷинояти террористӣ содир шуда буд. Ҳамин тариқ, шумораи ҷиноятҳо вобаста ба терроризм дар тули сол, нисбат ба соли гузашта 5,2 фисад зиёд шуд, ки албатта боиси ташвишовар аст.

---

[88] Ниг.: Статистика наркомании в России 2020-2021 года / Центр профессионального лечения и реабилитации «Здравница» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://narcorehab.com (санаи муроҷиат: 21.04.2021).

[89] Ниг.: Изҳороти Прокурори Генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нишасти матбуотӣ дар тули 2020 сол. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://regnum.ru/news/society/3180892.html (санаи муроҷиат: 13.02.2021).

Дар илми ҳуқуқи конститутсионӣ нисбат ба мафҳуми «механизми сиёсии ҷомеа» бархӯрдҳои гуногун вуҷуд доранд. Мувофиқи ақидаи В.М. Сирих[90] мисоли мушаххасеро овардан мумкин аст, ки падидаи мазкур ҳамчун «маҷмуи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, инчунин иттиҳодияҳо, ассотсиатсияҳое, ки аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ барои иштирок дар корҳои давлатӣ ва ҳалли масъалаҳои дигари сиёсӣ ташкил шудаанд» муайян карда мешавад. Ин таъриф комилан дақиқ ба назар намерасад, зеро муҳаррики оддӣ ҳанӯз сохтор нест, яъне дар ин таъриф амалан пайвандҳо ва сохторҳои механизмӣ нишон дода нашудаанд. Таърифи мукаммали В.Д. Перевалов[91] қобили қабул буда, ба назари вай, механизми сиёсии ҷомеа, як механизми бо ҳам алоқаманд, иттиҳодияҳо (ташкилотҳо)-и одамон дар хусусигардонӣ ва шаклҳои гуногуни моликият мебошад, ки манфиатҳо ва иродаи синфҳои иҷтимоӣ, табақаҳо, гурӯҳҳо ва миллатҳоро инъикос менамояд. Ин раванд қудрати сиёсиро амалӣ мекунад, ё барои амалӣ сохтани он дар доираи қонун ва ҳуқуқ ба воситаи давлат мубориза мебарад.

Ин ва як қатор ҳолатҳои дигар роҳбарияти кишварро водор намуданд, ки тадбирҳои муайяни ҷавобӣ андешанд, ки аз ҷумла: навсозии тартиби ташаккули мақомоти ҳокимияти давлатӣ, тағйир додани тартиби ваколатҳои шахсони мансабдори роҳбарикунанда, қабули як қатор тағйироту иловаҳо ба қонунгузорӣ оид ба принсипҳои умумӣ ташкили ҳокимияти давлатӣ, дар бораи шохаҳои умумӣ ва худидоракунии шаҳракҳо ва деҳотҳо, қонунгузории интихобот, қабули Қонуни ҶТ «Дар бораи мубориза зидди экстремизм»[92].

Ҳамин тариқ, амният на танҳо як категорияи умумии ҳуқуқӣ, балки категорияи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ низ мебошад. Таҳдиди хатарро нисбат ба ниҳодҳои гуногуни ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва асосҳои сохти конститутсионӣ, ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, сохтори давлатдорӣ, ташкили ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, худидоракунии маҳаллӣ мушоҳида кардан

[90] Ниг.: Сырых В.М. Теория государства и права. – М.: Былина, 1998. – С. 199.
[91] Ниг.: Перевалов В.Д. Государство и право в политической системе общества // Теория государства и права / Под ред. В.М. Корельского, В.Д. Перевалова. – М.: НОРМА, 2002. – С. 70.
[92] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, таҳти №1655 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020. – №1. – моддаи 2.

мумкин аст. Яъне сарфи назар аз тафсири мухталифи дурнамои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳар як категорияҳои амният хусусияти хоси худро доранд, ки аксуламали шахс, ҷомеа ва давлатро ба намудҳои гуногуни хатар ё таҳдид нишон медиҳад. Ғайр аз он, чунин таҳдидҳои потенсиалӣ ва воқеӣ ба фаъолияти дар ҳадди эътидоли инсон аз қабили: офатҳои табииву иҷтимоӣ, иқтисодӣ, вабоҳо, зарбаҳо, инқилобҳо, бухронҳо, набардҳо, низоъҳои мусаллаҳ ва дигар таҳдидҳо дар тули рушди худ, ҳамеша давлат, шахс ва ҷомеаро ҳамроҳӣ мекарданд ва хоҳанд кард. Илова бар ин, танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ метавонад, ҳамчун воситаи таъмини амнияти давлат, ҷомеа ва шахс на танҳо дар ҳуқуқи конститутсионӣ, балки дар дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ низ амал кунад. Мафҳумҳои «амнияти конститутсионӣ» ва «амнияти сохти конститутсионӣ» доираи умумӣ ва ҳамзамон самтҳои гуногуни татбиқ доранд. Амнияти конститутсионӣ на дар ҳама мавридҳо дар айни замон амнияти сохти конститутсионӣ мебошад, чунон ки амнияти сохти конститутсионӣ на ҳамеша дар шакли амнияти конститутсионӣ ифода меёбад. Аммо, мафҳуми «амнияти сохти конститутсионӣ» дар ҷузъи сиёсӣ муҳимтарин аст. Дар аксари мавридҳо маҳз муносибатҳои сиёсӣ аз таҳдидҳои берунӣ ва дохилӣ ба сохти конститутсионии давлат ҳимояи муносиби ҳуқуқӣ доранд.

## 1.2. Моҳият ва мазмуни ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ

Масъалаҳои таъмини амнияти шахсият (инсон), ҷомеа ва давлат яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба шумор мераванд. Ҳар як давлат ҳимояи соҳибихтиёрии худ, рушди устувори ҷомеа, зиндагии шоистаи тамоми иштирокчиёни онро ҳадафи асосӣ мегузорад. Бинобар ҳамин, дар айни замон дар Тоҷикистон ва ҳам дар саросари ҷаҳон, ба мушкилоти таъмини амнияти миллӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда мешавад. Ин дараҷа на танҳо мавзуи мубоҳисаҳои ҳуқуқӣ, балки баҳсҳои сиёсӣ ва таҳқиқотӣ-назариявӣ ҳам ба ҳисоб меравад.

Амнияти миллиро аз нуқтаи назари гуногун метавон чунин баррасӣ

намуд: ҳамчун фаъолияти мақомоти махсуси давлатӣ оид ба ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва ҳам ҳолати ҳифзи манфиатҳои миллии кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ, эҳтимолӣ ва ҳамзамон муҳайё намудани шароит барои фаъолияти муътадил, инкишофи рушд ва тараққиёти худи низоми (ҷамъият, давлат ва шахсоне, ки дар он зиндагӣ мекунанд). Ба андешаи мо, таърифи муосири қонунгузории миллӣ оид ба мафҳуми таъмини амнияти миллӣ, ду ҷузъиёти асосиро дар бар мегиранд: амният ва тамоюл ба рушди тараққиёт.

Кӯшиши таҳия, роҳҳои мувофиқ ва устувортарини ҳифзи амнияти миллӣ дар доираи ҳуқуқи конститутсионии миллӣ, ҳамчун соҳа ва илм ҳамеша мавқеи асосиро ишғол менамуд. Инчунин дар даҳсолаҳои охир бо сабаби тағйир ёфтани вазъи иҷтимоию сиёсӣ ҳам дар дохили кишвар ва сатҳи байналмилалӣ амнияти миллӣ воқеан хусусияти як ниҳоди мураккаби ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, яъне як гурӯҳи меъёрҳои танзимкунандаи муносибатҳои якхелаи ҷамъиятиро дар соҳаи амнияти миллӣ касб кардааст.

Тавре ки таҳқиқоти ин масъала нишон медиҳад, дар шароити муосир амнияти миллӣ ҳамчун падидаи иҷтимоие, баррасӣ карда мешавад, ки дорои бисёр ҷанбаҳои дар қонун муқарраргардида қабул шуда, бо намудҳои зиёди осебрасонӣ, инчунин тасаввуроти эҳтимолӣ дар бораи таҳдидҳо ва оқибатҳои онҳоро дар бар мегирад. Аз ҷумла, олими ватанӣ Ф.Р. Шарифзода[93] чунин қайд мекунад: «амнияти миллӣ ҳамчун ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шаклҳои ба ҳам алоқаманд ва аз ҳамдигар вобастаи амният буда, пеш аз ҳама дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлат, ҳамчун амнияти иқтисодӣ, озуқаворӣ, ҷамъиятӣ, низомӣ, экологӣ ва иттилоотӣ пешбинӣ шудаанд, зоҳир мегардад».

Унсурҳои таркибӣ ва асосии амнияти миллиро амнияти инсон, амнияти ҷомеа ва амнияти давлат дар соҳаҳои муносибатҳои байналмилалӣ, мудофиа, ҳаёти сиёсӣ, иқтисодиёт, соҳаи иҷтимоӣ ташкил медиҳанд.

---

[93] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечении национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2022. – С. 124.

Тадриҷан фаъолият оид ба таъмини амнияти миллӣ хусусияти сохторӣ, низомӣ ва пайдарҳамӣ пайдо намуда, баҳодиҳии воқеии вазъро дар тамоми соҳаҳои муҳимми фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва муайян намудани таҳдидҳои хатарнокро бо мақсади афзалият додани кор оид ба рафъи онҳо пешбинӣ менамояд.

Аммо бо вуҷуди ин, раванди такмили низоми амнияти миллии кишвар, бахусус танзими меъёрии-ҳуқуқӣ ҳанӯз ба анҷом нарасидааст. Имрӯз дар қонунгузорӣ ва фаъолияти ниҳодҳои таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд чолишҳо ва таҳдидҳои нави миқёси васеъ ба амният вобаста ба таъсири мақсаднок ба иқтидори иқтисодӣ, рушди иҷтимоӣ, фазои киберӣ, экология, соҳаи биологӣ, ҳамзамон дигар соҳаҳои ин ё он мамлакат, ё як гурӯҳи томи давлатҳоро дар мадди назар гирад. Худи мафҳуми амният бояд аз нав дида баромада шавад. Ин акнун на фақат категорияи сиёсист, балки мафҳумест, ки ба манфиати ҳар як шахс, ҷамъият ва умуман давлат дахлпазир мебошад.

Бинобар ин, илми ҳуқуқи ватанӣ бояд механизмҳои ҳуқуқии таъмини амнияти миллиро дақиқ таҳқиқ кунад. Дар амал бо сабаби нокифоя будани корҳои таҳлилӣ-таҳқиқотӣ вобаста ба меъёрҳои конститусионӣ ва дигар санадҳои ин соҳа, ихтилофҳои гуногуни ҳуқуқӣ ба амал меоянд. Ногуфта намонад, ки муқаррароти конститутсионӣ тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, инчунин мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро вазифадор намудааст, ки дар фаъолияти худ ҳуқуқу озодиҳоро кафолат диҳанд. Аз ин лиҳоз олими тоҷик низ вобаста ба ин мушкилот дуруст қайд намудааст, ки: маҷмуи[94] меъёрҳои ҳуқуқии ташкилёбӣ ва фаъолияти мақомоти худидораи маҳаллиро танзимкунанда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба монанди баъзе давлатҳо ҳанӯз ба соҳаи мустақили ҳуқуқӣ муттаҳид нагаштааст. Имрӯз мо бояд дар бораи зарурати таҳияи асосҳои консептуалии сиёсати нави амнияти миллии вобаста ба тағйирот дар арсаи байналмилалӣ сухан ронем.

[94] Ниг.: Имомов Ашӯрбой. Ҳуқуқи конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо / Муҳар. масъул: А.М. Диноршоев. – Душанбе: Офест Империя, 2017. – С. 17.

Консепсия бояд ҳифзи манфиатҳои дохилиро таъмин намуда, аз қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёбад. Ин муқаррарот талаботи баландро нисбат ба коркардҳои илмии соҳаи таҳқиқоти масъалаҳои вобаста дар таъмини амнияти миллӣ пешгӯӣ мекунад.

Принсипҳои дар муқаддима зикргардида дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷудбударо пешакӣ муайян кардаанд, ки онҳо ҳамчун асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллии кишвари мо буда ва ҳам муносибатҳои ҷамъиятиро дар ин соҳа ба танзим медароранд, зеро Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - қонуни асосӣ буда, бевосита амалкунанда аст.

Муқаррароти дар муқаддима (лоиҳаи консепсия) мавҷудбуда ҷузъиёти худро дар моддаҳои Конститутсия пайдо мекунанд ва рушди принсипҳо ва меъёрҳои конститутсиониро дар қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла дар бораи амнияти миллӣ муайян мекунанд.

Барои таъмини амнияти миллӣ меъёрҳои Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон асосӣ буда, ҳамзамон муайянкунандаи маҷмуи афзалияти объектҳост, ки манфиатҳои онҳо бояд бечунучаро ҳимоя, эҳё ва рушд карда шаванд. Андешаи олими тоҷик Қ. Ҷалиловро[95] ҷонибдорӣ кардан лозим аст. Ӯ қайд мекунад, ки «бо боварӣ метавон гуфт, ки давлати тоҷикон тавассути фаъолияти мақсадноки муассисаҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони кишвар, дар асоси Конститутсия ва қонунгузорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳифзи сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии объектҳои амнияти миллиро таъмин менамояд».

Ҳамин тариқ, тибқи муқаррароти қисми 1 моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд» (бо тағйироти 22 июни соли 2003)[96]. Дар моддаи мазкур меъёрҳои истисноӣ

[95] Ниг.: Джалилов К. Принципы обеспечение национальной безопасности в Конституции Таджикистана [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.avesta.tj/sociaty/ezopasnosti-v-konstitucii-tadzhikistana.html (санаи муроҷиат: 12.08.2022).

[96] Конституционный закон Республики Таджикистан «Об основателе мира и национального единства – лидера нации» от 14 ноября 2016 года, №1356[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

ва афзалият дар таъмини амнияти миллӣ пешбинӣ шудааст. Сухан дар бораи он меравад, ки объекти аввалиндараҷаву асосии амнияти миллӣ – ин инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ мебошад. Ин маънои онро дорад, ки:

– дар аввал ин аст, ки мафҳуми асосӣ инсон аст, баъд шаҳрванд, яъне ба ҳамаи инсонҳо дар қаламрави ҷумҳурӣ амният кафолат дода мешавад;

– дар дуюм, ҳамаи инсонҳо, аз ҷумла шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқу озодиҳои инсонро доранд ва ин дар «Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон»[97] зикр шудааст;

– дар сеюм, ҳифз ва риояи ҳуқуқу озодиҳои зикргардида, вазифаи асосии давлат дониста шудааст;

– дар чорум, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар назди манфиатҳои давлат дар мадди аввал қарор доранд.

Истилоҳи «амният» дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[98] дар панҷ модда шаш маротиба истифода шудааст. Дар моддаи 6 – амнияти давлат, моддаи 43 – амният ва иқтидори мудофиа, моддаи 46 – амнияти шаҳрвандон, моддаи 51 – амнияти узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон, банди 11 моддаи 69 – дар бораи таъсиси Шурои амният ва банди 21 моддаи 69 – амнияти давлат.

Дар бисёр моддаҳои Конститусия ғайр аз истилоҳи «амният» дигар мафҳум ва ибораҳои аз ҷиҳати ҳаммаъно ба ҳам наздик истифода шудаанд, аз қабили: ҳуқуқ ба ҳаёт; ҳуқуқ ба озодӣ ва дахлнопазирии шахс; ҳифзи давлатии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; таъмини мудофиа; ҳифзи сохти конститутсионӣ; ҳолати фавқулодда; ҳолати ҳарбӣ; масъалаҳои ҷанг ва сулҳ; тадбирҳои муҳофизати соҳибихтиёрӣ; таъмини ягонагӣ ва дахлнопазирии ҳудуд; муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ. Мафҳуми ибораи «амният» дар луғати дипломатӣ[99] чунин маънидод шудааст, вазъи муносибатҳои байналмилалӣ, ба истисноӣ вайрон кардани ҳолати амонӣ дар

[97] Всеобщая декларация прав человека [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/declhr.shtml (санаи муроҷиат: 08.06.2021).
[98] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[99] Ниг.: Дипломатический словарь. Т. 2. – М., 1985. – С. 190.

ҷаҳон, ё эҷоди таҳдид ба амнияти мардум, дар кадом шакле набошад.

Таҳлили таҳқиқот нишон медиҳад, ки масъалаҳои бунёдии таъмини ҳуқуқии амнияти миллӣ дар Конститутсияи кишвар ҳал шудаанд, аз ҷумла: амнияти инсон; амнияти ҷамъиятӣ; амнияти давлатӣ.

Ҳамин тариқ, зарурати ҷудо кардани объектҳои асосии амнияти миллӣ ба миён меояд, яъне объекти амнияти миллӣ, бояд ҳамчун соҳаҳои асосии ҳаёти ҷамъиятӣ, ки аз таҳдидҳо ба амнияти миллӣ ҳифз карда шаванд, фаҳмида шавад. Дарки васеъи ин муқаррарот дар бисёр сарчашмаҳо, объектҳо, ҳамчун таъмини амнияти миллӣ - инсон, ҷомеа ва давлат эътироф шудаанд.

На ҳама олимон бо чунин сегона розӣ ҳастанд. Масалан, А.Н. Колиев[100] бар ин назар аст, ки кӯшиши таваҷҷуҳ ба манфиатҳои шахсият, боиси нияти фароҳам овардани шароити амниятӣ барои ҳама, моҳияти умумибашарии сохти амнияти давлатӣ фаромӯш мегардад, зеро мардум бо ахлоқи ниёгон, суннатӣ ва хотираи таъриху ниёгони худ дар зери мафҳуми шахсият гум мешаванд. П.Г. Белов[101] чунин пешниҳод мекунад, ки дар таҳти объекти амнияти миллӣ сегонаҳо «ҳудуди мамлакат – халқҳои Россия – тарзи ҳаёти онҳо» ё «шахс – халқ – миллат» фаҳмида шаванд. Ҳамзамон, дар ҷаҳон ҳеҷ кишваре ё мамлакатеро наметавон пайдо кард[102], ки дар он танҳо як халқ ва як миллат кору зиндагонӣ кунад. Олим А.Х. Шаваев[103] бошад, мафҳуми объектҳо шахс, гурӯҳи иҷтимоӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти давлатӣ, давлат ва ҷамъиятӣ (кишвар)-ро дар назар дорад.

Аз ин рӯ, дар натиҷа мо таваҷҷуҳро ба он ҷалб менамоем, ки дар доираи таҳқиқоти илмии худамон ҷанбаҳои зерин вобаста ба таъмини амнияти инсон, амнияти ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

---

[100] Ниг.: Кольев А.Н. Нация и государство. Теория консервативной реконструкции. – М.: Логос, 2005. – С. 489-490.

[101] Ниг.: Белов П.Г. О стратегических рисках и их роли в обеспечении национальной безопасности / П.Г. Белов // Управление риском. – 2003. – №3. – С. 21-22.

[102] Ниг.: Раҳмонов Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. – Душанбе: Ирфон, 1999. – С. 19.

[103] Ниг.: Шаваев А.Х. Национальная безопасность: некоторые вопросы теории / А.Х. Шаваев // Безопасность Евразии. – 2005. – №1. – С. 419.

Вобаста ба таъмини конститутсионии амнияти инсон, худи мафҳуми «амнияти инсон» дар меъёрҳои таъмини конститутсионии амнияти инсон, комилан дуруст мебошад, чунончи дар қонунҳо (масалан, «Дар бораи амният» ё Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон) истилоҳи дурусти «бехатарии шахсӣ» комилан дақиқ истифода намешавад.

Дар маҷмуъ, ҷанбаҳои гуногуни татбиқи мафҳуми амният дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аввалан, амнияти ҳуқуқии (юридикӣ) шахсият, яъне амнияти ҷисмонӣ (м. 5,18), амнияти иттилоотӣ (м. 30), амнияти иқтисодӣ (м. 12, 32) ва ғайра; дуюм, амнияти иҷтимоӣ (м.35); сеюм, амнияти давлат (қисмҳои 4 ва 5 моддаи 6, қисми 5 моддаи 8, моддаи 11, қисми 3 моддаи 14) инъикос ёфтаанд.

Таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки қисми зиёди меъёрҳои конститутсионӣ ба амнияти шахс бахшида шудаанд. Чунонки муҳаққиқ Л.А. Окунков[104] дуруст қайд менамояд, интизор шудан ба пайдоиши варианти комили (олӣ) Конститутсия, ки ба таъмини пешрафти устувори тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ қодир бошад, иштибоҳист, вале бо ин ҳама Конститутсияи амалкунандаи кишварамон, раванди динамикаи рушди давлатдории тоҷиконро инъикос мекунад, ки гӯё ба ҳодисаҳо ва тамоюлҳои зуд тағйирёбандаи ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодиёт дохил шуда, чизеро муайян мекунад, ки бояд барои солҳои минбаъда асосӣ гардад.

Сарфи назар аз он, ки дар боби дуюми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 1994 ҳуқуқи алоҳидаи шахс ва шаҳрванд дар таъмини амният пешбинӣ нашудааст, дар баробари ин худи истилоҳи «амният» дар робита ба амнияти ҷомеа ҳамчун мафҳуми амнияти ягона ва алоҳида қариб дар тамоми матнҳои он дида мешавад. Масалан, дар қисми 1, 4 моддаи 35 ҳуқуқ ба меҳнат, дар шароити бехавф муқаррар карда шудааст. Моддаи 46-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун яке аз сабабҳои маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳо дар ҳолати фавқулодда, бо мақсади таъмини

---

[104] Ниг.: Окуньков Л.А. Комментарий к Конституции Российской Федерации. – М., 1997. – С. 4.

амнияти шаҳрвандон нишон додааст. Дар қисми 4 моддаи 35-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки ҳама гуна маҳдудиятҳои манъшуда дар муносибатҳои корӣ бо шароити зарарноки меҳнатӣ, бевосита барои таъмини ҳифзи ҳаёт ва саломатии одамон нигаронида шудааст.

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона санади ҳуқуқиест, ки асосҳо ва меъёрҳои фаъолияти мақомоти давлатиро оид ба таъмини амнияти шахсият, бо назардошти принсипҳои волоияти амалкунандаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, шохаҳои демократӣ, ягонагии шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, тақсимоти ваколатҳо, ҷудо кардани салоҳият ва ваколатҳои байни ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ, масъулият, ошкорбаёнӣ дар таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандон мебошад.

Ҳамин тариқ, амнияти шахс дар таҳкими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва ҳуқуқу озодиҳо тавассути конститутсия таҷассум меёбанд. Аммо дар худи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мухталифҳои муайяни дохилӣ мавҷуд аст. Масалан, моддаи 46-и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро мисол овардан мумкин аст, ки дар он носаҳеҳӣ мавҷуд аст: бояд, ки ба ҷои шаҳрвандон «инсон ва шаҳрванд» истифода мешуд, зеро дар банди 1 моддаи 14 Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[105] муқаррар шудааст, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ба воситаи Конститутсия, қонунҳои ҷумҳурӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки аз тарафи Тоҷикистон эътироф шудаанд, ҳифз мегарданд».

Дар моддаи 35-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳуқуқ ба меҳнатро таъмин менамояд, муқаррар шудааст, ки «меҳнати занон ва ноболиғон дар корҳои вазнин ва зеризаминӣ, инчунин дар корҳое, ки шароити меҳнаташон зарарнок аст, манъ мебошад», яъне мафҳуми амният ҳамаҷониба (универсалӣ) буда, тамоми тадбирҳое, ки ба таъмини вазъи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон мусоидаткунандаро дар бар мегирад.

---

[105] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

Ба ибораи дигар, амнияти шахс чунин ташкили моддаи конститутсионӣ, такмил додани потенсиали танзимкунандаи он (амал) - ро талаб мекунад, то ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд имкон диҳанд, ки арзиши муҳофизатшавандаро ба таври возеҳ муайян кунанд. Дар навбати худ, ин бояд бевосита ба дараҷаи мушаххаскунии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар бораи уҳдадориҳои конститутсионии давлат таъсир расонад.

Дар мавриди танзими конститутсионии амнияти давлатӣ, муқаррароти дахлдори Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро метавон ба якчанд гурӯҳ ҷудо кард, аз қабили:

– асосҳои сохтори конститутсионӣ, ки ҳамчун заминаи ҳуқуқии фаъолияти давлат оид ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад мекунанд;

– моддаҳое, ки ба намудҳои алоҳидаи таъминот (ё қисмҳои алоҳидаи амнияти давлатӣ) бахшида шудаанд;

– муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо талаботи таъмини амнияти давлат, меъёри қонунии маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад;

– муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар онҳо талаботи таъмини амнияти давлат меъёри қонунӣ будани фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ мебошад.

Дар байни асосҳои сохтори конститутсионӣ, ки ба таъмини амнияти давлати мо нигаронида шудаанд, пеш аз ҳама меъёри соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро номбар кардан лозим аст (моддаи 7 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон).

Илова ба асосҳои сохти конститутсионӣ, ки заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти давлатӣ оид ба таъмини амнияти кишвари мо мебошанд, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инчунин як қатор моддаҳоеро дар бар мегирад, ки ба намудҳои алоҳидаи амният (ё ҷузъҳои алоҳидаи амнияти давлатӣ) бахшида шудаанд.

Таҳлили матни конститутсионӣ имкон медиҳад, ки дар баъзе ҳолатҳо

афзалияти амнияти давлатӣ нисбат ба амнияти шаҳрвандони алоҳида таъкид карда шавад, зеро тибқи қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд метавонанд бо қонунгузорӣ то ҳадди зарурӣ бо мақсади таъмини амнияти давлат маҳдуд карда шаванд. Ба ибораи дигар, талаботи таъмини амнияти давлатӣ дар ин ҳолат меъёри маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад.

Талаботи таъмини амнияти давлат низ метавонад дар баъзе мавридҳо бо меъёри қонунии фаъолияти иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсир расонад. Ҳамин тариқ, қисми 5 ва қисми 6 моддаи 8-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[106] қоидаеро пешбинӣ менамояд, ки тибқи он «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳи мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст (бо тағйироти 22.05.2016 с.)», «дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст». Чунон ки Д.А. Малий[107], дар робита ба аҳаммияти махсуси таърихии қисми 1 моддаи 16-и Конститутсияи Федератсияи Россия, ки ин меъёр ба асосҳои сохти конститутсионии Федератсияи Россия мансуб буда, нисбат ба моддаи 30-юми Конститутсияи Федератсияи Россия қувваи юридикӣ бештар дорад, ки ҳуқуқи ҳар касро ба иттиҳодия пешбинӣ мекунад ва бо қисми 3-и моддаи 55-и Конститутсияи Федератсияи Россия, ки асосҳо ва ҳудуди маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрвандро пешбинӣ мекунад, ҳамоҳанг аст.

Чунин маҳдудиятҳо басо оқилона буда, зиёда аз ин, барои таъмини

[106] Конституция Республики Таджикистан [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.09.2021).
[107] Ниг.: Малый Д.А. Конституционное право на объединение в Российской Федерации: вопросы теории и практики. – СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003. – С. 144.

амнияти инсон, ҷомеа ва давлат аз ҷиҳати объективӣ, хоса ва заруранд. Тавре дар адабиёт ва сарчашмаҳо дуруст қайд шудаанд, ҳар гуна таҳаммулпазирӣ танҳо ба шарте маъно дорад, ки бо қуввае мехоҳад барандаи ин таҳаммулро нобуд созад, бархӯрд накунад. Озодтарин демократия бояд худро аз паҳншавии идеологияҳои зиддидемократӣ ва шаклҳои ташкилии онҳо муҳофизат намояд. Аз ин рӯ давлати конститутсионии демократӣ[108] набояд ба фаъолияти институтҳои (ниҳодҳо) сиёсишудаи ҷомеаи шаҳрвандиро, ки мехоҳанд сохти пояҳои конститутсиониро бо роҳи ғайриконститутсионӣ ва хушунатомез дигаргун созанд, роҳ диҳад.

Муқаррароти конститутсионӣ барои фаъолияти тамоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони мансабдор ва дигар субъектҳое, ки дар раванди таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат иштирок доранд, дастурамали асосӣ буда, аз ҷониби дигар, сарачашмаи ягонаи рушди соҳаҳои қонунгузорӣ мебошад.

Чуноне ки В.О. Лучин қайд мекунад, «мушаххасот, муқаррарот ва меъёрҳои конститусионӣ, ки дар конунгузории амалкунанда, ҳамчун роҳи тадбиқи онҳо бо роҳи ба муқаррароти конститусионӣ табдил додани талаботи конститусионӣ нисбат ба намудҳои алоҳидаи субъектҳои иҷтимоӣ ба амал баровварда мешавад; аз дараҷаи табдили баланди абстрактӣ додан ба сатҳи дигари «технологӣ» гузаштан аз меъёрҳои конститутсионӣ сарчашма мегиранд, ки дар натиҷа талаботи асосии ифодакунандаи мавзуъҳо, моҳият, меъёрҳои конститутсионӣ шакли ҳуқуқу уҳдадориҳои мушаххаси шахсони дахлдорро фаро мегирад». Ба ақидаи В.О. Лучин[109], таъсири конститутсионӣ одатан бо таъсири маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки баъзан ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ алоқамананданд, пурра ҳамроҳ мешаванд. Ҳамзамон, Конститутсия дар ин ҷараёни умумии танзими ҳуқуқӣ, нақши пешбарандаи худро гум намекунад, зеро он асоси модели меъёрии муносибатҳои ҷамъиятиро ташкил

---

[108] Ниг.: Конституция Российской Федерации: Проблемный комментарий / Отв. ред. В.А. Четвернин. – М., 1997. – С. 69.
[109] Ниг.: Лучин В.О. Конституция Российской Федерации. Проблемы реализации. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. – С. 79.

медиҳад ва имкон медиҳад, ки фаъолияти онҳо аз нуқтаи назари меъёрҳои олии ҳуқуқӣ ба мақсад мувофиқ буда, манфиатҳои ҷамъият ва давлатро ҳифз ва ба танзим медарорад.

Тавре олим А.И. Ким қайд[110] мекунад, азбаски меъёрҳои конститутсионӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври гуногун таъсир мерасонанд, онҳоро ба се гурӯҳ тақсим кардан мумкин аст: баъзе аз ин меъёрҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ба таври комил таъсир мерасонанд ва барои ба даст овардани самараи зарурии иҷтимоӣ ба қонунгузории амалишаванда ниёз надоранд; дигар меъёрҳое, ки бевосита амал мекунанд, имкон медиҳанд, ки дар санадҳои қонунгузории амалкунанда аниқтар муайян гардонида шаванд; меъёрҳои сеюми конститутсионӣ барои пурра ошкор ва самаранoктар татбиқ намудани муносибатҳои мушаххас, бешубҳа, мунтазам ба такмили қонунгузории амалкунанда низ ниёз доранд.

Консепсияи конститутсионии амнияти инсон, ҷомеа, давлат маҷмуи ҳамаи он гурӯҳҳо ва меъёрҳои конститутсиониро дар бар мегиранд, ки хусусиятҳои мушаххас ва тафсилоти онҳоро дар қонунгузории соҳавӣ пешакӣ муайян мекунад. Дар айни замон, бидуни баҳс оид ба аҳаммияти аниқтари меъёрҳои конститусионӣ дар қонунгузории амалкунанда ҳамчун роҳи татбиқи онҳо, бояд бо андешаи В.О. Лучин, ки «ба амал баровардани як катор нуқтаҳои конститусионӣ ба таври объективӣ дастгирии бисёрзинаҳои юридикиро талаб мекунад», розӣ шуд. Дар баробари ин сарфи назар қайд наметавон кард, ки хусусияти бисёрмарҳила ҳифз кардан, бе талаф додани мазмуни аслии (рӯҳ ва ҳарф) муқаррароти конститутсиониро душвор мегардонад ва аксаран боиси дигаргуншавии сохти онҳо мегардад. Аз ин рӯ, В.О. Лучин[111] зарур мешуморад, ки чунин: «таъминоти ҳуқуқии татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ бояд низомнок, ҳамаҷониба, мукаммал, пурра фарогирандаи муносибатҳои якхелаи ҷамъиятӣ, аз ҷиҳати шакл ва усулҳои

---

[110] Ниг.: Ким А.И. Конституционные нормы и их классификация // Актуальные проблемы государства и права в современный период / Отв. ред. В.Ф. Волович. – Томск, 1981. – С. 3-4.

[111] Ниг.: Лучин В.О. Конституция Российской Федерации. Проблемы реализации. – М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2002. – С. 82.

танзимӣ ягона бошанд».

Мо чунин мешуморем, ки ин талабот нисбат ба раванди мушаххас намудани меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳангоми инъикоси консепсияи конститутсионии таъмини амнияти инсон, ҷомеа, давлат дар қонунгузории соҳавӣ татбиқ карда шаванд.

Калиди самаранокии татбиқи меъёрҳои конститутсионӣ, ки асосҳои таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлатро дар кишвари мо танзим мекунанд, сифати амали онҳост. Қобилияти эҳтимолии таъмини ҳифзи арзишҳои ҳаётан муҳим, ҳатто дар марҳилаи таҳкими конститутсионии чунин принсипҳои бунёдӣ, эҷод шудааст. Баръакс, набудани ягонагии маъноӣ дар таърифҳои конститутсионии асосҳои муайянкунандаи таъмини амнияти инсон, ҷомеа, давлат то як андоза ба тафсилоти мафҳумҳои асосӣ, дар ташаккули вазъияти ҳифзи манфиатҳои ҳаётии инсон, ҷамъият ва давлат халал мерасонад.

Таъмини конститутсионии амнияти ҷамъиятӣ дар адабиёти илмӣ дар бораи он, ки оё амниятҳои ҷамъиятӣ ва давлатӣ намудҳои амнияти миллӣ шуда метавонанд, андешаҳои зиёде мавҷуданд. Ҳамзамон бо тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ, шарҳи расмии навъҳои гуногуни амнияти миллӣ, яъне «амният»[112] низ тағйир ёфт. Дар айни замон, дарки навъи амният ҳам нисбати объектҳои ҷинояткорӣ ва ҳам таҳдидҳо ба таври назаррас васеъ шудаанд. Таҳлили қонунгузории миллӣ бошад, мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ»-ро дар якчанд санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва як қатор қонунҳо ва санадҳои зерқонунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор намудааст. Аз ҷумла, дар қонунгузории ҷиноятии кишвар мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ» ҳамчун объекти умумии ҷиноятҳое, ки дар фасли ҳаштуми «ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии аҳолӣ»[113] пешбинишударо истифода мекунад, ки фарогирандаи моддаҳои 179-199 КҶ ҶТ мебошанд. Инчунин, қонунгузории

---

[112] Васильев А.И., Сальников В.П., Степашин С.В. Национальная безопасность России: конституционное обеспечение. – СПб.: СПб УМВД РФ, 1999. – 189 с.
[113] Уголовный Кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008. – №12 (ч. 1). – Ст.990.

маъмурӣ дар боби 26 «ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ»[114]-ро дар бар мегирад, моддаҳои 460-473 ҷавобгарии маъмуриро барои содир намудани ҳуқуқвайронкуние, ки ба амнияти ҷамъият халал мерасонад ва ғайраҳо муқаррар намудааст.

Ҳамзамон, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия»[115] омадааст, ки «милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, таҳқиқу тафтишот буда, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъияту давлатро аз кирдорҳои ҷинояткорона ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо муҳофизат намуда, ҳуқуқ дорад чораҳои маҷбурии дар доираи...», яъне ду равиши илмӣ, муносиб ба амнияти ҷамъиятӣ вуҷуд дорад.

Муносибати аввал, дар фаҳмиши васеи амнияти ҷамъиятӣ асос ёфта, онро ҳамчунон қоида ва тарзи муқаррарии фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ тавсиф мекунад. Амнияти ҷамъиятӣ бошад, сохтори муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар асоси меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мақсади танзими таъмини амнияти шахс фаҳмида мешаванд. Муносибати дуюм ба фаҳмиши маҳдуди системаи муносибатҳои иҷтимоӣ, ки бо манбаъҳои афзоиши хатар алоқаманданд, асос ёфтааст. Чунин равиш, чун қоида, дар адабиёти маъмурию ҳуқуқӣ ҷой дорад, ки дар он соҳаи амнияти ҷамъиятӣ, он муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад, ки бо зуҳури хосиятҳои манфии манбаъҳои хавфи зиёд, ҳангоми истифодаи нодурусти онҳо алоқаманданд.

Дар ҳолати мазкур Ҷумҳурии Тоҷикистонро зарур аст, ки Консепсияи амнияти миллиро қабул намояд ва дар он амнияти ҷамъиятӣ чунин муайян карда шавад, аз ҷумла: «ҳолати ҳифзи инсон ва шаҳрванд, сарватҳои моддию маънавии ҷомеа аз таҷовузҳои ҷиноятӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ, низоъҳои иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва байнимиллӣ, инчунин аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ». Ба назари мо, ба қуввaю воситаҳо бояд идораҳои давлатӣ, худидоракунии маҳаллии шаҳру деҳот, инчунин дигар

---

[114] Кодекс Республики Таджикистан «Об административных правонарушениях» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1998. – №9. – Ст. 68-70.

[115] Закон Республики Таджикистан «О милиции» от 17 мая 2004 года, №41 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2004. – №5. – Ст. 41.

муассисаву ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, ки ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ машғуланд, дохил карда шаванд.

Консепсия бояд тавре сохта шавад, ки мафҳумҳои асосии амнияти давлатӣ, ҷамъиятӣ ва шахсӣ аз ҳам ҷудо карда шаванд. Муайян кардани мафҳуми «амнияти миллӣ» ва «амнияти давлатӣ» имконнопазир аст, зеро: аввалан, боиси маҳдуд шудани маънои «амнияти миллӣ», дувум чунин монандӣ хатарнок аст, зеро давлат тамоюли объективии табдил шудан ба қувваи худкифоя (яъне мазмуни худро дорад), ки метавонад аз назорати ҷомеаи шаҳрвандӣ берун ояд. Амнияти давлат дар баробари ин мафҳумҳо ба монанди амнияти фард ва амнияти ҷомеа дида мешавад.

Ҳамин тариқ, амнияти давлатӣ ва ҷамъиятӣ навъҳои асосии амнияти миллӣ мебошанд, бинобар ин онҳоро аз дигар намудҳои амнияти миллӣ фарқ кардан лозим аст (ба мисли экологӣ, иқтисодӣ ва ғ.). Аз ҷумла, А.Ҳ. Юсуфов[116] таъкид мекунад, ки «...неруҳо ва воситаҳои таъмини амнияти миллӣ ва таъмини ҳолатҳои вазъи фавқулодда бо шиддат гирифтани равандҳои ҷамъиятию сиёсӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қувва ва захираҳои худро дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, соҳаҳои илм ва маориф, дар бахшҳои байналмилалӣ, маънавӣ, иттилоотӣ, ҳарбӣ, мудофиа, саноат ва муҳити зист, инчунин дар соҳаи амнияти ҷамъиятӣ мутамарказӣ мегарданд».

Истилоҳи «амнияти ҷамъиятӣ» маънои конститутсионӣ ва ҳуқуқиро пурра фаро мегирад. Сарфи назар аз он, ки таъминоти конститутсионии амнияти ҷамъиятӣ аз мақсади олӣ дур бошад ҳам, дараҷаи муайяни онро таъмин мекунад. Чуноне ки олими тоҷик Н.А. Қудратов қайд менамояд, ки бархӯрд ба баррасии истилоҳи «амнияти конститутсионӣ»[117] чун қоида метавонад гуногун бошад. Масалан, амнияти конститутсионӣ метавонад ҳамчун мафҳуми ба амнияти давлат ва миллӣ наздик бошад, омӯхтан лозим

[116] Ниг.: Юсуфов А.Х. К вопросу национальной безопасности и обеспечения режима чрезвычайного положения при активизации социально-политических процессов в Республике Таджикистан / А.Х. Юсуфов // Обеспечение общественной безопасности при активизации социально-политических процессов в современных условиях: материалы шестнадцатой международной научно-практической конференции (Москва, 27 ноября 2014 г.). – М.: Академия управления МВД России, 2014. – С. 433.
[117] Кудратов Н.А. Конституционная безопасность Республики Таджикистан: вопросы теории и практики / Н.А. Кудратов // Законодательство. – 2016. – №1 (21). – С. 24-28.

аст. Дар ин маврид сухан на дар бораи синонимсозии бевоситаи мафҳумҳо, балки дар бораи баррасии масъалаи амнияти миллӣ дар заминаи роҳу воситаҳои конститутсионии татбиқи он меравад. Аммо дар шароите, ки конститутсия Қонуни асосӣ буда, номгӯи принсипҳои асосӣ ва бунёдии фаъолияти давлатро дар бар мегирад, ки вайрон кардани ҳар як моддаи онҳо боиси вайрон кардани амнияти миллӣ мегардад, чунин фаҳмиши чолишҳои имрӯзаро мисли ҳамаҷониба (яъне универсалӣ) эътироф кардан мумкин аст. Аз тарафи дигар, матни Конститутсия дар маҷмуъ, тамоми сохтори механизмҳои таъмини амнияти миллиро дар бар мегирад.

Аксар вақт ҳангоми омӯхтани категорияи «амнияти конститутсионӣ» ба омӯзиши ин масъала, маҳз ба маънои ҳуқуқӣ-юридикӣ диққати асосӣ дода мешавад. Фаҳмиши аслии амнияти конститутсионӣ бештар ба фаъолияти Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун ҳаками олӣ дар масъалаҳои мутобиқат ба матни конститутсионии тамоми қонунгузории миллӣ дахл дорад. Сарфи назар аз он, ки мақомоти дахлдор дар ҳақиқат ба фаъолияти қонунсозӣ машғул аст, аз рӯйи меъёрҳои расмӣ дар ҳифзи Конститутсия навишташуда истода ва кафили бечунучарои амнияти он мебошад. Аммо ин фаъолияти дигар мақомоти давлатиро дар раванди таъмини матни амнияти конститутсиониро истисно намекунад.

Ғояҳои амнияти конститутсионӣ ҳамчун шарти фаъолияти шоистаи конститутсия ба маънои фишурда аз он шаҳодат медиҳад, ки риояи расмӣ ба меъёрҳои конститутсионӣ ва пешгирии ҳолатҳои мухолифат бо онҳо дар мадди аввал меистанд. Дар ин самт амнияти конститутсионӣ ҳамчун хусусияти вазъи ҷомеа баррасӣ мешавад, ки дараҷаи риоя ва татбиқи ҳамаи субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, бо меъёрҳои дар қонуни асосӣ муқарраргардида муайян карда мешаванд. Тазаккур намудан ба матни конститутсионӣ дар ин ҳолат метавонад чунин шаклҳоро дар бар гиранд, аз ҷумла: қабули қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ ба муқаррароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқат намекунанд; аз тарафи мақомоти ҳокимияти иҷроия қабул намудани қарорҳои инфиродие, ки ба шохисҳои

конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифанд; риоя накардани меъёрҳои конститутсионӣ аз ҷониби шахсони алоҳида ва сохторҳои ғайридавлатии аз ҷониби онҳо ташкилшуда.

Баррасии масъала дар ин ҷиҳат ҳамчунин вижагиҳои махсуси омӯзиши онро дар заминаи таҳлили масъалаҳои марбут ба амнияти конститутсионро ба вуҷуд овард. Қисми таркибии ин масъалаи ҳалталаб, масъалаи ҷудошавиро эҷод намуда, дар натиҷа пош хӯрдани асоси баробарҳуқуқии минтақаҳо ва ба вайрон гардидани сохтори давлатӣ ва муносибатҳои идораи марказӣ ва ҳудудҳо буд. Таҳлили мушкилоти амнияти конститутсионӣ дар ин самт ба мо чунин имкон медиҳад, ки таҳдидҳои зеринро ҷудо намоем: таҳдид ба якпорчагии давлат, таҳдид ба ягонагии низоми ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳдид ба асосҳои сохтори конститутсионии вазъи ҳуқуқии инсон, таҳдид ба ягонагии ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳдид ба фазои ягонаи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Ба андешаи мо, майдони мушкилотеро, ки дар категорияи «амнияти конститутсионӣ» фаро гирифта шудааст, бояд то андозае танг карда шавад. Муносибати аз ҳад зиёд васеъ ба муайян кардани амнияти конститутсионӣ таҳдид мекунад, ки ин мафҳум бо категорияи «амнияти миллӣ» ё, масалан «амнияти шахсӣ» комилан синонимӣ карда мешавад, ки ин ба набудани шартҳои назариявӣ барои таҳқиқи мустақили он оварда мерасонад. Дар баробари ин, танҳо бо масъалаҳои ҳифзи матни конститусионӣ, маҳдуд кардани доираи масъалаҳои таҳқиқшаванда низ мувофиқи мақсад намебошад. Ақидаи мувозинати манфиатҳо дар шакли асосӣ, яъне агар олӣ набошад ҳам, вале ба ҳар ҳол, дорои аломатҳои возеҳи умумибашарӣ ва устуворӣ, меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи бунёди давлати «тараққикарда», ки пеш аз ҳама, ҳар як конститутсияи ҳуқуқӣ бояд амалӣ гардад, ба баъзе ҳимоя ва таъминоти дахлдор ниёз дорад. Дар акси ҳол таъмини амнияти конститутсиониро метавон ба риояи расмӣ ва «кӯр-кӯрона» ба меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ табдил дод, ки на дар ҳама маврид ба

манфиатҳои давлат, ҷамъият ва шахсият мувофиқат мекунад.

Ба андешаи мо, амнияти конститутсионӣ бояд, ҳамчун ҳимояи воқеии сохторӣ, низомӣ ва ҳамаҷонибаи таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ аз пояҳои сохти конститутсионӣ бунёду баррасӣ шавад, ки барои таъмини соҳибихтиёрӣ ва тамомияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати ҳуқуқбунёд, ягонагии низоми ҳуқуқӣ ва фазои иҷтимоию иқтисодии он, волоияти Конститутсия, дахлнопазирии асосҳои демократии ташкили ҳокимияти давлатӣ, вазъи ҳуқуқии инсон ва асосҳои ҳуқуқии фаъолияти ҷомеаи шаҳрвандиро ба танзим дарорад.

Ҳамзамон мо ба он ақидаем, дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳдиди асосӣ ба амнияти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон инҳоро бояд эътироф кард: таҳдидҳо ба ҳудуди давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун давлати соҳибихтиёр. Дар ин сурат сухан ҳам дар бораи таҳдиди дахолати сиёсати берунӣ ва ҳам дар бораи таҳдиди тақсимнашавандаи истиқлолияти давлатӣ меравад, ки дар мавҷудияти тамоюлҳои соҳибихтиёрӣ ифода меёбанд; таҳдидҳо ба асоси волоияти Конститутсия дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин ба ягонагӣ ва якпорчагии низоми ҳуқуқии он. Мушкилотҳои зикршуда ҳам ҷанбаи берунӣ ва ҳам ҷанбаи дохилӣ доранд. Сухан аз як тараф, аз мушкилоти «кӯр-кӯрона» гирифтани ақидаҳои «бегона» дар масоили сохтори давлатӣ ва ҳамчунин талошҳои сиёсати хориҷии мухолифони геополитикии мо барои вобаста кардани Конститутсияи кунунии Тоҷикистон ба тасмимҳои созмонҳои мухталифи «дараҷаҳои» байналмилалӣ меравад, яъне: таҳдид ба риояи меъёрҳои сохтори конститутсионии ташкили ҳокимияти давлатӣ дар асоси расмиёти махсус, ки воситаҳои истисноии ҳуқуқии муносибатҳои байни давлат, мақомоти он ва шаҳрвандонро бо мақсади пешгирии низоъҳое, ки бо роҳҳои ғайриконститутсионии «ғасби ҳокимият», ба ном «инқилобҳои норинҷӣ» алоқаманданд, ки аз берун иғво меандозанд таъмин менамоянд; таҳдид ба ниҳодҳои ҳуқуқии конститутсионӣ, ҳуқуқ, озодӣ ва уҳдадориҳои

инсон ва шаҳрванд, ки ба ҳам пайвастани ақидаҳои робитаи ногусастании манфиатҳои шахс ва давлат, ҳамчун шарти асосии ноил шудан ба таносуби манфиатҳои ҷамъиятӣ ва хусусӣ; таҳдиди мутобиқ кардани таъсиси ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятие, ки ҳадафҳои ҷудоихоҳона ва зиддиконститутсионӣ доранд ва мавҳ кардани фаъолияти онҳо; таҳдиди таҷовуз ба ҳуқуқи инсон – яъне хатари ҷиддитарин ба амнияти конститутсионӣ мебошад, зеро дар бораи арзиши пурраи сохти конститутсионӣ ҳарф задан душвор аст; ба мушкилоти камбизоатӣ, табақабандии иҷтимоӣ, нобаробарии беасос ва дар натиҷа зуҳуроти ноустувории иҷтимоӣ таҳдид мекунад, ки рӯзмарра шуда аҳаммияти хоса дошта, барои ҳаллу фасли он мушкилот пайдо мекунад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон шаклҳои зерини ҷамъият баррасӣ шудаанд: Аз ҷумла, ҷомеаи ҷаҳонӣ (муқаддима); ҳамаи халқу миллатҳо (муқаддима, моддаи 2 ва ғайра); забон (моддаи 2); амалӣ гардондани худидоракунии маҳаллӣ (боби 6); гуногуннажодӣ (моддаи 8); иттиҳодияи ҷамъиятӣ (моддаҳои 8, 25); оила (моддаи 33); саросар ё маҳалҳои алоҳида (моддаи 69).

Ба ҳамаи ин ҷамъиятҳои инсонӣ Конститутсияи мамлакати мо амният, қобилияти муътадили кор кардан ва инкишофро то андозае кафолат медиҳад. Давлат дар мамлакати мо ба ҷамъият сарпарастӣ карда, амнияти онро таъмин менамояд. Роҳи асосии таъмини ин бунёди сохти конститутсионие мебошад, ки ба ҷомеа имкон медиҳад ба давлат ва амалияи давлат, тавассути раъйпурсӣ, интихобот, шаклҳои дигари ифодаи бевоситаи ирода, аз ҷумла тавассути мақомоти марказию минтақавии интихобӣ, инчунин бо роҳи татбиқи, аз ҷумла: ҳуқуқ дорад дар ҳаёти сиёсӣ ва идораи давлатӣ бевосита ва ё ба воситаи вакилонаш иштирок намояд (м. 27); ҳуқуқи дар раъйпурсӣ иштирок кардан, интихоб намудан, инчунин аз синни муқаррарнамудаи Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳо ҳуқуқи интихоб шуданро дорад (м. 27); ба хидмати давлатӣ ҳуқуқи баробар доранд (м. 27),

кафолати мушаххаси давлатӣ муайян шудааст.

Ба шумораи самтҳои такмили таъминоти конститутсионии амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавон дохил кард: рушди маҷмуи уҳдадориҳои иҷтимоии инсон; ташаккул ва рушди механизмҳои ҳокимияти бевоситаи халқ; рушди мақоми ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани сатҳи аҳаммияти иҷтимоии мақомоти намояндагӣ.

Дар раванди инкишофи конститутсионии ватанӣ, равиши муқоисавӣ – омӯзиш ва баррасӣ намудани таҷрибаи конституসионии давлатҳои гуногун хеле самарабахш ба назар мерасад. Масалан, дар моддаи 4 Конститутсияи Италия муқаррар карда шудааст, ки: «ҳар шаҳрванд мувофиқи қобилият ва интихоби худ вазифадор аст фаъолият ё вазифаҳоеро иҷро намояд, ки ба пешрафти моддӣ ё маънавии ҷомеа мусоидат мекунанд»[118]; ё ин, ки дар моддаи 14 Конститусияи Федеративии Олмон бо мақсади таъмини амнияти ҷамъият чунин раванди мусодира ҷорӣ карда шудааст: «ба бегона кардани молу мулк, танҳо ба мақсадҳои манфиати умумӣ роҳ дода мешавад»[119]; дар моддаи 53-и Конститутсияи Ҷумҳурии Мардумии Чин «вазифаи шаҳрвандон аз риоя намудани тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ иборат аст»[120] ва ғайраҳо эълон шудааст.

Татбиқи таҷрибаи мусбати қонунсозии хориҷӣ дар қонунгузории ватанӣ самти ояндадори баланд бардоштани сатҳи таъмини ҳуқуқии амнияти ҷамъиятӣ дар кишвари мо мебошад.

Таъмини конститутсионии амнияти давлат, дар муқаддимаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфта мешавад, ки он дар асоси масъулияти Ватан дар назди наслҳои имрӯзу оянда қабул ва вазифадор дониста шудааст. Тааҷҷубовар нест, ки дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ ба

[118] Конституция Итальянской Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/download/books/cons/italy.pdf (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
[119] Конституция Федеративной Республики Германии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/download/books/cons/germany.pdf (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
[120] Конституция Китайской Народной Республики [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/download/books/cons/germany.pdf (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

масъалаҳои амнияти давлатӣ таваҷҷуҳи зиёд дода шудааст[121].

Президент доктринаи ҳарбиро тасдиқ мекунад, Шурои Амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ташкил ва роҳбарӣ мекунад, Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон мебошад, фармондеҳони қӯшунҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистонро таъин ва озод мекунад. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакати мо мебошад, фармондеҳии олиро таъин ва озод мекунад[122]. Вай дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҳарбӣ ё вазъияти фавқулодда дар тамоми ҳудуди Тоҷикистон ва ё дар минтақаҳои алоҳидаи мамлакат қарор қабул мекунад. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷузъҳои асосии амнияти давлатӣ инҳо эътироф шудаанд, аз ҷумла: соҳибихтиёрии кишвар; истиқлолияти кишвар; ягонагии давлат. Иҷрои тадбирҳои таъмини амнияти давлатро Конститутсияи амалкунанда (м. 69) ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор кардааст. Ба ин мафҳум олими тоҷик А.М. Диноршоҳ[123] низ дуруст қайд намудааст, ки дар масъалаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон, шаклҳои мушаххаси назорати давлатӣ, ҳамзамон амалӣ намудани механизми ҳокимияти иҷроия, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ваколатҳои конститутсиониаш нақши муҳим дорад.

Умуман, дар қонунгузории миллӣ мафҳумҳо ва мавқеъҳои ҳуқуқӣ мураттаб шудаанд, ки имкон медиҳанд асосҳо ва татбиқи консепсияи таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат дар самтҳои асосӣ, аз ҷумла бо ёрии воситаҳои ҳуқуқии мавҷудбуда, ҳамчун соҳаҳои мушаххаси ҳуқуқи дохилӣ ба манфиатҳои амнияти миллии Тоҷикистон амалӣ карда шаванд.

Айни замон бошад, танзими ҳуқуқии масъалаҳо оид ба навъҳои алоҳидаи таъминоти амният, дар асоси қонунҳо ва санадҳои зерқонуние, ки мақомоти давлатии ҷумҳурии мо мебароранд, сурат мегирад. Аз ҷумла, Амру

---

[121] Ҷолиб он аст, ки дар муқаддимаи Конститутсияи ИМА ҳимояи давлат, яке аз ҳадафҳои умумии мудофиавӣ номбар шудааст.

[122] Ст. 69 Конституции Республики Таджикистан; ст. 2 Закона Республики Таджикистан «О правовом режиме чрезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан, 1995. – №21. – Ст. 233.

[123] Ниг.: Диноршоев А.М. Механизмы защиты прав человека в Республике Таджикистан. – Душанбе, 2014. – С. 71.

Фармонҳои Президент, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайрҳо. Аксарияти онҳо хусусиятҳои худрайъона дошта, ба таҳдидҳои хусусӣ дахл доранд ва маҷмуи меъёрҳои ҳуқуқии маҳаллӣ ва ноҳамвори марбут ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқиро ба вуҷуд меоранд. Охирин аз он иборат аст, ки масъалаҳои амнияти инсон, ҷомеа ва давлат амалан тамоми соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро объективона фаро гирифта, ҳамзамон, дар ҳама гуна соҳаҳои мавҷудаи ҳуқуқ мавзуи баҳсӣ-танзимӣ шуда метавонанд.

Масъалаҳои муҳимтарини амнияти инсон, ҷамъият ва давлатро қонун не, балки бо фармону қарорҳо танзим мекунанд. Дар таъхирнопазирии ҳуқуқии ин мафҳумҳо ва таълимот масъалаҳои зиёде мавҷуд аст, ки аз доираи ҳуқуқи конститутсионӣ берун мешаванд. Масалан, аз нуқтаи назари мантиқии Аристотел (Арасту) объектҳои амниятӣ бо пайдарпайи зерин ҷойгир карда шудаанд: шахсият, ҷомеа, давлат. Мафҳуми «ҳаҷм» (ишора бо арзиши объективӣ, васеъшавӣ), мафҳуми «ҷомеа» назар ба доираи мафҳуми «давлат» васеътар аст, аммо «муҳит» ҳамчун объекти амният тақсим карда нашудааст. Дар китоби «Сиёсат»[124], дар вобастагӣ бо асли мавзуи – давлат ва сиёсат, истилоҳоти «амният», «рушд ва тараққиёт», «адолат», «некӯкорӣ», «қаноатмандии иҷтимоӣ», «рифоҳ ва хостаҳои мардумӣ», «афзалият бахшидан ба ниёзҳои шаҳрвандон» ва «субот» низ истифода шудаанд. Илова бар ин, дар ҷомеа то ҳол нуқтаи назари ҳамаҷониба оид ба таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат ташаккул наёфтааст, аз ин лиҳоз муносибати мунтазами қонунбарориро дар ин самт мушкил мекунад.

Ҳамин тариқ, метавон хулоса баровард, ки фаъолияти таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат дар Тоҷикистон аз меъёрҳое асос ёфтаанд, ки ба таври қатъӣ тобеъ гардонида шудааст ва асосҳои сохти конститутсиониро ташкил медиҳанд. Ҳамчунин маҷмуи меъёрҳои конститутсионӣ, ки мафҳуми конститутсионию ҳуқуқии амнияти шахсият, ҷомеа ва давлатро дар ҷумҳурӣ фароҳам овардаанд ва минбаъд дар қонунгузории соҳавӣ низ инъикос

[124] С.Ятимов. Аристотел:давлат ва сиёсат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 35.

меёбанд.

Аммо Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муттаҳидсозии мунтазами асосҳои амнияти шахс, ҷомеа ва давлатро дар шакли як қисми нисбатан алоҳидаи матни меъёрӣ пешбинӣ намекунад, зеро сухан дар бораи ҷузъҳои алоҳидаи амнияти шахс, ҷамъият, давлат ё дар бораи талаби риояи амният ҳамчун меъёрҳо маҳдудкунии ҳуқуқу озодиҳои шахс ва шаҳрванд меравад. Дар натиҷа бо дарки мафҳуми консепсионии ҳуқуқию конститутсионӣ дар таъмини амнияти инсон, ҷомеа ва давлат, тавассути тафсири доктриналӣ имконпазир ва устувор мегарданд.

## 1.3. Самтҳои асосии рушди қонунгузорӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Фаъолияти давлат ҷиҳати эҷод кардани қоидаҳои ҳуқуқии рафтору кирдори инсон, ки дар амал татбиқ намудани онҳо ҳатмӣ буда, бо имкониятҳои афкори ҷамъиятӣ ва дастгоҳи давлатӣ таъмин карда мешаванд. Ҷидду ҷаҳди давлатӣ барои мутобиқ кардани мақсаду мазмун, талаботи қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба ниёзҳои таъхирнопазири иҷтимоӣ оид ба танзим даровардани муносибатҳо ва ҳамкории инсонҳо ва ба таври муайян амалӣ карда шуда (намуна, сохтори мантиқӣ) ва ба самти муайян равона карда мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки аз ҷониби касе паҳлӯҳои субъективии ин ё он шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори ҳуқуқиро ифода накарда, балки маҳз он мафҳумеро дар назар дорад, ки дар шуури одамон ҳамчун чизи зарурӣ, дахлдор, барои ҳаёти муътадили онҳо муҳим ташаккул ёфтааст. Дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъият, танзими ҳуқуқӣ, хусусиятҳои ба худ хоса дорад, зеро дар мавриди таҳлил ва арзёбии онҳо ҳангоми қабул, бояд ба назар гирифта шаванд.

Чуноне ки маълум аст, тағйирот дар қабули қонунгузорӣ бо ду роҳ ҳал карда мешаванд: якум, хусусияти эволютсионии табиӣ, ки ин қонунгузорӣ аз нав дида баромада шуда, бо дарназардошти дигаргуниҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеъа ташаккул меёбанд; дуюм, инқилобӣ, ки бо тобеияти

қонунгузорӣ ба равандҳои ногузири сиёсӣ ва муносибатҳои ақидавии ҳамроҳикунанда алоқаманд мебошад.

Дар асл ҳеҷ ягон кишвар вобаста ба таъмини амният қонунгузории комилан мукаммал ва ҳамаҷонибаро надорад. Меъёрҳое, ки ба соҳаи таъмини амният тааллуқ доранд[125], дар бисёр санадҳои ҳуқуқӣ ба соҳаҳои гуногуни ҳуқуқшиносӣ (юридикӣ) тақсим карда шудаанд. Низоми ҳуқуқии таъмини амнияти давлатдории дигар кишварҳо аз миёнаҳои солҳои 1990-ум[126] ташаккул ёфта, се самти фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатиро пешбинӣ мекард: фаъолият оид ба таҳияи заминаи меъёрии ҳуқуқӣ, ки муносибатҳоро дар соҳаи амнияти шахс, ҷомеа ва давлат танзим менамояд; фаъолияти иҷроияи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ; фаъолияти мақомоти ваколатдор оид ба ҳифзи ҳуқуқ. Ҳамзамон, пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам ба марҳалаи нави рушди таърихӣ – бунёди давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ, ягона ва иҷтимоӣ гузашт. Рушди устувори ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа аз самаранокии идоракунии ҳуқуқии ҷумҳурӣ вобаста мебошад. Ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонун ва тартибот, пешгирии ҷинояткориҳои фаромиллӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва татбиқи ҳадафҳои стратегии давлат[127] – таъмини мустақилияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ ва раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ бидуни таъмини волоияти қонун ва тартиботи ҳуқуқӣ ғайриимкон мебошанд.

Хушбахтона имрӯз дар Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ ташаккул ёфтааст. Бинобар ҳамин, аз соли 1993 инҷониб амнияти қонунгузории кишвар асоси таҳкурсии устувори идоракунии давлатӣ ба шумор меравад. Ин мушкилот дар давраҳои гуногуни рушди ҷомеаи соҳибистиқлоли тоҷик борҳо мавриди баҳсу баррасӣ қарор гирифта буданд.

125 Ниг: Глебов И.Н. Право национальной безопасности: монография. – М., 1998. – С. 55-56.
126 Ниг.: Зеленков М.Ю. Правовые основы общей теории безопасности Российского государства в XXI веке. – М., 2002. – С. 63-79.
127 Ниг.: О Концепции правовой политики Республики Таджикистан на 2018-2028 годы от 23.05.2012. Утверждена Указом Президента Республики Таджикистан от 6 февраля 2018 года, №1005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурoҷиат: 05.08.2019).

Дар натиҷа Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 2011сол[128]; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ҳарбӣ»[129]; «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[130]; «Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи давлатдорӣ, ҳуқуқи инсон, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015»[131]; Созишнома «Дар бораи Консепсияи амнияти ҳарбии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»[132] ва дигар санадҳои меъёрӣ қабул карда шудаанд.

Асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллиро маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба ҳам алоқаманди дохилии мувофиқатшуда ташкил медиҳад. Дар баробари худ асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ дорои шохисҳо ва меъёрҳои ҳуқуқие мебошанд, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи таъмини амнияти миллии мамлакатамон бо мақсади ба тартиб даровардан ва инкишоф додани онҳо танзим мекунанд.

Асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ барои танзими муқаррароти зерин пешбинӣ шудаанд: ташкили низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, яъне вазифаҳои асосии он, принсипҳои ташкилӣ, сохторҳои дохилӣ; қувва ва воситаҳо; мавқеи худи ин система дар механизми давлат; самтҳои асосии таъмини амнияти миллӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва ғайраҳо; хусусиятҳои фаъолияти низоми амнияти миллӣ: ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба амалӣ намудани фаъолияти қонунбарорӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва назорат, тартиби истифодаи қувваҳо, шаклҳо ва усулҳои мавҷудаи онҳо; тартиби

---

[128] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 24.05.2021).
[129] Закон Республики Таджикистан «О военном положении» от 20 июня 2019 года, №1608 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – №6. – Ст. 310.
[130] Военная доктрина Республики Таджикистан от 3 октября 2005 года, №103 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2005. – №8-10. – Ст. 475.
[131] Государственная программа по реализации Концепции прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан в сфере государственного устройства, правозащиты, обороны и безопасности на 2012-2015 годы. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2012 года, №97 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 09.11.2022).
[132] Соглащение «О Концепции военной безопасности государств участников Содружества Независимых Государств» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: //www.base. garant.ru (санаи муроҷиат: 20.09.2022).

истифодаи воситаҳои махсус; тартиби муносибатҳо бо муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатие, ки ба ин система дохил нашудаанд.

Сохтори амнияти миллии Тоҷикистон бошад, ҳамчун як падидаи васеъи мураккаби ҳуқуқӣ муаррифӣ карда мешавад. Яъне сохтори мазкур чунин мавҷудиятҳоро дар бар мегирад: як қатор субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амнияти миллии ҷумҳурӣ (давлат, мақомоти он, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва дигар ташкилотҳои ғайридавлатӣ, шахсони воқеӣ), ки ба ташкил ва фаъолияти системаи таъмини амнияти миллӣ мансубанд; объектҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти низоми таъмини амнияти миллии Тоҷикистон, ки рафтори субъектҳои ин муносибатҳо бо онҳо алоқаманд аст; рафтори ихтиёрии (амал ё беамалӣ) субъектҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ дар раванди фаъолияти низоми амнияти миллӣ; объектҳои гуногуни муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи фаъолияти низоми амнияти миллии Тоҷикистон, ки рафтори субъектҳои ин муносибатҳо бо онҳо алоқаманд аст; шароити берунии мавҷудият ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ, яъне ҳолатҳои (бо маълумотҳо) гуногуне, ки боиси ба вуҷуд омадан, тағйир ё қатъ гардидани муносибатҳои мушаххаси иҷтимоӣ, рафтори имконпазир ё дурусти субъектҳо дар соҳаи ташкил ва фаъолияти низоми таъмини амнияти миллӣ мегарданд; воситаҳои гуногуни юридикӣ, пеш аз ҳама меъёру принсипҳои асосии ҳуқуқ, ки бо ёрии онҳо худи системаи таъминот ташкил ва фаъолияти он амалӣ мегардад.

Ҷанбаи муҳимми таъмини амнияти миллӣ дар сатҳи қонунгузорӣ ин назорат бурдан ва таҳти мушоҳида қарор додану таъқиб намудани иҷрои қонунҳое мебошад, ки ҳамаи муносибатҳоро дар соҳаи амнияти миллӣ ба танзим медарорад. Чунин ҷанбаҳо дорои хусусияти муҳим ва бисёрсатҳӣ буда, санадҳои зеринро дар бар мегиранд: Аз ҷумла, Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонунҳои конститутсионӣ; Қонуни Ҷумҳурии

Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011[133]; фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; қарорҳо ва фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ки дар доираи салоҳияти худ мутобиқи Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои конститутсионӣ ва қонунгузории кишвар қабул намудаанд; шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалие, ки Тоҷикистон баста ё эътироф кардааст; санадҳои меъёрии мақомот ва неруҳои амниятие, ки дар доираи салоҳияти худ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда мешаванд; қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар соҳаи таъмини амният амалкунанда қабул шудаанд.

Ҳамзамон, қайд кардан бамаврид аст, ки зарурати объективии зинанизомии қатъӣ, яъне иерархияи (тобеияти зинаҳои поёнӣ нисбат ба вазифаҳои болоӣ) ҷиддӣ дар масъалаҳои танзимӣ-ҳуқуқии таъмини амнияти миллии кишвари мо бояд зери назорат қарор дода шавад, зеро ин ягона роҳи ба даст овардани муттаҳидии танзими давлатӣ дар ин соҳа буда, устуворӣ ва самаранокии он ба шумор меравад.

Асоси танзими ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ ба Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчун санади меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ки дорои қувваи олии ҳуқуқии кишвар мебошад, тааллуқ дорад. Муҳим он аст, ки сохти конститутсионии Тоҷикистон аз мафҳуми комилан нави «инсон – ҷомеа – давлат» бунёд ёфтааст. Сохтори кунунӣ, ин баръакси фарқияти қонунгузории конститусионии собиқ давлати Шуравӣ мебошад, ки ҳангоми муқаррар намудани асосҳои сохти ҷамъиятӣ аз бунёди (постулатӣ) «давлат – ҷамъият – шахсият» ба вуҷуд омадааст.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «амният» истифода шудааст, ки онро ба маънои васеъ ҳамчун амнияти миллӣ фаҳмидан мумкин аст, зеро он сарчашмаи асосии дигар намудҳои бехатарӣ мебошад, ки ба

---

[133] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 24.05.2021).

муносибатҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ таъсир мерасонанд. Ҳамзамон, дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «мудофиа ва амният» (қ. 3 моддаи 14, моддаи 43, қ. 2 моддаи 64, қ. 11, 20-21 моддаи 69)[134] зикр карда шудааст. Аз ин рӯ, бисёр муқаррароти Конститутсияро ба асосҳои амнияти миллӣ нисбат додан мумкин аст, зеро дар онҳо муҳимтарин муносибатҳои иҷтимоии барои шахс, ҷомеа, давлат муҳофизати онҳо муайян карда шудаанд, ки ин яке аз вазифаҳои асосии таъмини амнияти миллӣ мебошад.

Сарфи назар аз он, ки категорияи «амнияти миллӣ»-ро ба ягон соҳаи ҳуқуқ мансуб кардан мумкин нест, бинобар ҳамин чунин монеа барои қабул намудани мақоми конститутсионӣ сабаб шуда наметавонад. Зеро Конститутсия на танҳо санади меъёрии хуқуқӣ, балки ҳуҷҷате мебошад[135], ки бояд принсипҳои фаъолият, мақсадҳои давлат, инчунин муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ оид ба таъмини амнияти мардуми гуногунмиллати онро нишон диҳад. Дар он тавассути ворид намудани меъёри амнияти миллӣ ба низоми сохти конститутсионии кишвар, механизмҳои таъмини амнияти миллиро муайян кардан мумкин аст. Ҳамин тавр, муҳаққиқ В.Т. Кабишев бар ин назар аст, ки мафҳуми «сохти конститутсионӣ»[136] тамоми доираи гуногунии механизми эҷод, фаъолият ва татбиқи қонуни Асосиро ҷамъ меорад.

Мувофиқи нуқтаи назари истифодаи мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар меъёрҳои Конститутсия ва татбиқи қонунҳое, ки муносибатҳоро дар соҳаи амният ба танзим медарорад, муҳим он аст, ба он таваҷҷуҳ намоем, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истилоҳи «амният» борҳо ба маънои мустақим ё бавосита истифода шудааст. Дар боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қисми 1 моддаи 7 омадааст, ки «ҳудуди Тоҷикистон

[134] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[135] Ниг.:Мамонов В.В. Конституционные основы национальной безопасности России: монография. – М., 2002. – С. 15.
[136] Кабышев В.Т. Становление конституционного строя России / Конституционное развитие России. – Саратов, 1993. – С. 5.

тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад»; дар қисми 3 моддаи 7 низ гуфта мешавад, ки «соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии Тоҷикистонро давлат таъмин менамояд». Таблиғ ва амалҳое, ки ба ҷудоиандозии ягонагии давлат нигаронида шудаанд, манъ аст; дар қисми 5 моддаи 8 «таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳи мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст» пешбинӣ шудааст. (бо раъйпурсии 22 майи соли 2016); дар қисми 1 моддаи 16 гуфта мешавад, ки «шаҳрванди Тоҷикистон дар хориҷи кишвар таҳти ҳимояи давлат мебошад. Ҳеҷ як шаҳрванди ҷумҳуриро ба давлати хориҷӣ супурдан мумкин нест. Супурдани ҷинояткор ба давлати хориҷӣ дар асоси шартномаи тарафайн ҳал мешавад». Қисми 3 моддаи 18 пешбинӣ мекунад, ки «дахлнопазирии шахсро давлат кафолат медиҳад. Ба ҳеҷ кас шиканҷа, ҷазо ва муносибати ғайриинсонӣ раво дида намешавад. Мавриди озмоиши маҷбурии тиббӣ ва илмӣ қарор додани инсон манъ аст»; дар қисми 1 моддаи 46 пешбинӣ шудааст[137], ки «ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври муътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулода эълон мегардад».

Инчунин дар банди 11 моддаи 69 гуфта мешавад, ки таъсиси Шурои Амният дар салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ҳамзамон вай роҳбари он мебошад. Баъдан, дар банди 21 моддаи 69 гуфта мешавад, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми иҷрои ваколатҳои худ дар ҳолати зарурӣ «ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҳарбиро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи муштараки Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад» (бо раъйпурсии 22 майи соли

[137] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

2016); дар қисми 4 моддаи 35 муқаррар шудааст, ки «дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст»[138] ва ғайраҳо.

Ба ҳамин тарз, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон имконияти маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо мақсади таъмини амният муқаррар карда шудааст. Дар қисми 3 моддаи 14 гуфта мешавад, ки «маҳдуд кардани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд танҳо ба мақсади таъмини ҳуқуқ ва озодии дигарон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳимояи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи мамлакат, ахлоқи ҷомеа, сиҳативу саломатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ раво дониста мешавад» (бо раъйпурсии 22 майи соли 2016). Аммо, дар қисми 1 моддаи 47 муқаррар шудааст, ки ҳатто ҳангоми ҷорӣ намудани вазъи фавқулодда ҳуқуқу озодиҳои дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25 ва 28-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинигардида, ба маҳдудият дучор намешаванд. Яъне бо дарназардошти дастовардҳои нави ҷомеа марҳилаи нави ислоҳоти конститутсионӣ оғоз гардид, ин имкон дод, ки 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид карда шавад. Онҳо моҳияти созишии конститутсияро боз ҳам қавитар намуда[139], ба пояҳои сохти конститутсионӣ тақвият бахшид. Бояд тазаккур намуд, ки на ҳама муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амният бо мафҳуми «амнияти миллӣ» фаро гирифта шудаанд, балки танҳо муносибатҳое, ки дар лаҳзаи муайяни таърихӣ ба манфиатҳои миллӣ таъсир мерасонанд фаҳмида мешаванд, чунки барои онҳо хатару таҳдидҳои воқеӣ вуҷуд дорад. Масалан, пас аз ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунҳои махсус қабул карда шудаанд, ки соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятиро, ки табиист ва ба амнияти давлат алоқамананд, бевосита ба танзим медарорад. Ғайр аз ин,

[138] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
[139] Ниг.: Имомов А. Масъалаҳои такмили Конститутсия / А. Имомов // Ахбори институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқ. – 2012. – №1. – С. 154-159.

дар бисёр қонунҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ»[140] аз 01 августи соли 2003; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок»[141] аз 28 феврали соли 2004; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ»[142], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ»[143] аз 01 марти соли 2005; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншооти гидротехникӣ»[144] аз 29 декабри соли 2010; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии нақлиёт»[145] аз 03 июли соли 2012; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии озуқаворӣ»[146] аз 01 августи соли 2012; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини бехатарии экологии нақлиёти автомобилӣ»[147] аз 08 августи соли 2015; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ»[148] аз 30 майи соли 2017; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти биологӣ ва ҳифзи биологӣ»[149] аз 29 январи соли 2021 ва дигар санаду меъёрҳои амалкунанда.

Айни замон санади асосии меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи амният Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ба ҳисоб меравад, ки он асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти инсон, ҷамъият ва давлатро ба танзим медарорад.

---

[140] Закон Республики Таджикистан «О радиационной безопасности» от 1 августа 2003 года, №42 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2003. – №8. – Ст. 465.

[141] Закон Республики Таджикистан «О промышленной безопасности опасных производственных объектов» от 28 февраля 2004 года, №14 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2004. – №2. – Ст. 46.

[142] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15 июли соли 2004, таҳти №53 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 12.06.2019).

[143] Закон Республики Таджикистан «О биологической безопасности» от 1 марта 2005 года, №88 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2005. – №3. – Ст. 128.

[144] Закон Республики Таджикистан «О безопасности гидротехнических сооружений» от 29 декабря 2010 года, №666 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – №12 (ч. 1). – Ст. 825.

[145] Закон Республики Таджикистан «О транспортной безопасности» от 3 июля 2012 года, №847 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – №7. – Ст. 697.

[146] Закон Республики Таджикистан «О безопасности пищевых продуктов» от 1 августа 2012 года, №890 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2012. – №8. – Ст. 827.

[147] Закон Республики Таджикистан «Об обеспечения экологической безопасности транспорта» от 8 августа 2015 года, №1214 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2015. – №2. – Ст. 315.

[148] Закон Республики Таджикистан «О сеймической безопасности» от 30 мая 2017 года, №1416 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – №5 (ч. 1). – Ст. 273.

[149] Закон Республики Тадижкистан «Об обеспечение биологической безопасности и биологической защиты» от 29 января 2021 года, №1759 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2021. – №4. – Ст. 658.

Ҳамзамон, муайян намудани системаи амнияти вазифаҳои он, муқаррар намудани тартиби ташкил ва маблағгузории мақомоти амният, инчунин назорат ва иҷроиши волоияти қонун дар фаъолияти онҳо ба роҳ монда мешавад. Қонуни мавриди назар хеле прогрессивӣ, яъне самаранок мебошад, зеро он «зарурати муносибати мунтазамро ба баррасии ҳама масъалаҳои амнияти миллӣ»-ро пешбинӣ карда метавонад.

Аҳаммияти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»[150] дар он мебошад, ки дар он барои кишвари мо муносибати сифатан нав ба масъалаҳои амнияти миллӣ бо дарназардошти манфиатҳои шахсият ва ҷомеа муқаррар карда мешавад. Бори аввал дар қонун мафҳуми амният, ҳамчун «ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётии шахсият, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ» дарҷ карда шудаанд. Ин равиш имкон медиҳад, ки аз тафсири амиқи қаблии амният, ки танҳо амнияти давлат фаҳмида мешавад ва ҳатто он асосан ба амнияти идеология ва пешгирии ҳама гуна мухолифатҳо маҳдуд карда мешаванд, бартараф карда шаванд.

Ҳамин хел, мутобиқи қонуни мазкур бори нахуст ба ду навъ ҷудо намудани амният вобаста ба маҳалли ҷойгиршавии манбаи таҳдид – дохилӣ ва берунӣ ба вуҷуд омад, ки ин хеле муҳим мебошад, зеро чунин иқдом имкон медиҳад, ки равишҳои муайяни консептуалии ҳалли мушкилот тасниф карда шуда, мушкилоти таъмини амнияти миллӣ ва таҳкими якхелаи истилоҳот дар тавсифи соҳаҳои амният устувор гардад. Бо мақсади ба вуҷуд овардан ва нигоҳ доштани сатҳи зарурии ҳифзи объектҳои ҳифзи ҳуқуқ қонуни баррасишаванда таҳияи системаҳои меъёрҳои ҳуқуқиро, ки муносибатҳоро дар соҳаи амният танзим намуда, самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идораи давлатӣ, ташаккули ҳифзи ҳуқуқро муайян менамояд, ё дигаргун сохтани сохторҳои амният ва механизми назорат ва иҷроиши фаъолияти онҳоро ба танзим медарорад.

[150] Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 года, №721 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011. – №5. – Ст. 351.

Қонуни мазкур модели ҷудокунии салоҳиятҳо байни мақомоти қонунгузор ва иҷроияро дар соҳаи таъмини амният муттаҳид намудааст. Субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, яъне заминаи ҳуқуқии ҳимояи давлатии манфиатҳои миллӣ, инчунин тамоми механизми танзими давлатии ҳуқуқии соҳаи таъмини амнияти миллӣ, бояд дар заминаи робитаи категорияи «умумӣ-махсус-ягона» ҳамоҳанг шаванд, ки дар ин самт вазифаҳоро тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ иҷро менамояд.

Мутаассифона, дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон мафҳуми «амният» ҳамчун вазифаи давлат мураттаб нашудааст ва аз ин рӯ, мақсад, шакл, усул ва воситаҳои ин намуди фаъолият то ҳол муайян карда нашудааст. Аз нигоҳи қонун асосҳои сиёсати давлат дар соҳаи амният, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудаанд, бояд дар Қонун «Дар бораи амният» дар намуди механизм, шакл, усул ва воситаҳои таъмини амният, танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа низ ба инобат гирифта шаванд.

Бояд иқрор шуд, ки дар айни замон қонуни мазкур ҳамаи вазифаҳои ба миёнгузоштаро мисли солҳои қаблӣ, эҳтимол пурра ҳал карда наметавонад. Аз нуқтаи назари замони ҳозира, пешомадҳои тараққиёти мамлакати мо, ҳамчунин дар шароити ғайридавлатигардонии сиёсати амнияти миллӣ ва амалия чунин шуморида мешавад, ки барои фурсати дар амал қонун тадбиқ нашуда, аллакай қонун куҳна шудааст, зеро он воқеияти имрӯзаро ба инобат намегирад ва ба хусусият ва мазмуни равандҳои дохилии сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақа мувофиқат намекунад. Қонун «Дар бораи амният»[151] соли 2011 дар дигар шароитҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ қабул карда шуда буд, аз ин рӯ, дар он як қатор маводи куҳнашуда мавҷуд аст. Тавре маълум аст, дар мубоҳисаҳои илмӣ баъзан андешаҳо ба миён меомаданд, ки қонуни мазкур бояд қонун **«Дар бораи таъмини амнияти**

---

[151] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2021).

**миллӣ»** номида шавад, зеро ин дар мазмуни қонун аксаран ба таъмини амнияти шахс, ҷомеа ва давлат дахолат дорад, яъне дар асл сухан дар бораи амнияти миллӣ меравад. Воқеан, амнияти миллӣ ҳар сеи ин унсурҳоро дар бар мегирад. Шахс ҳамчун ҳуҷайраи (яъне гурӯҳи хурди ташкилотӣ) ибтидоии ҷомеа ва давлат дорои арзиши олии иҷтимоӣ буда, ҳамзамон бо афзалияти ҳифзшаванда ниёз доранд.

Аз нуқтаи назари равиши консептуалии илмӣ, баррасии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», ба назари мо, бузургтарин нуқсони қонун дар он аст, ки он дар ибтидо ба мафҳуми илман асосноки амният асос наёфта буд. Аз ин рӯ, бисёре аз муқаррароти он хусусияти декларативӣ дошта, ба воқеият номувофиқ буда, дар шароити муайян метавонад боиси таҳриф дар соҳаи фаъолияти мақомоти дахлдори давлатӣ гардад.

Ба асосҳои мантиқӣ ва методологии қонуни пешниҳодшуда диққат додан аз манфиат холӣ нест. Аввалан, категорияи бунёдии «амният» ба чунин мафҳуми ғайриилмӣ, аз қабили «вазъияти амният» оварда шудааст, ки дар ин қонун[152] ҳафт маротиба истифода шудааст. Дар ин тафсир категорияи «амният» танҳо итминони сифатӣ («ҳолати амният») дорад, вале аз моҳият ва мазмун, вазифаи иҷтимоию сиёсӣ, инчунин меъёрҳои амният ё ҳимоятшаванда холӣ аст. Саволи зерин низ қобили қабул мебошад: агар «вазъияти амонӣ» набошад, пас, категорияи «амният» вуҷуд надорад? Баъдан, таърифи мафҳуми «манфиатҳои ҳаётан муҳим» ҳамчун «маҷмуи эҳтиёҷот», ки дар қонун қариб даҳ маротиба истифода шудааст, аз ҷиҳати илмӣ низ камасос аст. Манфиатҳо – ҳамеша як зуҳуроти субъективии ниёзҳо ва категорияи объективӣ буда, дуюмдараҷаанд ва аз рӯйи эҳтиёҷот муайян карда мешаванд. Сеюм, шарҳи мафҳуми «таҳдид ба амният» ҳамчун маҷмуи шарту омилҳое, ки «хатарро ба вуҷуд меоваранд» иштибоҳовар аст. Оё шарт, ё омили ягона (ҳамчун категорияҳои объективӣ) таҳдид ё хатар эҷод карда

[152] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2021).

наметавонад? Гузашта аз ин, чунин омилҳои субъективӣ, ба монанди ният, қарор, мақсад ва ғайра метавонанд барои шахс хатарнок бошанд.

Таҳдидҳою чолишҳои нав мазмун ва самти фаъолияти аксари давлатҳои ИДМ, бахусус Ҷумҳурии Тоҷикистонро оид ба таъмини амният тағйир дод. Ногуфта намонад, ки Тоҷикон дар тули таърихи чандинҳазорсолаи худ бисёр давраҳои печидаву мушкилро пушти сар кардаанд[153], дар ҳама давру замон аз таҳаммулгарой ва маслиҳату муколама кор гирифта, борҳо собит сохтаанд, ки бо роҳи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоту низоъҳо ва ба ҳам муқобил гузоштани ҷаҳонбиниву ақидаҳои мухталиф метавонад на танҳо сабабгори фасоди ахлоқ ва халалдор гардидани фарҳангу тамаддунҳо, балки шикасти давлатҳо низ гардад. Вобаста ба ин, заруратиислоҳотии Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният», васеъ ва равшан кардани ҳадафу вазифаҳое, ки дар назди кишвар доир ба ин самт истодаанд, ба миён омадааст. Инчунин пурзӯр намудани ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини амнияти давлат, амнияти ҷамъият, амнияти экологӣ, амнияти шахс ва дигар намудҳои таъмини пешбининамудаи қонунгузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди қабул аст.

Дар робита ба ин, чунин бармеояд, ки бояд Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» қабул карда шуда, инчунин бояд принсипҳои асосии таъмини амният муайян карда шавад. Ба ғайр аз ин ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти худидоракуниро дар соҳаи амният бояд муқаррар карда шаванд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» мутобиқи моддаи 69 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳо, хусусиятҳо, ҳайат ва ташкили фаъолияти онҳоро муайян мекунад. Шурои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қонуне, ки мо баррасӣ мекунем, аз вазифаҳои асосии зерин иборатанд: муайян намудани

---
[153] Ниг.:Эмомалӣ Раҳмон. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.

манфиатҳои ҳаётии инсон ва шаҳрванд, ҷамъият ва давлат, ошкор намудани таҳдиди дохилию берунӣ ба объектҳои амният; ташаккули стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ дар соҳаи таъмини амният, тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ, сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳия ва татбиқи консепсия ва стратегияи амнияти миллӣ, ҳамзамон арзёбӣ, самаранокии он (дар таҳрири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, таҳти №1283) ва як қатор вазифаҳои дигар.

Мутобиқи қонун Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми машваратӣ буда, оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зарурӣ ва тадбирҳои ташкилӣ оид ба таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳоду тавсияҳоро таҳия ва ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод менамояд (банди 3, қисми 1, моддаи 29 ҚҶТ «Дар бораи амният»).

Ғайр аз ин, дар қонун баъзе норасоиҳо низ мавҷуданд. Он мафҳумҳои «амният» ва «амнияти миллӣ»-ро муайян мекунад. Чунин муайянкунӣ ғайри қобили қабул аст, зеро амнияти миллӣ бояд ҳамчун як ҷузъи падидаи умумии амният баррасӣ шуда, ҳамчун шарти ҳатмӣ барои мавҷудияти шахсият, ҷомеа ва давлат хизмат мекунаду имкон медиҳад, ки арзишҳои ҷамъшуда дар доираи тамоми давлат нигоҳ дошта шаванд, яъне маҷмуи миллатҳову гурӯҳи миллие, ки ба давлати сермиллат дохиланд.

Қонун чунин муқарраротро дар бар нагирифтааст, аз қабили муайян кардани низоми амнияти миллӣ ва сохтори объектҳои низомии таъмини амният. Дар робита ба ин, мо пешниҳод мекунем, ки қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти миллӣ» дар раванди ислоҳоти қонунбарории пешоянд қабул карда шавад, ки дар он мафҳумҳои камбуд ошкор ва аз ҷиҳати методӣ-илмӣ асоснок карда шаванд. Қонуни амнияти миллӣ бояд мувозинати манфиатҳои миллиро равшан ифода намуда аз чунин ҷанбаҳо иборат бошанд: мувофиқати чораҳои таъмини амнияти миллӣ ба мазмун, хусусият ва миқёси таҳдидҳо ба амнияти миллӣ; мутақобила ва ҳамкорӣ бо системаҳои амнияти байналмилалӣ.

Амнияти миллӣ дар робита ба намудҳои он мафҳуми умумӣ мебошад. Қонун «Дар бораи амният» – соли 2011 вобаста бар ҷойгиршавии манбаи хатар ба ду намуди амният – дохилӣ ва беруна ҷудо карда мешавад. Чунин тақсимот ба сарҳадҳои ҳудудии байни давлатҳо асос ёфтааст, равиш аз рӯйи категорияи фаъолият дар дохили давлат ва берун аз он истифода мешавад; фаъолияти дохили давлат оид ба таъмини суботи он амнияти дохилӣ; фаъолияти ғайриҳудудӣ аз давлат амнияти беруна мебошад.

Ба назари мо, дар баробари фарқ кардани амнияти дохилӣ ва берунӣ, таснифи намудҳои амнияти миллӣ аз рӯйи объектҳои амнияти миллӣ дар бунёди тамоми системавии объектҳои амнияти миллӣ ва танзими ҳуқуқии он низ нақши муҳимми методологӣ доранд, яъне: амнияти шахс, амнияти ҷамият, амнияти давлат; инчунин дар соҳаҳои ҳаёт; иқтисодӣ, экологӣ, иттилоотӣ ва ғайрҳо дониста мешаванд. Донистани ин навъҳои амниятӣ ҳамчунин ба таҳияи стратегия ва тактикаи ошкори мутақобила бо чолишу таҳдидҳо ба амнияти миллии Тоҷикистон мусоидат мекунад.

Дар баробари ин пешниҳод мешавад, ки як катор ҳолатҳои вобаста ба истифодаи луғавӣ (тарҷумаи мутахассис) меъёрӣ ё таърифҳои ҳуқуқӣ ба назар гирифта шаванд. Аз ҷумла, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» намудҳои амният чунин номбар шудаанд: амнияти миллӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти экологӣ ва дигар намудҳои амният. Барои риояи методологияи истифодаи дастгоҳи категориявӣ, бояд меъёрҳои асосии таснифоти онҳо ба назар гирифта шаванд. Масалан, чунин намуди мафҳумҳо ба монанди амнияти давлатӣ, амнияти фардӣ ва амнияти ҷамъиятӣ ба ҳам баробар нестанд[154], зеро мафҳумҳои «амнияти шахсӣ»-ро аз «бехатарии шахс» «бехатарии ҷамъиятӣ»-ро аз «амнияти ҷамъият»; «амнияти давлатӣ»-ро аз «бехатарии давлат» бояд фарқ карда шавад. Чунин таснифоти намудҳои амният аз нуқтаи назари пешниҳоди сегонаи асосии таъмини

[154] Ниг.: Кардашова И.Б. О соотношении категорий «национальная безопасность» и «государственная безопасность»: административная реформа и наука административного права / И.Б. Кардашова // Сборник статей. – М, 2007. – С. 215-218.

амнияти миллӣ, аз қабили: «амнияти шахс – амнияти ҷомеа – амнияти давлат» низ нотавон мемонанд.

Ҳамин тариқ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» санади меъёрии ҳуқуқие нест, ки низоми таҳсилоти умумии амниятиро дар Тоҷикистон пешбинӣ карда, «тамоми синну сол ва табақаҳои иҷтимоии аҳолиро фаро гирифта, дарки мушкилоти амниятро таъмин намояд, ҳамзамон маҳорат ва малакаҳои рафторро дар ҳолатҳои фавқулодда ва дигар мавқеъҳо душвор ба даст меорад». Қонуни мазкур, ба эҳтимоли зиёд, бо ин навъи ном, яъне қонун «Дар бораи таъмини амнияти миллӣ» наздиктар аст, зеро он асосан ба салоҳиятҳои Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дахлдор буда, ваколатҳои мақомоти маҳаллии ҳокимият ва худидоракунии деҳот, шаҳракҳо, ваколатҳои судҳо ва мақомоти давлатӣ дар соҳаи таъмини амният, инчунин салоҳияти Шурои амниятро фарогирӣ менамояд.

Аз ин рӯ, ба андешаи мо, зарур аст, ки қонунгузориро дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, тавассути ташаккули минбаъдаи низоми тағйирпазири ҳуқуқӣ, ки ба дигаргуниҳои ҷоришавандаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-сиёсӣ ба таври муносиб ҷавобгӯ арзёбӣ намуда, сатҳи зарурии амнияти миллиро таъмин ва такмил дода шавад. Такмили қонунгузории миллӣ ва муҳимтар аз ҳама, иҷрои қонун на танҳо як масъалаи дохилии ҳуқуқӣ[155], балки масъалаи амнияти миллии кишвар дар ҷаҳонишавии олами муосир низ мебошад.

Вобаста ба гуфтаҳои боло зарур ба назар мерасад, ки Қонуни сифатан нави низомсози Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти миллӣ» таҳия карда шавад, ки бояд фарогири чунини масъалаҳо бошад, аз қабили: тамоми доираи дастгоҳи категориалӣ-консептуалиро дар соҳаи таъмини амнияти миллиро пешниҳод намояд; низоми мақомоти амнияти миллӣ ва доираи фаъолияти онҳоро муайян карда, масъалаҳои назорат, ҳамоҳангсозӣ, фаъолият ва ҳамкории онҳо ва ғайраро танзимкунанда бошад. Гузашта аз ин,

[155] Ниг.: Зорькин В. Вызовы глобализации и правовая концепция мироустройства / В. Зорькин // Российская газета. – 10 сентября 2010. – С. 11.

бо назардошти падидаҳои номатлуби ҷаҳони имрӯза, аҳаммияти масъалаҳои амниятӣ хусусият ва диққати махсуси рӯзафзӯн пайдо мекунанд. Ба андешаи мо, дар натиҷа, поя ва мақоми ин қонун, бо салоҳияти қонуни конститусионӣ баробар мешавад.

Ҳадафҳои асосии қонуни нав бояд ба таври зайл маҳдуд карда шаванд, аз ҷумла, он бояд асосҳои ҳуқуқӣ ва сиёсии таъмини амниятро муқаррар кунад, аз ҷумла: таъминот тибқи муқарароти Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар асоси дигар ҳуҷҷатҳое, ки сиёсати дохилию берунии ҷумҳуриро муайян мекунанд, сурат гиранд; амнияти миллӣ бо иҷрои бемайлони уҳдадориҳо дар соҳаи таъмини амният аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандон, сарфи назар аз мансубияти идоравӣ ва шакли моликият таъмин карда шавад. Муҳим аст, ки на он қадар манфиатҳои миллӣ ҳамчун ҳадафи миллӣ муайян карда шаванд, балки он имкон медиҳад, ки ҳамаи категорияҳо дар шакли меъёрӣ таҳия карда шаванд, аз қабили: амнияти миллӣ, таҳдидҳо, низоми амнияти миллӣ, системаи таъмини амнияти миллӣ ва ҳоказо. Пеш аз ҳама, дар қонуни нав маҳз субъектҳои амният ба тафсилоти консептуалӣ ниёз доранд. Сохтори мавзуъҳо бояд чунин унсурҳои асосиро таъкид кунанд: мақомоти ҳокимияти давлатӣ; иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ; субъектҳои хоҷагӣ, гурӯҳи иҷтимоии одамон ва албатта худи шахс (яъне инсон). Дар баробари ин, муайян кардани чаҳорчӯбаи нақш, вазифаҳо, масъулият ва ҳуқуқҳои онҳо, робитаи мутақобила, хусусияти таъсири баробарҳуқуқии муносибатҳо ва созишҳо (интерактивӣ) муҳим арзёбӣ мешаванд. Муттаҳид кардани муқаррарот дар бораи низоми амнияти давлатӣ (ғайридавлатӣ) ҳам ниҳоят муҳим аст, зеро ин консепсияи муқарраршудаест, ки таҳия ва консолидасияи дурусти танзими ҳуқуқӣ-меъёриро нагирифтааст.

Таҳлили чолишу таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, ки ба рушди устувори давлати мо таъсир мерасонанд, аҳаммияти қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи таъмини амнияти миллӣ таъкид менамояд, ки имкон медиҳад аз амалияи вокуниши номунтазам ба хатару таҳдидҳои

ғайричашмдошт, бо сиёсати хирадмандона, дарозмуддат ва аз ҷиҳати илмӣ-таҷрибавӣ асоснок монеаи устувор гузорем. Ин далели он аст, ки фарҳанги стратегии ҳимоя дар кишвари мо ба омили муҳимми муайянкунандаи сиёсати давлат дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ табдил меёбад. Имрӯз Тоҷикистон бояд дар назди худ вазифа гузорад, ки фарҳанги стратегӣ-ҳимоявии худро дар заминаи ғояҳои миллӣ, таҷрибаи таърихӣ, анъанаҳо, имконоти моддӣ, бо назардошти дониши умумӣ (аз таҷрибаи дигарон) барои расидан ба ҳадафҳои миллии худ, дар таъмини амнияти миллии кишвари маҳбубамон ташаккул диҳад.

Низоми (системаи) таъмини амнияти миллиро мақомоти шохаҳои зерин ташкил медиҳанд, аз он ҷумла: ҳокимиятҳои қонунгузор, иҷроия ва судӣ; ташкилоту иттиҳодияҳои давлатӣ, ҷамъиятӣ ва дигарҳо; қонунгузории танзимкунандаи муносибатҳои соҳаи таъмини амният, дигар қонунҳое, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ танзим мекунанд. Қонунҳо ва санадҳои дохилии дар боло зикршуда дар ин фасли рисола, муҳимтарин унсури ин низоми равиш мебошанд.

Ҳамин тариқ, асоси танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ аз меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ, маъмурӣ, шаҳрвандӣ, ҷиноятӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва мурофиаи шаҳрвандӣ мебошанд, ки танзимкунандаи муҳимтарин муносибатҳои соҳаи таъмини амнияти миллӣ иборат мебошанд.

Қонунгузории конститутсионӣ ҳамчун асоси қонунгузории соҳавӣ бояд ба динамикаи рӯйдодҳои дар ҷаҳон ва ҷомеаи Тоҷикистон ба амаломада мувофиқат кунад. Он бояд возеҳ ва пайгирона бошад, ин имкон медиҳад, ки қонунҳои соҳавӣ сари вақт ислоҳ карда шуда ва ба таҳдидҳои амниятӣ ба таври кофӣ посух дода шаванд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва маъмурӣ ташаккули ин низом, сохтори он, муқаррарот дар механизми давлат, самтҳои асосии фаъолият, муносибатҳо бо дигар мақомоти

ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шахсони алоҳидаро ба танзим медарорад.

Муқаррароти ҳуқуқи граждании бошад, муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкии ба онҳо вобастаро дар асоси принсипҳои мустақилияти амволию маъмурии мақомоти давлатӣ, ки низоми таъмини амнияти миллии Тоҷикистонро ташкил медиҳанд, танзим менамояд. Меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ ва мурофиавии ҷиноятӣ муносибатҳои марбут ба тафтиши ҷиноятҳоро, ки ба салоҳияти мақомоти давлатие, ки низоми таъмини амнияти миллиро ташкил медиҳанд ва бо фаъолияти ин низом алоқамандатанд, танзим мекунанд.

Дар низоми ҳуқуқии таъмини амнияти ҷумҳурии мо нақши муҳимтарин ба унсури чандиртарин (ҳамоҳангӣ) ва динамикии он – санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ тааллуқ доранд, ки санади меъёрии ҳуқуқии мақоми салоҳиятдор мебошанд, ки дар асоси санад ва мутобиқи қонун амал мекунанд. Дар байни ин амалҳо чунин ҷудо карда мешаванд: умумӣ; идоравӣ; маҳаллӣ, аз ҷумла шохаҳои худидоракунии шаҳраку деҳот; маҳаллӣ (дохилӣ-ташкилӣ). Онҳоро аз рӯйи қувваи юридикии худ бо салоҳияти мақомоти ҳокимияти дахлдори давлатие, ки ин санадҳоро қабул мекунад, тасниф кардан мумкин аст: санадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои Ҳукумат Ҷумҳурии Тоҷикистон; санадҳои байниидоравӣ ва дигар сохторҳо.

Дар низоми амнияти ҳуқуқии кишвар шартномаҳо, созишномаҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ғайра нақши муҳим доранд. Аз қабили: Эъломияи умумии ҳуқуқи башар аз соли 1948[156]; Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ аз соли 1976; Паймони байналмилалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз соли 1972; протоколи факултативии Паймони байналхалқии оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсии

[156] Эъломияи умумии ҳуқуқи башар [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://www.mfa.tj/uploads/main/2020/12/1-E-lomiyai-umumii-huquqi-bashar.pdf (санаи муроҷиат: 03.12.2022).

аз соли 1966 ва ғайраҳо. Дар Хартияи бехатарии Аврупо[157], аз ҷумла чунин қайд карда мешавад, ки: «амният ва сулҳ, бояд тавассути равишҳое мустаҳкам карда шаванд, ки ду унсури асосиро муттаҳид мекунанд: мо бояд эътимодро байни одамон дар дохили давлатҳо эҷод намуда ва ҳамкориҳои байни давлатҳоро инкишоф диҳем».

Дар таъмини амнияти миллӣ такмили танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд аҳаммияти хоса доранд. Аз ин лиҳоз ба мақсад мувофиқ ба назар мерасад, ки санадҳои қонунгузорие, ки ба ҳифзи шахсият нигаронида шудаанд, тайёр карда шаванд. Қонун бояд инҳоро пешбинӣ намояд: ҳуқуқи шаҳрвандони мамлакати мо барои бо ҳар роҳ муҳофизат намудани ҳуқуқ, шаъну шараф ва моликияти худ; ҳимояи давлатии ҷабрдидагон, шоҳидон ва дигар шахсоне, ки ба пешбурди парвандаҳои ҷиноятӣ кӯмак мерасонанд; ҳифзи ҳуқуқии шахсоне, ки ба мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар мубориза бар зидди ҷинояткорҳои муташаккилона, коррупсия, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, аслиҳа ва дигар ҳуқуқвайронкуниҳо, кӯмаки пинҳонӣ мерасонанд; ҳуқуқи шаҳрвандоне, ки аз кирдорҳои ҷиноятӣ, аз амали (ё беамалии) ғайриқонунии мақомоти давлатӣ (ё шахсони) давлатӣ, ҳамзамон суиистифода аз ваколат, мансаб, шахсони мансабдор, ки ғайриқонунӣ зарар дидаанд, барои ҷуброни зарари моддии расонидашуда, аз ҷумла барои муолиҷаи осеби ҷисмонӣ, зарари маънавӣ ва дигар зарарҳо аз ҳисоби давлат пардохт карда шавад. Дар айни замон товонии зарар бояд аз тарафи мақомоти давлатӣ, сарфи назар аз ошкор ва ё падидор нагардидани гунаҳкор (ҷинояткор) дар содир намудани ҷиноят ҳарчи зудтар анҷом дода шавад.

Ҳамин тариқ, бо назардошти он, ки амнияти миллӣ дар маҷмуъ ҳамчун категорияи доктриналӣ амал намуда, онро дар сатҳи қонунгузории дохилӣ ифода мекунад, инчунин моҳият ва мазмуни ин падидаро муайян мекунад. Намудҳои амнияти миллӣ имкон медиҳанд, ки ба фаъолияти мушаххаси

---

[157] Ниг.:Хартия европейской безопасности. – Стамбул, 2019 // Независимая газета. – 23 ноября 1999. – С. 6.

амалӣ гузарем, ки тавассути барномаҳои давлатӣ ё ҳукуматӣ барои як давраи муайян татбиқ карда шуда, чунин пешниҳод карда мешавад.

Қабули қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти миллӣ», ки дар маҷмуъ амнияти миллӣ ва намудҳои онро муайян мекунад. Ҳамзамон, ҳам равиши систематикие, ки дар назарияи амнияти миллӣ бомуваффақият татбиқ мешавад ва ҳам равиши арзишӣ, бояд ҳамчун усулҳои муҳим истифода шаванд, зеро амнияти миллӣ шарти мавҷудияти шахсият, ҷомеа ва давлат мебошад, ки ин равиш имкон медиҳад, ки арзишҳои ҷамъшударо ҳифз карда шаванд. Ҳадафи асосии таъмини амнияти миллӣ барои давлат (дар таҷрибаи Федератсияи Россия)[158] ташаккул ва нигоҳ доштани суботи дохилӣ ва берунӣ равона шуда, барои татбиқи афзалиятҳои стратегии миллӣ, аз ҷониби мақомоти амнияти миллӣ мусоидаткунанда мебошад.

Манфиатҳои миллӣ танҳо шакли моҳиятии ифодаи арзишҳои миллӣ дар шароити мушаххаси таърихӣ, дар ҳолати мушаххаси рушди вазъи дохилӣ ва байналмилалӣ мебошанд. Сарчашмаи манфиатҳои миллӣ дар арзишҳои миллӣ аст ва онҳо аз доираи ҳадафҳои миллӣ, ки аз призмаи таҳдиду хатарҳо баррасӣ мешаванд, ифода меёбанд. Ин барои он муҳим аст, ки ҳадафи асосии давлати мо ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун арзиши олӣ, инчунин манфиатҳои аз ҷониби қонун ҳифзшавандаи ҷомеа ва давлат мебошад.

Фаслҳои асосии лоиҳаи қонуни мазкур бояд инҳо бошанд, аз қабили:

1. Муқаддима, муқаррароти умумӣ (вазифаҳо ва татбиқи қонуни ҷумҳурӣ, мафҳумҳои асосӣ, принсипҳои таъмини амнияти миллӣ, чораҳои таъмини амнияти миллӣ, асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ, сиёсати давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ);

[158] О Стратегии национальной безопасности Российской Федерации // Указ Президента Российской Федерации от 31 декабря 2015 г., №683 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.scrf. gov.ru (санаи муроҷиат: 29.07.2019); Указ Президента Российской Федерации от 2 июля 2021 г., №400 «О Стратегии национальной безопасности Российской Федерации» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://publication.pravo.gov.ru (санаи муроҷиат: 21.08.2021).

2. Низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон (сохтори низоми амнияти миллӣ; вазифаҳои асосии системаи амнияти миллӣ; ҷудокунии ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар системаи амнияти миллӣ; ваколатҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти иҷроия, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар соҳаи амнияти миллӣ, қувваҳо, мақомот ва воситаҳои амнияти миллӣ;

3. Вазъи ҳуқуқии шахс дар соҳаи амнияти миллӣ (таъмини амнияти шахс, риояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳангоми таъмини амнияти миллӣ);

4. Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон (салоҳият, мақом, таркиб ва тартиби таъсиси он, вазифаҳои асосӣ, тартиби қабули қарорҳои Шурои амният, амали Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои таҳдид ба амнияти миллӣ, ваколатҳои котиб ва аъзои Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, комиссияҳои байниидоравии Шурои амният, дастгоҳи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон);

5. Маблағгузории чорабиниҳо оид ба таъмини амнияти миллӣ;

6. Назорат ва танзими фаъолият оид ба таъмини амнияти миллӣ.

7. Таҳияи маҷмуи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (консепсияҳо, доктринаҳо ва ғайраҳо) оид ба намудҳои алоҳидаи амнияти миллӣ (хусусан амнияти инсон, амнияти ҷамъиятӣ, амнияти давлатӣ).

8. Таҳияи барномаҳои давлатӣ (ҳукуматӣ) барои таъмини намудҳои мушаххаси амнияти миллӣ дар давраҳои муайян. Дар ин сурат имкони объективии равона кардани саъю кӯшиши мақомоти конунгузор ба таҳия ва қабули қонун бо назорати минбаъдаи иҷрои он, мақомоти иҷроия барои таъмини иҷрои он, инчунин ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандон барои дастгирии иҷрои он, гирифтани принсипи мутаносибии манфиатҳои шахс, ҷамъият ва давлатро ба назар гирифта мешавад.

# БОБИ 2. ҶАНБАИ ҲУҚУҚӢ-КОНСТИТУТСИОНӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ МЕХАНИЗМИ ДАВЛАТӢ ДАР ТАЪМИНИ АМНИЯТИ МИЛЛӢ

## 2.1. Мафҳум, мундариҷа ва фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ

Вобаста ба таҳқиқи ҷанбаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, сохтор ва фаъолияти механизми давлатӣ дар таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳаминро қайд кардан ба маврид аст, ки маънои методологии категорияи «механизми давлатӣ-ҳуқуқӣ»-ро дар таҳлили сохторию функсионалӣ, доир ба унсурҳои низоми таъмини амнияти миллӣ истифода бурдан бо мақсад мувофиқ аст.

Дар қонунгузории амалкунанда мафҳуми «механизми (сохтор) амният» истифода нагардида, мафҳуми «системаи (низом) амнияти миллӣ» истифода мешавад, ки «маҷмуи муассисаҳо, институтҳо ё ба қавле ниҳодҳое, ки дар кишвар махсус таъсис ёфта, ҳамчун восита, усул ва самтҳои фаъолияти онҳо ҷиҳати таъмини ҳифзи боэътимоди манфиатҳои миллии Тоҷикистон» маънидод менамояд. Ҳамзамон, омӯзиши хусусиятҳои консепсияи механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, дар шароити воқеияти ҳуқуқӣ кишвари моро метавон аз нуқтаи назари низоми-функсионалӣ, тавассути категорияи «механизм» дар амал баровардан мумкин аст.

Қобили зикр аст, ки мафҳуми «механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ» дар таълимот бо назардошти илми ҳуқуқшиносӣ назариявӣ васеъ истифода мешавад, ки бояд ба он аҳаммияти махсуси ҳуқуқӣ-юридикӣ дода, ҳамчун як намуди махсуси механизми ҳуқуқӣ амал намояд. Мазмуни ин падида ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқие, ки аз рӯйи нақшаи муайяни меъёрии муқарраршуда мунтазам ташкил ва ошкоршуда, ки аз меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфтаанд, марҳила ба марҳила амал мекунанд. Дар баробари ин, тамоми унсурҳои механизми ҳуқуқӣ бо назардошти меъёрҳои конститутсионӣ дар робитаи мантиқӣ қарор доранд.

Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллии давлат, ҳамон қувваи моддии ташкилие мебошад, ки давлат таввасути он қудраташро амалӣ менамояд. Мо чунин нуктаро риоя мекунем, ки вазифаҳо ва аз ин рӯ, худи механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллии давлат ҳамчун амалкунанда, пайваста тағйирёбанда ва ба вазъи мушаххас мутобиқ карда шаванд. Метавон гуфт, ки ин механизм дар моҳияти худ ифодаи фаъоли доимии рушди давлат мебошад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ таърифҳои дигари мафҳуми механизми давлат низ мавҷуданд. Масалан, М.И. Байтин[159] механизми давлати муосирро чунин тавсиф мекунад: «аз принсипҳои ягонаи қонунгузорӣ тасдиқшуда, ба тақсимоти қудрат асос ёфта, дорои замимаҳои зарурии моддӣ, системаи мақомоти давлатӣ мебошад, ки вазифаҳо ва муъайянкунандаи давлат тавассути онҳо амалӣ карда мешаванд». Истилоҳи «механизм» дар соҳаи назариявӣ ҳуқуқшиносӣ васеъ истифода шуда, он баҳои ҳуқуқӣ дода шуда, «механизми ҳуқуқӣ»[160] ва мундариҷаи он ҳамчун маҷмуи василаҳои ҳуқуқӣ тибқи марҳилаи муайяни марҳилавӣ ва нақшаи муайяни муқарраршуда ташкил карда мешавад. Аз ҷумла, Н.А. Пянов чунин мешуморад[161], ки ба ҳокимияти давлатӣ чунин таърифи мухтасар додан мумкин аст: он як қисми алоҳидаи сохтории дастгоҳи давлатӣ буда, ба вай ҳокимият дода шудааст ва ба воситаи он вазифаҳо ва уҳдадориҳои муайяни давлат иҷро карда мешаванд. Дар баробари ин, чуин таъриф мафҳуми мақомоти давлатиро пурра ифшо намекунад, зеро вай на ҳамаи хислатҳои асосии онро фаро мегирад. Мафҳуми «механизм» бо фаъолият ва сохторҳои муштараки мақомоти ҳокимияти давлатӣ бо ақидаи олимони ин соҳа ҳамчун, «механизми давлатӣ»[162] алоқаманд мебошад. Масалан, ба ақидаи Л.И.

---

[159] Ниг.: Байтин М.И. Механизм современного Российского государства / М.И. Байтин // Правоведение. – 1996. – №3. – С. 9.

[160] Большой юридический словарь / [В.А. Белов и др.]. – М.: ИНФРА-М, 2003. – 703 с.

[161] Ниг.: Нижник, Н.С. Национальная безопасность: концептуальные основания и феноменологическая характеристика [Текст] / Н.С. Нижник // Международное сообщество и глобализация угроз безопасности: сборник научных докладов. В 2 ч. Ч. 1 / Отв. ред. В.В. Грохотова, Б.Н. Ковалев, Е.А. Макарова. – Великий Новгород, 2008. – С. 89-101.

[162] Механизм государства: классическая и пост классическая парадигмы: монография / Под ред. С.А. Сидорова, И.Л. Честнова. – СПб.: РГПУ им. А.И. Герцена, 2008. – С. 14.

Спиридонов[163] «механизми давлатӣ» як сохтори шохаҳои он мебошад, ки тавассути он ҳокимияти давлатӣ амал намуда, дар доираи ваколатҳояш вазифаҳои худро иҷро менамояд.

Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллиро метавон ба маънои фишурда васеъ ва мураккаб муаррифӣ кард. Вақте ки ба маънои фишурда баррасӣ мешавад, он ҳамчун қисми таркибии механизми давлатӣ амал карда, системаи ташкилотҳо, мақомот, ҳокимият, муассисаҳои давлатӣ, инчунин муассисаҳои ғайридавлатие мебошад, ки махсус барои таъмини амният таъсис ёфтаанд ё дар муддати муайян вазифаи махсус доранд, ки дар таъсири мутақобила ва амалии онҳо фаъолият мекунанд.

Унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вобаста ба таъмини амният дар ин ҳолат инҳоянд: 1) мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, ки иҷрои уҳдадории таъмини амният вазифаи асосии онҳост; 2) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки иҷрои вазифаи амниятӣ барои онҳо ҳосилшуда буда, мувофиқи ҳолати таҳдидҳо амалӣ карда мешаванд; 3) ташкилотҳои ғайридавлатие, ки аз ҷониби давлат ё ҷамъият бевосита барои иҷрои вазифаи таъмини амнияти миллӣ ҷалб карда шудаанд.

Механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вобаста ба таъмини амнияти миллӣ мавҷудияти системаи воситаҳои мутақобиларо пешбинӣ мекунад, ки онҳо ҳамчун «воситаҳои расидан ба ҳадафҳо, табдил додани орзуҳои идеалӣ ба амалҳо ва натиҷаҳои воқеӣ» фаҳмида мешаванд. Ин воситаҳо дар чунин маврид, ҳамчун якпорчагии махсус амал мекунанд, ки фаъолияти он бо ягонагии мақсад муайян карда мешавад ва ба таври муайян бо механизми танзими ҳуқуқӣ алоқаманд аст.

Мундариҷаи категорияи «механизми танзими ҳуқуқӣ» дар адабиёт на он қадар бо роҳи таъкид ва ифшои маънои унсурҳои таркибии он, балки аз нуқтаи назари равшан кардани унсурҳои он, ки ба меъёри қонунгузорӣ-ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд, баррасӣ мешавад. Дар доираи таҳқиқоти мо воситаҳо, ҳамчун тавассути идеологӣ, иқтисодӣ, ҳуқуқӣ фаҳмида мешаванд,

---

[163] Ниг.: Спиридонов Л.И. Теория государства и права. – М., 1995. – С. 66.

ки бо ёрии онҳо ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини амнияти миллӣ таъсир мерасонанд.

Мазмуни механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, заминаи василавӣ буда, бояд воситаи таъсири ҳуқуқӣ дошта бошад. Инчунин консепсияи механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ бо фаъолият ва ҳамкории ниҳодҳои давлатӣ алоқаманд аст, яъне дар доираи механизми ҳокимияти давлатӣ амал менамояд. Ба ақидаи Л.И. Спиридонов[164], механизми давлат – шохаи ҳокимиятҳои он мебошад, ки «ба воситаи он ҳокимияти давлатиро дар амал тадбиқ намуда, вазифаҳои худро иҷро менамояд» ва бисёр муаллифони дигар низ механизми давлатро ҳамчун сохтори ташкилотҳо, мақомотҳо, муассисаҳои давлатие, ки дар робитаи мутақобила ва аз фаъолияти амалии онҳо гирифташуда, муайян мекунанд.

Уҳдадориҳо ба баррасии механизми давлат на танҳо дар статика (беҳаракатӣ, воқиф будан), балки дар динамика низ, дар таҳқиқоти олимон И.П. Антонов[165], В.В. Гибов[166] ва С.И. Игонкин[167] механизми давлатро ҳамчун «системаи мақомоти давлатӣ (дастгоҳи давлатӣ), вале на дар статика (дар ҳолати оромӣ), балки дар ҳолати динамикӣ (ҳаракат) баррасӣ мекунад» инъикос ёфтааст. Э.П. Григонис[168] механизми давлатро ҳамчун «фаъолият, амали шохаҳои давлатӣ (дастгоҳи давлатӣ)» муайян мекунад.

Ҳамзамон, агар ба доираи таъриху тамаддуни бостониамон оид ба мафҳум, мундариҷа ва вазифаҳои фаъолияти механизми сохти давлатдорӣ назар афканем, пас маълум мешавад, ки маҳорати идоракунӣ ва маърифатии гузаштагонамон дар сифати баланд тарҳрезӣ шуда, санъати давлатдориро низ дуруст ба роҳ монда будаанд. Масалан, ҳукумронии давлати Сосониён[169], ки зиёда аз 400 сол давом кард (224 ё 226-651 солҳои мелодӣ) қудрати

---

[164] Ниг.: Спиридонов Л.И. Теория государства и права. – М., 1995. – С. 256.

[165] Ниг.: Антонов И.П. Полиция в механизме государства (на примере ФРГ): автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2000. – С. 11.

[166] Ниг.: Гибов В.В. Сыскная полиция в механизме Российского государства: Теорет. и ист.-правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – СПб, 1998. – 143 с.

[167] Ниг.: Игонькина С.И. Милиция в механизме Российского государства: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – М., 1996. – С. 9.

[168] Ниг.: Григонис Э.П. Механизм государства (теоретико-правовой аспект): дис. … д-ра юрид. наук. – СПб., 2000. – С. 141-142.

[169] Ниг.: Гафуров Б.Г. Таджики. К. 1. – Душанбе: Ирфон, 2009. – С. 243. – 384 с.

бузургтарини худро дар замони Хусрави I - ҳукмронии Анушервон (531-579 солҳои мелодӣ) ба даст меоранд. Хусрави I ҳангоми ҳукмрониаш як қатор ислоҳоти ҳарбӣ ба амал овард, ки аз он муносибатҳои феодалӣ ба вуҷуд омад ва дар таҳкими минбаъдаи он саҳми бузург гузошт. Ислоҳоти қабулкардашудаи онҳо дар соҳаҳои гуногун, аз ҷумла: идоракунии андоз, ҳарбӣ, маъмурӣ ва дигар ҷанбаҳои давлатдорӣ хеле нақши ҷиддӣ бозид. Илова бар ин, ислоҳоти мазкур ҳокимияти марказиро тақвият бахшид. Аз ин лиҳоз, Фридрих Энгелс[170] ҳукмронии Давлати Сосониёнро «Салтанати ба мураттабовардашуда» номида буд. Ҳамзамон, ба яке андешаҳои пурҳикмати шахсияти бузург ва камназири олами ирфон Шамси Табрезӣ[171], ки дар рӯзгори мо қобили омӯзишу пайравӣ мебошад назар афканем, ӯ «инсоният»-ро тоҷи офариниш шинохта, бузургдошти ӯро таъкид менамояд, ки ин ҳақиқат аз суханони зерини ӯ баръало ба мушоҳида мерасад: «Каъба дар миёни олам аст, аҳли олам ҷумла рӯ ба ӯ кунанд, чу ин Каъбаро бардорӣ, саҷдаи эшон ба сӯйи ҳамдигар бошад».

Ҳамин тариқ, ба назари мо чунин менамояд, ки тафсирҳои гуногуни механизми давлат, аз афзалиятҳои тамаддуни бостонӣ, илмии муҳаққиқон, анъанаҳои сиёсию-ҳуқуқии кишвар, дарки хоси давлатдории аҳолӣ сарчашма мегирад.

Дар баробари ин, мо чунин мешуморем, ки барои дарки механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ се равиши асосӣ вуҷуд дорад:

Аввалан, ин механизм ҳамчун маҷмуи мақомоти давлатӣ, ки ҳокимияти давлатиро амалӣ ва муаррифӣ намуда иҷрои вазифаҳои давлатиро таъмин мекунанд.

Дуюм, ин воситаи мақомот ва муассисаҳои гуногунест, ки аз ҳамдигар вобаста ва бо ҳам алоқаманд буда, бо ёрии онҳо ҳокимияти давлатӣ ва идоракунии корҳо, муносибатҳои ҷамъият низ амалӣ карда мешаванд.

---

170 Ниг.: Маркс К. и Энгельс Ф. Соч. Т. 28. – С. 222.
171 Ниг.: Эмомалӣ Р. Чеҳраҳои мондагор. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 364 с.

Сеюм, ин воситаи мақомот, муассисаҳо ва шахсони мансабдоре мебошад, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонун ваколатҳои давлатӣ дода шуда, вазифаҳои давлатро амалӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, метавон ба хулосае омад, ки механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллии давлат, ба таври васеъ ҳамчун низоми фарогирандаи идоракунӣ (ҳукмрон) буда, ҳамчун меҳвари ҷомеаи муосир шарҳ дода мешавад. Илова бар ин, механизми таҳқиқшаванда метавонад бо хусусиятҳои зерин тавсиф карда шавад, аз ҷумла: он аз гурӯҳи одамони махсус иборат аст, ки ба идоракунӣ машғуланд; сохтори мақомот ва муассисаҳои давлатиро, ки аз тобеияти иерархӣ алоқамананд ва барои иҷрои амалҳое, ки инҳисори давлатиро ташкил медиҳанд, намояндагӣ мекунад; барои таъмини ваколатҳои давлатиашон дар ихтиёри худ воситаҳои зарурии ташкилӣ, чораҳои бевоситаи маҷбуркуниро дорад, ки ба дараҷаи техникии ҳар давру замон мувофиқанд.

Дар асоси аҳаммияти таҳқиқоти мо ҳадаф аз он иборат аст, ки амнияти миллӣ як институти мураккаби маҷмуи қонуни конститутсионии ватанӣ мебошад. Он тавассути омӯзиши низоми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳамчун илм ва нишон додани мавқеъ ва нақши амнияти миллӣ дар он, бо назардошти самтҳои асосии ҳифзи он дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ба даст меояд.

Дар сатҳи дохилӣ, дар соҳаҳои хуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар механизмҳои танзими ҳуқуқӣ мавҷуданд, ки ба ҳифзи падидаҳои номатлуби соҳаи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз қабили (экологӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, соҳаи тандурустӣ, таъмини тартиботи ҷамъиятӣ) нигаронида шудаанд.

Воситаҳои ҳуқуқие, ки механизмҳои соҳавии танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, пеш аз ҳама бо меъёрҳои конститутсионӣ асос ёфта, аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ истифода мешаванд, ки ба салоҳияти онҳо фарогирандаи таъмини фаъолияти соҳаи дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ фаро гирифта мешаванд. Маҷмуи механизмҳои соҳавӣ бошад, ҷузъҳои дохилии объекти амнияти миллиро ҳимоя мекунад (зеро мақомот дар давлати

соҳибихтиёрии дохилӣ қонеъ гардонидани тамоми манфиатҳои ҳаётии халқи тоҷикро бо захираҳои мавҷуда, ки ба як соҳаи ҳуқуқ хос аст, таъмин мекунанд).

Бинобар ин, механизми умумиро зарур аст, ки ба ҳалли зиддиятҳои механизмҳои соҳавии танзими ҳуқуқӣ, ҳамоҳангсозии механизмҳо мусоидат намояд, агар барои рафъи зуҳуроти манфӣ воситаҳои ҳуқуқие, ки дар якчанд соҳаҳои ҳуқуқ мавҷуданд, зарур бошад. Чунин як механизми умумикунонӣ дар амнияти миллӣ ҳамчун институти мураккаби ҳуқуқӣ-конститутсионӣ вуҷуд дорад. Ин механизмро мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бо истифода аз ваколатҳои дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»[172] ифода ёфта амалӣ менамояд, яъне дар доираи салоҳияти худ амалӣ гардидани барномаҳои давлатии ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми объектҳои амниятро таъмин менамоянд.

Тавре қаблан зикр гардид, дар институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ амнияти миллӣ механизми умумии танзими ҳуқуқӣ таҳия шуда истодааст, ки кори мутобиқшудаи механизмҳои миёнаравии ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро, ки дар соҳаҳои саноати ватанӣ мавҷуданд, ҳамзамон объектҳои амнияти миллиро аз зуҳуроти манфӣ ҳифз менамоянд. Ин нақшро қонуни конститутсионӣ дар маҷмуъ нисбат ба дигар соҳаҳои ҳуқуқ низ мебозад. Вобаста ба ин, саволе ба миён меояд, ки шохаҳои ҳуқуқӣ, ки тавассути онҳо чунин фаъолияти ҳамоҳангшудаи механизмҳои соҳавии танзими ҳуқуқӣ таъмин карда мешаванд.

Мутаносибан, дар доираи ҷузъиёти дохилии амнияти миллӣ ҳамоҳангсозии механизмҳои соҳавии танзими ҳуқуқӣ ба шарофати мавҷудияти як ҳадаф – таъмини вазъи амнияти мардум имконпазир мегардад. Воситаҳое, ки Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мебаранд, барои таъмини пайвастагии фаъолияти механизмҳои соҳавӣ даъват карда шудаанд. Сухан пеш аз ҳама дар бораи таҳияи стратегияи умумии амният

---

[172] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2021).

(муайян намудани мақсадҳои стратегӣ) дар асоси маълумоти мавҷуда дар бораи вазъи соҳаҳои гуногуни ҳаёти мардум дар давлат меравад.

Минбаъд Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон[173] метавонад воситаи ҳамкории байниидоравӣ тавассути ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои таъмини амният ва иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ин соҳа истифода барад. Вақте ки ба якчанд мақомот (масалан, мақомоти иҷроия, бо кӯмаки мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ, ҳокимияти давлатӣ) лозим меоянд, ки як вазифаи умумиро оид ба ҳифзи объекти амнияти миллӣ аз зуҳуроти манфии бо ҳам алоқаманд ҳал намоянд, ҳамзамон Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад ҳаҷми корҳоеро, ки ҳар як мақомот иҷро мекунад, инчунин роҳҳои иҷрои амалиёти якҷояро муайян намояд.

Қобили зикр аст, ки ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ҳолати ба амал омадани чунин ҳамкориҳои мутақобила аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи қисми 2 моддаи 73 (бо тағйироти раъйпурсии умумихалқӣ аз 22 июни 2003)[174], ки дар он гуфта мешавад, ки «ҳукумат идоракунии самарабахши фаъолияти иқтисод, соҳаҳои иҷтимоӣ ва маънавӣ, иҷрои қонунҳо, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, қарорҳои Маҷлиси миллӣ, қарорҳои Маҷлиси намояндагон, амру фармонҳои Президентро таъмин менамояд», яъне аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад. Инчунин дар моддаи 26 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон»[175] гуфта шудааст, ки: «Муовинони якум ва муовинони Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи тақсимоти вазифаҳо фаъолияти вазорату кумитаҳои давлатӣ ва дигар мақомоти давлатии Ҷумҳурии

---

[173] б. 5 м. 29 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2021).

[174] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

[175] Конституционный закон Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» от 12 мая 2001 года, №28 (в ред. от 18.07.2017г., №1455) // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001. – №4. – Ст. 215.

Тоҷикистонро ҳамоҳанг намуда, фаъолияти онҳоро назорат мекунанд ва дастур медиҳанд, ки иҷрои қарору фармонҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодҳо ва лоиҳаҳои қарору фармонҳои ба маҷлисҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодшударо пешаки баррасӣ намуда, барои ҳолати ин кор ҷавобгар мебошанд». Аз ин рӯ, Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт аз василаи ҳамкории байниидоравӣ якҷоя истифода мебаранд.

Аз ҷумла, дар моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» таъкид шудааст, ки яке аз ваколатҳои муҳимми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «таҳия ва татбиқи тадбирҳои таъмини амният аз тарафи вазорату кумитаҳои давлатӣ, дигар идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо роҳбарӣ ва назорат мекунад» иборат аст. Минбаъд дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти биологӣ ва ҳифзи биологӣ» аз 29 январи соли 2021, таҳти №1759[176] ба таври возеҳ омадааст, ки яке аз салоҳиятҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти биологӣ мебошад, яъне таъмини бехатарӣ ва муҳофизати биологиро бо фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин соҳа мутобиқ кардан аст (моддаи 7). Ҳамзамон, дар банди 4, қисми 1 моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иншоотҳои гидротехникӣ» аз 29 октябри соли 2010, таҳти №666[177] омадааст, ки яке аз ваколатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, «муайян кардани вазифа ва ухдадориҳои мақоми ваколатдори давлатӣ, мақоми давлатии назорати давлатӣ, соҳибони иншооти гидротехникӣ ва истифодабарандагони онҳо дар соҳаи таъмини бехатарии иншооти гидротехникӣ» ва дигарон мебошад.

---

[176] Закон Республики Таджикистан «Об биологической безопасности и биологической защиты» от 29 октября 2021 года, №1759 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001. – №4. – Ст. 215.

[177] Закон Республики Таджикистан «О безопасности гидротехнических сооружений» от 29 декабря 2010 года, №666 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2010. – №12 (ч. 1). – Ст. 825.

Ҳамин тариқ, маҷмуи воситаҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳалли ихтилофҳо, ки боиси мавҷудияти танзими ягонаи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар системаи механизми давлатии таъмини амнияти миллӣ мегардад, бо парокандагии худ дар доираи низомҳои соҳавӣ ва воситаи ҳамгироӣ мебошад.

Ҳангоми муайян кардани механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ бояд қайд кард, ки мақомоти давлатӣ дар алоҳидагӣ аз ҳамдигар амал накунанд, балки барои иҷрои вазифаҳои давлат бо якҷоягӣ, тибқи салоҳиятҳояшон, ки бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шудааст, ҳамкорӣ намоянд. Инчунин бояд дар назар дошт, ки иттиҳодияи махсуси мақомоти давлатие, ки ба механизми давлат дохил мешаванд, бояд дар сатҳи якум ташкил карда шаванд, аз ҷумла – онҳо мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар сатҳи дуюм, мақомоти дахлдори ваколатдор мебошанд, ки салоҳияти онҳо бевосита ё бавосита бо таъмини амнияти миллӣ алоқамананд.

Хусусиятҳои гурӯҳбандии мақомотро дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» танзим намудааст. Аз ҷумла, дар моддаи 4 Қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ки: а) субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, ки вазифаҳои худро дар ин соҳа ба воситаи мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд, б) шаҳрвандон ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, субъектҳои таъмини амният ба шумор рафта, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ки дар доираи салоҳияташон дар ин соҳа қабул карда шудаанд, дорои ҳуқуқу уҳдадориҳо оид ба иштирок намудан дар таъмини амният мебошанд (ҚҶТ аз 27.11.2014 с., таҳти №1137), в) давлат ҳимояи ҳуқуқӣ ва иҷтимоии

шаҳрвандон ва ташкилотҳоро, ки мувофиқи қонун дар таъмини амният мусоидат мекунанд, таъмин менамояд.

Ба ин маъно механизми ҳуқуқию конститутсионии таъмини амнияти миллӣ системаи мақомоти давлатӣ мебошад ва давлатро ҳамчун субъекти асосӣ, дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот муарифӣ намуда, инчунин ташкилотҳое, ки сарфи назар аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон, дар ҳамкории зич вазифаҳои давлатиро мувофиқи салоҳияти худ, ки аз меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузорӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайяншуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амал мекунад, фаҳмида мешавад.

Ҳамин тариқ, дар байни унсурҳои механизми таъмини амнияти миллӣ институтҳои иҷтимоӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатиро номбар кардан мумкин аст, зеро маҳз давлат дар ниҳоят вазифаҳои дар назди ҷомеа қарордоштаро дар соҳаи амният таҳия мекунад (мушаххас мекунад) ва дар асл барои ҳимояи ин манфиатҳо ва эҷоди механизми татбиқи онҳо пешбинӣ шудааст.

Гуфтаҳои дар боло зикршуда асоси бо истилоҳи «фишурда»[178] барои дарки механизми таъмини амнияти миллӣ мегарданд, ки мутобиқи он охирин қисми таркибии механизми ҳокимияти давлатӣ буда, сохтори ташкилотҳо, мақомот, муассисаҳо, инчунин муассисаҳои давлатӣ, ки махсус барои таъмини амният таъсис ёфтаанд ё ба муддати муайян вазифаи махсус доранд, иборатанд ва дар фаъолияти мутақобила ва амалии онҳо гирифта шудааст.

Дар ин ҷо қайд менамоем, ки ҳатто бо муносибати «фишурда» ба таърифи механизми ҳуқуқию конститутсионии таъмини амнияти миллӣ метавон дар бораи сохтори хеле динамикӣ (аз рӯйи замон ва макон) механизми номбаршуда сухан ронем, зеро дар он пайвандҳои зерин ҷудо карда мешаванд:

– мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки доимо вазифаи таъмини амниятро, ки барои онҳо вазифаи асосист, иҷро мекунанд;

[178] Колокольцев В.А. Обеспечение государственных интересов России в контексте концепции национальной безопасности: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – СПб., 2005. – С. 12-13.

– мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки вазифаи таъмини амнияти миллӣ натиҷаи барояшон асосёфта (маълум) буда, дар ҳолати таҳдиди дахлдор амалӣ мегардад;

– ташкилотҳои ғайриҳукуматие, ки аз ҷониби давлат ё бевосита аз ҷониби ҷамъият барои иҷрои вазифаи таъмини амнияти миллӣ ҷалб карда шудаанд.

Аммо, чунон ки аллакай зикр гардид, ин пайвандҳо наметавонанд ягона дар сохтори механизми амнияти миллӣ бошанд. Баръакс, мо бояд дар бораи институтҳои ҳокимияти давлатӣ оид ба таъмини амнияти миллӣ, ҳамчун институтҳои гуногуни ташкилии давлат сухан ронем, ки бо чунин хусусиятҳо хосанд:

а) як қисми нисбатан ҷудошудаи механизми ягона бо худмухтори муайян;

б) характери давлатдорӣ-идоранамоӣ дошта бошад;

в) дар доираи механизми ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ ташкилӣ ва мақсади функсионалии худро доранд.

Дар адабиёти илмӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун асоси институтсионалии механизми таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон институтҳои зерини ташкилии давлати дараҷаи якум ҷудо ва баррасӣ карда мешаванд[179]: ҳокимияти сарвари давлат; ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ (қонунгузор, иҷроия, судӣ); институти адолати конститутсионӣ; институти Шурои амнияти Тоҷикистон. Сатҳи дуюми низоми институтсионалӣ аз инҳо ташаккул меёбад: мақомоти ҳифзи ҳуқуқ; муассисаҳои судӣ; муассисаҳои назорати давлатӣ; муассисаҳои давлатии истеҳсолоти иҷро; институти мудофиаи граждани; институти муҳофизат аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ; муассисаҳои иктишофӣ, контрразведка ва ҳифзи сарҳади давлатӣ, инчунин мақомоти қудратӣ ва пеш аз ҳама қувваҳои мусаллаҳ, ки ҷузъи қудратии механизми давлатии таъмини амнияти миллиро

[179] Ниг.: Удычак Ф.Н. Государственно-правовой механизм обеспечения национальной безопасности: теоретико-правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2011. – С. 13.

ифода мекунанд.

Ба назари мо, бо тамоми мантиқ ва адолати шомил кардани ҷузъҳои боло ба сохтори механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ ин рӯйхатро мукаммал ҳисобидан мумкин нест.

Мо ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки сохтори ин механизм васеътар шарҳ дода шавад, ки он бояд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва равандҳои ҷамъиятие, ки ба мақсади ҳифзи манфиатҳои ҳаётии ҷамъият ва давлат таҳдид кардаанд, таъсирбахш истифода бурда шаванд.

Ба сифати чунин воситаҳо, ба ғайр аз мақомоти воқеие, ки вазифаи таъмини амниятро иҷро мекунанд, дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ном бурда мешаванд[180]: а) заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, ки дар асоси ташаккул ва фаъолияти ташкилотҳои дахлдор ва ҳамкории онҳо барои расидан ба ҳадафи таъмини амният қарор дорад; б) воситаҳои гуногун (усул, тарз, равиш), ки субъектҳои таъмини амният барои ҳалли вазифаҳои дар назди онҳо қарордошта истифода мебаранд.

Мо чунин мешуморем, ки дар ин рӯйхат маҷмуи усулҳое, ки тавассути онҳо амнияти миллӣ таъмин карда мешавад, бояд муҳимтарин амният эътироф шуда, дар шакли умумӣ натиҷааш ба инҳо оварда мерасонанд:

– усули танзими ғайримутамарказ, ки ба ҳамоҳангсозии ҳадафҳо ва манфиатҳо дар робита ба ҷомеа сохта шудааст ва дар соҳаҳои дорои хусусияташон хоси ҳуқуқӣ истифода мешавад. Дар он, якум, набудани тобеияти бевоситаи байни институтҳои алоҳидаро муайян мекунад; дуюм, озодии муайяни субъектҳои таъмини амният оид ба ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва амалҳо, инчунин интихоби усулҳо дар бар мегиранд;

– усули танзими мутамарказӣ, императивӣ (яъне ҳатмӣ), ки аз муносибатҳои тобеият, байни иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ асос ёфтааст ва дар соҳаҳои ҳуқуқӣ-ҷамъиятӣ истифода мешаванд. Дар он, якум,

[180] Ниг.: Колокольцев В.А. Обеспечение государственных интересов России в контексте концепции национальной безопасности: автореф. дис. … д-ра юрид наук. – СПб., 2005. – С. 13-14; Удычак Ф.М. Государственно-правовой механизм обеспечения национальной безопасности: теоретико-правовой аспект: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2011. – С. 9.

тобеияти унсурҳои (ташкилотҳои) сохтори амниятро дар назар дорад; дуюм, аз номи давлат баровардани муқаррароти ҳатмии инфиродии ҳокимият (татбиқи санадҳои ҳуқуқӣ) ваколатдор мебошанд.

Дар навбати худ, усулҳои таъмини амнияти миллӣ мундариҷаи фаъолияти субъектҳоро дар соҳаи дахлдор мустақиман тавсиф мекунанд. Ду усули асосии таъмини амниятро ҷудо кардан маъмул аст[181]:

а) ҳокимият ва идоракунӣ: қабули қарорҳо оид ба ҷанбаҳои мушаххаси таъмини амният якҷониба ва татбиқи онҳо бо истифода аз усули маҷбуркунии давлатӣ;

б) консенсуалӣ (мувофиқавӣ): таъмини амният тавассути истифодаи расмиёти гуногуни мувофиқа, ҳамоҳангсозии манфиатҳо ва амалҳои мушаххаси субъектҳои таъмини амниятӣ, амалӣ карда мешавад.

Ба мо чи гуна роҳҳои таъмини амнияти миллӣ маълум аст, бояд аз усулҳои таъмини он фарқ карда шуда, бо он амалҳои тактикӣ (вобаста ба вазъияти мушаххас) (амалҳои рафторӣ), хусусиятҳои техникӣ ва ғайра, ки интихоб ва истифодаи онҳо аз ҷониби манфиатҳо ва имкониятҳои субъектҳои таъмини амният муайян карда мешавад, фаҳмида мешаванд. Дар мавриди мақомоти ҳокимияти давлатӣ ин усулҳоро бевосита аз салоҳияти (пешбурди ваколатҳо ва предметҳо) мақомот алоқаманд мебошанд.

Ҳангоми баррасии асосҳои назариявии механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ ба динамикаи фаъолияти он низ диққати муайян додан лозим аст, зеро дар гузариши пайдарпайи аз марҳилаҳое ифода меёбанд, ки бо ҳалли масъалаҳои амниятӣ, ки барои расидан ба ҳадафи асосӣ заруранд, ба анҷом мерасанд. Азбаски шаклҳои таъмини амнияти миллӣ фаъолияти ҳуқуқсозӣ ва татбиқи ҳуқуқ дар амал мебошанд, аз ин лиҳоз, фаъолияти механизми баррасишаванда гузариши ду марҳилаи асосиро дар бар мегирад, аз ҷумла:

---

[181] Ниг.: Колокольцев В.А., Шукшина Е.Г., Пузанов Ю.П., Тищенко А.Г., Щербаковский Г.З. Структура и содержание механизма обеспечения национальной безопасности / В.А. Колокольцев, Е.Г. Шукшина, Ю.П. Пузанов, А.Г. Тищенко, Г.З. Щербаковский // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2005. – №3 (27). – С.110.

– таҳия, қабул, тағйир додан, бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти ваколатдори давлатӣ, ки кафолати таъмини амнияти миллӣ, ваколатҳои субъектҳои ин муносибатҳо, тартиби мурофиавии фаъолияти субъектҳои дахлдор ва масъулияти субъектҳо барои вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқ (қисмати ҳуқуқсозӣ, ҳуқуқбарорӣ)-ро дар бар мегиранд;

– татбиқи муқаррароти меъёрӣ аз ҷониби мақомоти ҳуқуқбарор, қабули қарорҳои инфиродӣ-ҳукуматӣ, аз ҷиҳати ҳуқуқӣ муҳим буда ва барои таъмини амнияти миллӣ (қисмати татбиқи ҳуқуқ) равона карда шудаанд.

Дар бораи мушаххас кардани марҳилаҳои таъмини амнияти миллӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ равишҳои гуногун баён карда мешаванд. Ба ақидаи баъзе олимон (масалан, В.А. Колоколтсев, Ю.П. Пузанов ва ғайраҳо)[182], вобаста ба марҳилаҳои фаъолияти механизми таъмини амнияти миллӣ, чунин пешниҳод карда мешаванд:

а) таҳияи манфиатҳое, ки ҳимояи онҳо таъмин карда мешаванд;

б) пешгӯйӣ ва муайян намудани таҳдидҳои дохилӣ ва беруна, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ва давлат равона шудаанд;

в) таҳияи системаи тадбирҳо оид ба муқовимат ба таҳдидҳо;

г) бартарф намудани таҳдидҳо;

д) татбиқи тадбирҳо оид ба барқарор намудани фаъолияти муътадили объектҳои амниятӣ.

Дар навбати худ муҳақиқ, Ф.Н. Удичак бар ин назар аст, ки ҳимояи манфиатҳои давлат, ҷомеа, инсон аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ дар шакли фаъолияти даврӣ, ки гузаронидани се марҳиларо дар бар мегиранд, амалӣ карда мешаванд[183]:

а) ошкор ва бартараф намудани заминаҳои пайдоиши таҳдидҳо ба амнияти миллӣ, ки дар он ошкор ва пешгӯии таҳдидҳои дохилӣ ва беруна ба

---

[182] Ниг.: Колокольцев В.А. Колокольцев В.А., Шукшина Е.Г., Пузанов Ю.П., Тищенко А.Г., Щербаковский Г.З. Структура и содержание механизма обеспечения национальной безопасности / В.А. Колокольцев, Е.Г. Шукшина, Ю.П. Пузанов, А.Г. Тищенко, Г.З. Щербаковский // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2005. – №3 (27). – С. 110.

[183] Ниг.: Удычак Ф.Н. Государственно-правовой механизм обеспечения национальной безопасности: структурно-функциональный анализ / Ф.Н. Удычак // Вестник Академии экономической безопасности МВД России. – 2010. – №3. – С. 96-101.

манфиатҳои ҳаётан муҳимми объектҳои амниятӣ, татбиқи маҷмуи тадбирҳои оперативӣ (фавран) ва дарозмуддат оид ба пешгирӣ ва безараргардонии онҳо амалӣ карда мешаванд;

б) бартараф намудани омилҳои таҳдиди амнияти миллӣ, ки бо муқовимат ба таҳдидҳо алоқаманд аст, бо истифодаи фаъолонаи чораҳои пешгирии ҳокимияти давлатӣ, идоракунии қувва ва воситаҳои таъмини амният дар шароити рӯзмарра ва ҳолатҳои фавқулодда хоса мебошанд.

в) бартараф намудани оқибатҳои фаъолияти иҷтимоию-хатарнок, ки барқарор намудани шароити заруриро вобаста ба амалӣ намудани манфиатҳои инсон, ҷомеа, давлат тавассути дар амал татбиқ намудани тадбирҳо оид ба барқарор намудани фаъолияти муътадили объектҳои амниятӣ дар минтақаҳое, ки аз натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда осеб дидаанд, бар назар аст.

Дар баробари маълумотҳои омӯхташуда, бо фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ низ, чунин марҳилаҳо пешниҳод карда мешаванд[184]: а) таҳияи манфиатҳое, ки ҳимояи онҳо таъмин карда мешаванд; б) ошкор ва пешгӯии таҳдидҳои дохилӣ ва беруна ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа ва давлат; в) таҳияи низоми тадбирҳои муқовиматӣ оид ба таҳдидҳо; г) безараргардонии таҳдидҳо; д) дар амал татбиқ намудани тадбирҳо оид ба барқарор намудани фаъолияти муътадили объектҳои амниятӣ.

Бо назардошти маълумотҳои боло ва мафҳуми заминаҳои умумии методологии таҳқиқӣ, моҳият ва мундариҷаи механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, мо муносибати худро ба муайян кардани марҳилаҳои фаъолияти ин механизм баён менамоем. Ҳамзамон пешниҳод менамоем, ки ба системаи марҳилаҳои фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, чунин

[184] Ниг.: Колокольцев В.А. Колокольцев В.А., Шукшина Е.Г., Пузанов Ю.П., Тищенко А.Г., Щербаковский Г.З. Структура и содержание механизма обеспечения национальной безопасности / В.А. Колокольцев, Е.Г. Шукшина, Ю.П. Пузанов, А.Г. Тищенко, Г.З. Щербаковский // Вестник Санкт-Петербургского университета МВД России. – 2005. – №3 (27). – С. 110.

мафҳумҳо ворид карда шаванд:

1. Марҳилаи ташаккул ва амали меъёри ҳуқуқӣ, ки фаъолияти дахлдори мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллиро дар бар мегиранд: қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар онҳо асосҳои ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ, инчунин татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ ва ғайра мустаҳкам карда мешаванд. Ин марҳила барои татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳои субъективии инсон замина фароҳам меорад. Зеро ин мафҳум як қисми раванди ҳуқуқсозӣ мебошад, ки дар он рӯйхати ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон мустаҳкам карда шуда, тартиби ҳимояи ҳуқуқҳои субъективӣ ошкор ва муайян карда мешаванд. Дар марҳилаи аввал қоидаи рафтор ташаккул меёбад, ки ба қонеъ кардани манфиатҳои муайяне, ки дар соҳаи ҳуқуқ қарор доранд ва тартиботи одилонаи онҳоро талаб мекунанд, равона карда шудааст. Дар он на танҳо доираи манфиатҳо ва мувофиқан муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд, балки доираи татбиқи онҳо қонунӣ амалӣ шуда, инчунин ба ин раванд, бартараф кардани монеаҳо ва воситаҳои ҳуқуқии имконпазири онҳо пешбинӣ карда мешаванд. Дар доираи чунин фаъолият бояд ба муайян кардани афзалиятҳо дар ҳаёти ҷомеа ва давлат, самт ва объектҳои чунин таҳдидҳо, шиддат ва таъсири онҳо ба ҳаёти ҷомеа, суботи ҳокимияти давлатӣ, инчунин ба равшанӣ ва возеҳии ибораҳое, ки ба тафсири гуногун роҳ намедиҳанд, диққати махсус дода шаванд.

2. Марҳилаи пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи амнияти миллӣ. Дар ин марҳила шартҳои махсус муайян карда мешаванд, ки ҳангоми ба вуқуъ омадани онҳо татбиқи барномаҳои умумӣ «фаъол» гашта, ҳамзамон имкон медиҳад, ки аз қоидаҳои умумӣ ба қоидаҳои махсус гузаранд. Унсури ин марҳила далели ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун механизми оғоз барои ҳаракати манфиатҳои мушаххас дар «равандҳо»-и ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Хусусияти хос дар он аст, ки дар соҳаи амнияти миллӣ танҳо мақомоти татбиқи ҳуқуқ метавонанд иҷрои меъёри ҳуқуқиро таъмин намуда,

санадеро қабул намоянд, ки он пайванди гусастанӣ байни меъёр ва натиҷаи амали он гардад, ҳамзамон барои як қатор оқибатҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ, яъне барои рушди минбаъдаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар шакли ҳуқуқӣ фаро гирифта шудаанд, замина гузорад. Чунин намуди татбиқи ҳуқуқро фавран-иҷрошуда меноманд, зеро он аз танзими рушд асос ёфтааст ва дар раванди робитаҳои иҷтимоӣ пешбинӣ шудааст. Маҳз дар он омилҳои ҳавасмандгардонии ҳуқуқӣ бештар таҷассум меёбанд, зеро барои санадҳои ҳавасмандгардонӣ, додани унвонҳои шахсӣ, муқаррар кардани пардохтҳо, кӯмакпулӣ, ба кор таъмин намудан ва ғайраҳо хос аст.

3. Марҳилаи татбиқи ҳуқуқҳои субъективӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, ки дар он танзими ҳуқуқӣ ба ҳадафҳои худ мерасад – яъне манфиатҳои субъект қаноатманд карда мешавад. Санадҳои татбиқи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои субъективӣ воситаи асосиест, ки тавассути он ҳуқуқ ва уҳдадориҳо амалӣ карда мешаванд – яъне дар рафтори субъектҳои мушаххас амалӣ карда мешаванд. Ин амалҳо метавонанд дар се шакл ифода карда шаванд: риоя, иҷро ва истифода.

4. Марҳилаи татбиқи ҳуқуқ, яъне вақте ба амал меояд, ки шакли бемамониати татбиқи ҳуқуқ муваффақ намешавад ва дар ҳоле, ки фаъолияти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, бояд ба манфиати ғайриқаноатбахш кӯмак расонад. Пайдоиши татбиқи ҳуқуқ дар ин ҳолат аллакай бо вазъиятҳои хусусияти номатлуб, ки дар мавҷудияти хатари воқеӣ, ҳуқуқвайронкунӣ ё қонуншикнии мустақим ифода меёбанд, алоқаманд аст. Дар натиҷа, дар ин марҳила таҳияи барномаи илмии асосноки амалҳои давлат дар шароити кунунӣ бо назардошти имкониятҳои сиёсӣ-иқтисодии он, ҷудо кардани пайвандҳои осебпазири табақаҳои иҷтимоӣ, ки таъсири фаврӣ ва самтҳои афзалиятноки фаъолиятро талаб мекунанд, ба вуқуъ меоянд. Ин марҳила инчунин таъсиси мақомот ва ташкилотҳои махсусро барои таъмини намудҳои мушаххаси амният, додани вазифаҳои иловагии институтҳои мавҷуда, муайян кардани ваколатҳои онҳо ва доираи вазифаҳои

ҳалшавандаро дар бар мегирад; таъмини ҳуқуқӣ, ташкилӣ-молиявии фаъолияти институтҳои амниятӣ.

5. Марҳилаи назоратӣ, ки хусусияти ихтиёрӣ дошта фаъолияти мақомоти давлатиро дар бар мегирад, ки аз вазифаҳои иҷроия, махсусгардонидашудаи назоратӣ, иҷозатдиҳӣ, танзимкунанда ва дигар вазифаҳоро, инчунин назорати ҷамъиятиро ҳам иҷро мекунанд. Санҷиш метавонад ҳам аз нуқтаи назари қонунӣ (дар ҷараёни назорат) ва ҳам бо роҳи андешидани чораҳо (дар рафти ҷараён ё натиҷаи назорат) водории давлатӣ (чораҳои хусусияти пешгирикунанда ва дигар тадбирҳои ҳуқуқӣ) амалӣ карда шаванд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, бо фаро гирифтан ва ҳамоҳангсозии намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, ба ҷудо кардани ваколатҳо, мавзуъҳои пешбурди мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ин соҳа, ки аз зарурати ҳамкорӣ асос ёфтааст, натиҷаи самаранок мебахшад.

Дар натиҷа, хулосаҳои зеринро баровардан мумкин аст, ки барои фаҳмидани мафҳум ва сохтори механизми таъмини амнияти миллӣ ва таҳияи мафҳуми таърифи муаллифии он зарур аст:

1. Давлат, аз рӯйи моҳият ва салоҳияташ субъекти асосии таъмини амнияти миллӣ мебошад. Давлат вазифаҳои худро дар соҳаи ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амният тавассути институтҳои давлатӣ, ки бо аломатҳои зерин хос мебошанд, амалӣ менамояд: а) онҳо қисми нисбатан ҷудогонаи механизми ягона буда, дорои мухторияти муайян мебошанд; б) онҳо хусусияти давлатӣ-қудратӣ доранд; в) мақсади функсионалии ташкилот ва таъиноташро дар доираи механизми ҳуқуқии амнияти миллӣ таъмини менамояд.

2. Қисми ниҳодинавии механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, аз ҷумла: а) мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳое, ки мунтазам вазифаи таъмини амниятро иҷро мекунанд, ки барои онҳо ин уҳдадорӣ вазифаи асосӣ мебошад; б) мақомот ва ташкилотҳои давлатӣ, ки

барои онҳо вазифаи таъмини амнияти миллӣ ҳосилшуда мебошад ва дар сурати пайдо шудани таҳдидҳои дахлдор амалӣ карда мешавад; в) ташкилотҳои ғайридавлатӣ, ки аз ҷониби давлат ё ҷамъият бевосита ҷалб карда шуда, барои иҷрои вазифаи таъмини амнияти миллӣ таъсис дода мешаванд, иборатанд.

Илова бар ин, воситаҳои таркибии иҷрои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ чунинанд: а) аз заминаҳои меъёрие, ки барои ташкил ва фаъолияти ташкилотҳои дахлдор ва ҳамкории онҳо ҷиҳати ноил шудан ба ҳадафи таъмини амният асос ёфтааст; б) аз воситаҳои гуногун (қувва, роҳ, усул), ки субъектҳои таъмини амният барои ҳалли вазифаҳои дар назди онҳо қарордошта истифода мебаранд; в) марҳилаҳое, ки тавассути онҳо фаъолияти самараноки механизми дахлдор амалӣ карда мешавад, рафъи монеаҳое, ки дар роҳи расидан ба ҳадафҳои таъмини амнияти миллии ҳолати ҳифзи инсон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохиливу хориҷӣ қарор доранд, ки дар он татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, сифат ва сатҳи зиндагии онҳо, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, ягонагии ҳудудӣ ва давлатӣ, рушди устувори иҷтимоию иқтисодии мамлакатамон, таъмин карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллиро метавон ҳамчун системаи ягонаи меъёрии ташкилшудаи ниҳодҳои ҳокимияти давлатӣ ва дигар воситаҳои ҳуқуқӣ (қувва, роҳ, восита, усул) муайян кард, ки фаъолияти самараноки он татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон, сифат ва сатҳи зиндагии онҳо, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият, тамомияти арзи давлатӣ ва ҳудудӣ, инчунин рушди устувори иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ва давлатро дар оянда кафолатдиҳанда эътироф намуд.

## 2.2. Сохтор ва асосҳои ҳуқуқии ҳамкории унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ

Асосҳои ҳуқуқии сохторсозӣ ва ҳамкории унсурҳои механизми давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ, қонунгузории амалкунандаи ватанӣ ва соҳаҳои ниҳодинавиро ташкил медиҳанд, ки таносуби онҳоро мустаҳкам намуда инчунин салоҳияти ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдорро (намояндагони ҳокимиятро) муайян намуда, ҳудуди салоҳияти онҳо, доираи вазифаҳо ва ваколатҳои функсионалиро дар доираи низоми амнияти миллӣ муайян мекунанд.

Ҳамзамон, татбиқи вазифаҳо дар соҳаи таъминоти ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ, амалӣ намудани фаъолият дар самтҳои асосии стратегӣ аз ҳисоби муттаҳидсозии кӯшишу захираҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба ҳимояи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавассути истифодаи ҳамаҷонибаи тадбирҳои сиёсӣ, ташкилӣ, иҷтимоию иқтисодӣ, ҳуқуқӣ, махсус ва дигар чораҳои дар доираи банақшагирии стратегӣ ба манфиати миллии Тоҷикистон таҳиягардида равона шудаанд, таъмин карда мешавад.

Пеш аз ҳама, дар ин робита бояд қайд намуд, ки таъмини ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар амнияти миллӣ шарти асосӣ ва кафолати рушди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Мувофиқи моддаи 64 Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон[185], Президент сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроияи Тоҷикистон мебошад. Вай ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Бо тартиби муқаррарнамудаи Конститутсияи амалкунанда, Пешвои миллат оид ба ҳифзи соҳибихтиёрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, истиқлолият, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ чораҳо андешада, фаъолияти мувофиқашуда ва ҳамкории мутақобилаи мақомоти ҳокимияти давлатиро таъмин менамояд.

[185] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлатро муайян менамояд ва дар ин вазифа бояд дар низоми мақомоти давлатии таъмини амнияти миллӣ, пайванди ногусастанӣ ва хос дошта бошад. Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки вазъи конститутсионии Президент[186] дар мамлакатҳои гуногун ҳар хел аст. Агар сарвари давлат будани Президентро конститутсияи аксарияти давлатҳо муқаррар намоянд, сарвари ҳокимияти иҷроия, яъне сарвари Ҳукумат будани ӯро танҳо дар баъзе мамлакатҳо ба назар мерасад. Аз давлатҳои собиқ Шуравӣ танҳо конститутсияҳои Туркманистон[187], Гурҷистон[188] ва Тоҷикистон Президентро сарвари ҳокимияти иҷроия муайян намуда, сарварии Ҳукуматро (Девони Вазирон) ба зиммаи Президент гузоштаанд. Аммо дар баробари ин дар онҳо вазъи ҳуқуқии Ҳукумат муайян карда шуда, мансаби Сарвазир низ муқаррар гардидааст. Дар конститутсияҳои Федератсияи Россия[189], Қазоқистон[190] ва Қирғизистон[191] татбиқи ҳокимияти иҷроия ба уҳдаи Ҳукумат гузошта шуда, вобаста ба ин салоҳияти васеи он дар идораи давлат пешбинӣ карда шудааст. Ҳамин тариқ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия нисбат ба президентони баъзе давлатҳои аъзои ИДМ салоҳияти васеи конститутсионӣ дорад, ки дар механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ нақши беназирро иҷро карда метавонад.

Аз ин лиҳоз, мутобиқи банди 11 моддаи 69 Конститутсия Президент Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис ва роҳбарӣ мекунад – бо

---

[186] Ниг.: Имомов Ашӯрбой. Ҳуқуқи конститусионии Ҷумҳурии Тоҷикистон: Китоби дарсӣ. Нашри чорум бо тағйиру иловаҳо / Муҳар. масъул: А.М. Диноршоев. – Душанбе: Офест Империя, 2017. – С. 632.

[187] Конституция Туркменистана [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/ (санаи муроҷиат: 03.01.2022).

[188] Конституция Грузии [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://legalns.com/ (санаи муроҷиат: 03.01.2022).

[189] Конституция Российской Федерации (Принята всенародным голосованием 12 декабря 1993 года с изменениями, одобренными в ходе общероссийского голосования 1 июля 2020 года) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://constitutionrf.ru/ (санаи муроҷиат: 11.01.2022).

[190] Конституция Республики Казахстан (принята на республиканском референдуме 30 августа 1995 года) (с изменениями и дополнениями по состоянию на 23.03.2019 г.) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://online.zakon.kz (санаи муроҷиат: 07.01.2022).

[191] Конституция Кыргызской Республики (принята референдумом (всенародным голосованием) 11 апреля 2021 года (Введена в действие Законом Кыргызской Республики от 5 мая 2021 года, №59) [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://kyrgyztest.gov.kg/ (санаи муроҷиат: 09.01.2022).

мақоми конститутсионӣ, яъне масъалаҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистонро дар соҳаи таъмини амният, мушкилоти стратегии ҳама гуна намудҳои амният, ҳифзи саломатии аҳолӣ, пешгӯйӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулодда ва рафъи оқибатҳои онҳо, таъмини субот ва тартиботи ҳуқуқиро баррасӣ менамояд. Аз ҷумла дар банди 5 Низомнома дар бораи Шурои амният[192] гуфта мешавад, ки Раиси Шурои амният, аз рӯйи мансаб Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Шурои амният дар назди қонунгузор, барои ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ масъул аст. Шурои амният самтҳои стратегиро ислоҳ мекунад, ки натиҷаҳои мониторинги доимии вазъиятро «бо назардошти тағйиротҳое, ки ба вазъи амнияти миллӣ таъсири назаррас мерасонанд», ҳамоҳанг менамояд. Мақомоти мазкур дар асоси Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ва Фармонҳои дахлдори Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Вазифаҳои асосии Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз инҳо иборатанд: ташаккули стратегия ва тактикаи сиёсати хориҷӣ ва дохилӣ дар соҳаи таъмини амният, тамомияти арзӣ, соҳибихтиёрӣ, сохти конститутсионии ҷумҳурӣ; таъмини ҳамоҳангсозии кори мақомотҳои давлатӣ оид ба масъалаҳои марбут ба соҳаи таъмини амнияти миллӣ; таҳия ва татбиқи консепсияи амнияти миллии ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии он; омодасозии қарорҳои фаврӣ оид ба пешгирии ҳолатҳои фавқулодда, ки метавонанд оқибатҳои назарраси иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодӣ, низомӣ, экологӣ ва ғайраро ба бор оранд, инчунин оид ба рафъи ин оқибатҳо; таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили низоми таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути ислоҳоти мақомоти мавҷуда, ё таъсиси мақомоти нав, ки ба амнияти инсон, ҷомеа ва давлат равона шудаанд, ҳамзамон таҳлил ва

[192] Указ Президента Республики Таджикистан от 20 марта 2003 года, №1037 «Об утверждении Положений о Совете безопасности Республики Таджикистан и об Аппарате Совета безопасности Республики Таджикистан и Законом «О безопасности» Республики Таджикистан» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 20.09.2021).

ҷамъбасти маълумот дар бораи вазъи амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва пешниҳодҳои мушаххас ба Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; назорати татбиқи қарорҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои амнияти миллӣ.

Шурои амният ин мақоми асосии ҳамоҳангсозӣ мебошад, ки мафҳумҳои намудҳои алоҳидаи амният ва дар маҷмуъ амнияти миллиро таҳия намуда, таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолии амнияти беруна ва дохилиро таҳлил карда, тадбирҳои таъмини амнияти миллиро ба низом медарорад.

Хулоса, бо назардошти маълумотҳо хусусияти ҷамъбастӣ, ки ҳам пайдарпаии ҷараёни таҳқиқот ва ҳам баъзе натиҷаҳоро инъикос мекунанд, ки метавонанд ба рушди таҳқиқоти назариявӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини давлатии амнияти миллӣ мусоидат кунанд, имконпазир мебошанд.

Мазмуни муайянкунандаи меъёрҳои иҷтимоӣ, маҷмуи дахлдори арзишҳои хоси ин ҷомеа, неъматҳои маънавӣ ва моддӣ бошанд, барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳимми иштирокчиёни муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат мекунанд. Зарурати ҳифз, эҳё ва рушди чунин арзишҳо ва неъматҳои анъанавии миллӣ моҳияти манфиатҳои миллӣ ва хусусиятҳои онҳоро дар марҳилаҳои гуногуни рушди ҷомеаи миллӣ инъикос менамояд. Дар маъниҳои зикршуда, манфиатҳои миллии Тоҷикистонро ҳамчун «низоми пайдарпай такроршаванда ва тавлидкунандаи арзишӣ-идеологӣ» баррасӣ кардан комилан дуруст аст.

Ба ақидаи мо, нуқсони таърифи қонунгузорӣ дар он аст, ки дар он категорияи «манфиат» тавассути категорияи «ниёз» ошкор карда мешавад. Аммо манфиат бевоста ниёзманд шуда наметавонад. Дар интиҳо, ин танҳо як падидаест, ки субъект барои нигоҳ доштани ҳолати муайян, аз ҷумла вазъияти амният зарур мешуморад. Чунин падидаи зарурӣ ё дилхоҳ ба объекти манфиатӣ табдил ёфта, таваҷҷуҳи манфиати субъектро ҷалб намуда, дар фаъолияти объект саъю кӯшиш менамояд. Барои давлат, ҷомеа, шахсият на худи ниёзҳои субъективии онҳо, балки неъматҳои маънавӣ ва моддӣ, ки бе

онҳо қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳим ғайриимкон аст, манфиатона таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Маҳз дар робита ба ин неъматҳо ва арзишҳо одатан диққат дода мешавад ва онҳо мундариҷаю муҳтавои категорияи «манфиатҳои миллӣ» - ро муайян мекунанд.

Илова бар ин, дар таърифи қонунгузорӣ ҷанбаи фарҳангӣ - таърихӣ, ки моҳияти категорияро маҳз тавассути хусусиятҳои миллӣ муайян мекунад, инъикос карда нашудааст. Таърифи ҷанбаи расмӣ ва сохтории падидаро инъикос мекунад ва хосиятҳои мафҳуми низоми сиёсӣ-ҳуқуқиро нишон намедиҳад, ки ба он имкон медиҳад, ки худро дар берун (дар муносибатҳои байналмилалӣ) ҳамчун миллат (дар маънои этатистии Оинномаи СММ) зоҳир намояд. Дар баробари ин, маҳз амнияти чунин ташкилоти соҳибихтиёрии миллӣ, дар маҷмуъ, ҳамчун ҳолати ҳимояи «манфиатҳои миллӣ» аз таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ баррасӣ шуда ва дар ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ ва қонунгузории давлатҳо ҳамчун «амнияти миллӣ» муайян карда мешавад.

Дар доираи муқаррароти конститутсионӣ, сатҳи принсипҳои асосӣ устувор карда шудаанд, ки риояи онҳо бояд рушди бомайлон ва якпорчагии низоми ҳуқуқии миллиро таъмин намоянд. Яъне асоси ин маъно принсипҳои соҳибихтиёрӣ ва волоияти қонун мебошанд. Дар сатҳи қонунгузории ватанӣ мушаххас кардани муқаррароти конститутсионии дахлдор амалӣ карда шуда, самтҳои фаъолият, механизм муайян ва бо муқаррар намудани системаи категорияҳои асосӣ мустаҳкам карда мешаванд. Дар маҷмуъ самти умумии рушди низоми амнияти миллии давлатро дар ҳамбастагӣ бо афзалиятҳои арзиши миллӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ, дар шакли низоми объектҳои амнияти миллӣ муайян менамояд. Аз ҷумла, дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» қайд карда мешавад, ки «ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеӣ, эҳтимолии дохилӣ ва хориҷӣ (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 27.11.2014, №1137)»[193], яъне амният

[193] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти № 721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2021).

ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳим аз таҳдидҳои дохилӣ ва беруна эътироф шудааст. Дар ин ҳолат, объекти амниятӣ дар Қонун тавассути сегонаи манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа ва давлат ошкор карда мешавад.

Агар қонунгузорӣ асосҳои ниҳодинавии низоми амнияти миллӣ ва рушди умумии фаъолияти механизми таъмини амнияти миллиро муайян кунад, пас афзалиятҳои мушаххаси стратегии миллӣ, ки аз ин вазифаҳои мушаххас бармеоянд, инчунин роҳҳои ҳалли онҳо, тавассути санадҳои меъёрӣ ҳуқуқии сарвари давлат, ҳамчун кафили конститутсия ва қонуният муайян карда мешаванд.

Дар санад самтҳои асосии стратегии таъмини амнияти миллӣ муайян карда шуда, тибқи онҳо ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, рушди устувори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҳифзи соҳибихтиёрии кишвар, истиқлолият ва тамомияти арзии он амалӣ карда мешаванд. Стратегия муқаррароти хусусияти умумиро инъикос мекунад, аммо дар айни замон аҳаммияти амалии муҳим дорад. Он дар асл асоси санади расмии конститутсионии доктриналии ҳамкории муташаккили унсурҳои низоми амнияти миллӣ ва хусусан ҷузъи давлатӣ-ҳуқуқии он мебошад.

Ҷанбаи дигари таҳқиқоти мо, аз асоснок кардани аҳаммияти методологии категорияи «механизми ҳуқуқӣ-давлатӣ» ва ба мақсад мувофиқ будани ин таҳқиқот дар таҳлили сохторӣ-функсионалии унсурҳои системаи таъмини амнияти миллӣ оғоз меёбад. Аз ҷумла қайд карда мешавад, ки мафҳуми «механизм» дар илми назарияи ҳуқуқшиносӣ васеъ истифода мешавад, ки он дар мафҳуми хуқуқӣ («механизми хуқуқӣ») эътироф шуда ва мундариҷаи он ҳамчун «маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ, ки пайваста ташкил карда шудаанд ва марҳила ба марҳила аз рӯйи нақшаи муайяни меъёрӣ

татбиқшуда»[194] ошкор карда мешаванд. Дар ин ҳолат «ҳамаи унсурҳои механизми ҳуқуқӣ дар робитаи мантиқӣ қарор доранд».

Инчунин, мафҳуми танзими механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, бо фаъолият ва ҳамкории институтҳои (ниҳодҳои) давлатӣ – «механизми давлатӣ»[195] алоқаманд аст.

Мафҳуми мушаххаси танзими механизми давлатии ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ дар рисола бо назардошти тафсири расмии категорияҳои умумӣ (бештар умумӣ), ки мазмуни онҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» дарҷ шудаанд, таҳия карда мешавад. Ҳамзамон, аз муқаррароти расмӣ доктриналии рисолаи илмӣ бармеояд, ки тибқи он «муҳтавои асосии таъмини амнияти миллӣ, аз нигоҳ доштани механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, инчунин имкониятҳои захиравии давлат ва ҷомеа, дар сатҳи ҷавобгӯйи манфиатҳои миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон будан», иборат аст.

Мутаносибан, танзими механизми давлатии ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, аз ҷониби мо ҳамчун низоми устувори ниҳодҳои давлатии пай дар пай ташкилшуда, марҳила ба марҳила амалкунанда ва дар асоси муқаррароти расмии меъёрӣ, ки фаъолиятро оид ба нигоҳ доштани механизмҳои ҳуқуқӣ ва институтсионалӣ, имкониятҳои захиравии давлат ва ҷомеа дар сатҳи талаботи манфиатҳои миллӣ амалӣ менамоянд, муайян карда мешавад.

Ҳангоми таҳқиқи сохтор, асосҳои ҳуқуқии ҳамкории унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ, мо онро ҳамчун охирин дар заминаи тафсири назариявӣ-ҳуқуқӣ, яъне ҳамчун маҷмуи воситаҳои ҳуқуқӣ, ки пай дар пай ташкил карда шудаанд ва марҳила ба марҳила тибқи нақшаи муайяни меъёрӣ амал мекунанд, баррасӣ менамоем. Ин зарурати таҳлили ҳамаҷонибаи падидаро дар ду пешниҳод – яъне

---

[194] Ниг.: Шундиков К.В. Правовые механизмы: постановка проблемы [Текст] / К.В. Шундиков // Государства и права. – 2006. – №12. – С. 12-21.
[195] Ниг.: Механизм государства: классическая и пост классическая парадигмы: монография / Под ред. С.А. Сидорова, И.Л. Честнова. – СПб.: РГПУ им. А.И. Герцена, 2008. – С. 14.

функсионалӣ-институтсионӣ (маҷмуи воситаҳо-институтҳо) ва мурофиавӣ (марҳила ба марҳилаи амали мурофиавии воситаҳо-институтҳо) нишон медиҳем.

Вазифаҳои механизми ҳуқуқӣ-давлатӣ вобаста ба таъмини амнияти миллиро, ҳамчун самтҳои таъсири давлатию ҳуқуқӣ, ки ҳалли вазифаҳои муайянро дар соҳаҳои асосии ҳаётро дар назар доранд ва дар маҷмуъ, моҳият ва мундариҷаи фаъолияти ҳуқуқии давлатро оид ба таъмини амнияти миллӣ татбиқ мекунанд, инъикос карда мешаванд.

Вазифаҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, бевосита аз хусусияти миқёс ва дараҷаи таҳдидҳои воқеӣ ва эҳтимолӣ дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, илм ва маориф, соҳаҳои маънавӣ, иттилоотӣ, низомӣ, мудофиавӣ-саноатӣ, экологӣ ва амнияти ҷамъиятӣ вобастаанд. Ғайр аз он, вазифаҳои баррасишаванда на танҳо дар соҳаи сиёсати дохилӣ, балки дар соҳаи сиёсати хориҷӣ низ амалӣ карда мешаванд, ки зарурати иштирок дар тадбирҳои таъмини амният берун аз ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро мутобиқи шартномаҳо ва созишномаҳои байналмилалии басташуда ё эътирофнамудаи Тоҷикистон пешбинӣ менамояд.

Вазифаҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллӣ, тавассути муассисаҳои ташкилии давлатӣ, ки бо ҳам робитаи амалӣ доранд, дар заминаи масъалаҳои баррасишавандаи шартӣ ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд: якум, ин муассисаҳои ташкилии давлатӣ мебошанд, ки вазифаи дахлдори онҳо асосӣ мебошад, дуюм, ин муассисаҳои дигари давлатӣ мебошад, ки таъмини амнияти миллӣ вазифаи иловагии онҳо мебошад, (одатан, дар сурати пайдо шудани таҳдидҳои дахлдор ба манфиатҳои давлат, ҷомеа, шахс амалӣ карда мешаванд).

Сохтори ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ, ҳамчун навъи ниҳодҳои ташкилии давлат бо як қатор аломатҳо тавсиф карда мешавад: якум, он қисми нисбатан ҷудогонаи механизми ягона мебошад, ки дорои мухторияти муайян мебошад; аввалан, он як қисми нисбатан

ҷудошудаи механизми ягонаи муайяншудаи худидоравӣ; дуюм, дорои хусусияти танзимкунандаи ҳокимиятӣ-давлатӣ мебошад; сеюм, он на танҳо ташкилоти худ, балки мақсади таъиноти функсионалии худро дар доираи механизми ҳуқуқӣ-давлатии таъмини амнияти миллиро дорад.

Илова бар ин, бояд ба назар гирифт, ки институти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ (ташкилии) таъмини амнияти миллӣ бо мақомоти дахлдори давлатӣ, ки роҳи алоқаи муносибатҳои танзимшавандаи давлат бо заминаи моддии онҳо мебошад, яксон нест. Сохтори муассиса ифодаи меъёрии низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, яъне дар маънои зикршуда як падидаи идеалӣ мебошад, ки ҳамчун танзимкунандаи низоми категорияҳо, мақомҳо, принсипҳо, арзишҳои маънавӣ ва ғайра ифода ёфтааст.

Албатта, ҷузъиёти моддӣ тахмин карда мешавад, аммо вақте сухан дар бораи падидаҳои ҳуқуқӣ ё ниҳодҳои давлатӣ меравад, ҷузъи асосӣ буда наметавонад. Дар навбати худ, мафҳуми мақоми давлатӣ, ҳам дар адабиёти илмӣ ва ҳам дар адабиёти таълимӣ, одатан, бо асоси моддӣ (одамон, биноҳо, иншоотҳо, таҷҳизот, воситаҳои техникӣ, силоҳ ва ғайра) алоқаманд менамоянд, яъне – ин ташаккулҳои сохторӣ мебошанд, ки «барои иҷрои вазифаҳои худ имкониятҳои моддӣ - техникӣ» доранд.

Ҳамин тариқ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки вазифаи таъмини амнияти миллиро иҷро мекунанд, имкониятҳои моддию техникии худро бо ёрии технологияҳои дахлдор, инчунин воситаҳои техникӣ, барномавӣ, тарҷумонӣ, ҳуқуқӣ, ташкилӣ, аз ҷумла шабакаҳои иҷтимоӣ, сабту садо, ки дар низоми таъмини амнияти миллӣ барои ҷамъоварӣ, ташаккул, коркард, интиқол ё қабули иттилоот дар бораи вазъи амнияти миллӣ ва тадбирҳои таҳкими амният истифода мешаванд, амалӣ менамоянд.

Дар асоси механизми институтсионалии таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо таҷзияиҳои зерини ташкилии давлатии сатҳи олиро ҷудо ва баррасӣ менамоем: а) ҳокимияти сарвари давлат; б) ниҳодҳои

ҳокимияти давлатӣ (қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ); в) институти суди конститутсионӣ; г) институти Шурои амният.

Сатҳи дуюми низоми конститутсиониро мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ташкил медиҳанд; институтҳои ҳифзи ҳуқуқ; институтҳои судӣ; институтҳои назоратӣ ва санҷишӣ-давлатӣ; институтҳои давлатии истеҳсолоти иҷро; институти мудофиаи граждани; институтҳои муҳофизат аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ; институтҳои иктишофӣ, зидди иктишофӣ ва ҳифзи сарҳади давлатӣ, инчунин институтҳои мудофиа, пеш аз ҳама қувваҳои мусаллаҳ, ки ҷузъи мудофиявии механизми давлатии таъмини амнияти миллиро ифода мекунанд.

Ҳангоми баррасии шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии таъминоти давлатии амнияти миллӣ бояд қайд кард, ки ба ғайр аз ҷузъи функсионалӣ-институтсионалии механизми ҳуқуқӣ-давлатии таъмини амнияти миллӣ, инчунин фарогири динамикаи фаъолиявӣ буда, ҷанбаи ҳуқуқӣ дар низоми меъёрҳои тартибӣ ва мурофиавӣ, ки фаъолияти дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдорро танзим мекунанд, ифода низ карда мешавад.

Динамикаи фаъолияти механизми ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ дар гузариши пайдарпайи аз марҳилаҳое ифода меёбад, ки дар байни ҳалли вазифаҳо ҳадафмандона заруранд, ба анҷом мерасанд. Ҳимояи манфиатҳои давлат, ҷомеа, шахс аз таҳдидҳои беруна ва дохилӣ дар шакли фаъолияти даврӣ, ки гузариши се марҳиларо дар бар мегиранд, амалӣ карда мешаванд:

Якум, ошкор ва баробар кардани заминаҳои пайдоиши таҳдидҳои амнияти миллӣ.

Дар ин марҳила муайян ва пешгӯии таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми объектҳои амниятӣ, дар маҷмуъ, татбиқи чораҳои фаврӣ ва дарозмуддат оид ба пешгирӣ ва безараргардонии онҳо амалӣ карда мешаванд.

Дуюм, бартараф кардани омили таҳдидҳо ба амнияти миллӣ. Ин марҳила аз муқовимат ба таҳдидҳо алоқаманд буда, бо истифодаи фаъолонаи чораҳои пешгирии ҳокимияти давлатӣ тавсиф карда шуда, идоракунии қувваҳо ва воситаҳои таъмини амният дар шароити рӯзмарра ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда амалӣ карда мешаванд.

Сеюм, бартараф кардани оқибатҳои фаъолияти ба ҷомеа хатарнок, ки барои барқарор кардани шароити зарурирo дар татбиқи манфиатҳои шахс, ҷомеа, давлат тавассути амалисозии чораҳо оид ба барқарор кардани фаъолияти муътадили объектҳои амниятӣ дар минтақаҳое, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодда зарар дидаанд, дар назар дорад.

Ба фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки ҳамчун шакли ҳуқуқии таъсири ҳокимияти давлатӣ дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, бо иҷрои мақсадҳо ва вазифаҳои таъмини амнияти миллӣ ҷавобгӯ аст, таваҷҷуҳи хоса дода мешавад. Бояд ба изҳороти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон[196] диққати махсус додан лозим, ки чунин қайд мекунад, «кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҷараёни фаъолияти худ, манфиатҳои миллиро аз ҳама болотар мегузоранд, дониш, малака ва ҳатто ҳаёти худро ба ин ҳадафи баланд мебахшанд. Зеро мақомоти корҳои дохилӣ, дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ дар ҳифзи арзишҳои олии давлатдорӣ, таъмини амнияти давлат ва ҷомеа, яъне волоияти қонун нақши калидӣ мебозанд».

Аммо бояд қайд кард, ки фаъолияти самараноки механизми таъмини амнияти миллӣ, аз ҳамоҳангсозии шаклҳои гуногуни ҳуқуқӣ ва ташкилии фаъолиятӣ иборатанд, ки ба таъмини манфиатҳои инсон, ҷомеа ва давлат, нигаронида шудаанд. Мутобиқатӣ дар раванди иҷрои вазифаҳо бояд бо тақсимоти ҳуқуқии вазифаҳо ва ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ таъмин карда шаванд.

Дар шароити ташкилӣ ҳамкории байни ҳамаи субъектҳои таъмини амният, банақшагирӣ дар шакли зерин сурат мегирад: мубодилаи иттилоот,

[196] Ниг.: Выступление Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона, по случаю Дня знания и открытия нового здания Академии МВД // Труды Академии МВД Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – №3 (35). – С. 20.

банақшагирии муштарак ва татбиқи чорабиниҳо, истифодаи муштараки қувваҳо ва воситаҳо ба манфиати ҳалли вазифаи умумии субъектҳои ин раванд, ташкили мониторингҳои махсус ва ғайраҳо. Дар баробари ин, дар айни замон механизми ҳуқуқӣ-давлатии таъмини амнияти миллӣ қисман вайроншавии фаъолияти мақомоти алоҳидаи давлатиро бо такрори вазифаҳои ниҳодҳои гуногуни ҳуқуқӣ-давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар доираи механизми ҳуқуқӣ-давлатии таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба ҳам мепайвандад.

Ҳамин тариқ, бо ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо пешниҳод менамоем, ки таҳти амнияти миллии давлат, ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ-конститутсионӣ ва ҳимояи низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ-ҳуқуқие, ки вобаста аз зарурати ба даст овардан ва таъмини ҳолати ҳифзи амнияти инсон, ҷомеа, давлат ва шаҳрванд ба вуҷуд меоянд, рушд ё қатъ мегарданд, яъне маҳз аз ифодаҳои зерин иборатанд: манфиат ва арзишҳои онҳо; ҳуқуқ ва озодиҳои ба онҳо кафолатдодашуда; сифати шароити муҳити ҳуқуқӣ ва фаъолияти ҳаёт, аз ҷумла соҳибихтиёрии давлатӣ, сохти конститутсионӣ, ягонагии ҳудудӣ, иқтидори иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ, мудофиавии давлат ва ғайраҳо, аз таҳдидҳо ва хатарҳои дохилӣ ва хориҷӣ, пешгирӣ ва безараргардонии таъсири манфии онҳо бо мақсади амалӣ намудани манфиатҳои миллӣ, ҳадафҳо ва ноил шудан ба рушди устувори ҷомеа, ки мутаносибан ҳифз ва ҳимояи маъмурӣ-ҳуқуқиро талаб мекунанд ва бо меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ танзим карда мешаванд.

Мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ» дар қонунгузории бисёр кишварҳои хориҷӣ то ҳол собит нашудааст. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» принсипҳо ва мазмуни асосии фаъолиятро оид ба таъмини амнияти давлат, амнияти ҷамъиятӣ, амнияти экологӣ, амнияти шахс, дигар намудҳои амнияти пешбининамудаи қонунгузории кишвар, ваколатҳо ва вазифаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии амният, инчунин

мақоми Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайян намудааст[197]. Аз ҷумла, ин хусусиятҳо дар диссертатсияи доктории олими ватанӣ Ф.Р. Шарифзода[198] муфассалтар баррасӣ карда шудааст, ки чунин қайд намудааст: «соҳаи амнияти ҷамъиятӣ на танҳо ҳифзи аҳолӣ, арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеаро бо меъёрҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқ аз кирдорҳои ғайриқонунӣ, хатарҳои техногенӣ, табиӣ, биологӣ ва бо дигар хусусиятҳо тавсиф мекунад, балки ба вайрон кардани меъёрҳои ягонаи ҳуқуқии давлат низ таалуқ дорад, ки бевосита ба амнияти миллӣ, аз таҳдидҳои эҳтимолӣ ва воқеии марбут ба татбиқи адолати иҷтимоӣ ва судӣ, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ низ таъсир мерасонад». Ҳамзамон олимон низ минбаъд қайд менамоянд, ки «соҳаи ҳуқуқшиносӣ, ҳамчун илми ҳамаҷониба дар бораи моҳияти давлат ва ҳуқуқ, амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ амал мекунад, ки ҳифзи аҳолӣ, арзишҳои моддӣ ва маънавии ҷомеаро бо меъёрҳои ҷиноятӣ, маъмурӣ, дигар соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ аз падидаҳои ғайриқонунӣ, хатарҳои техногенӣ, табиӣ, биологӣ ва дигар хусусиятҳо тавсиф ва ҳифз менамояд»[199]. Аз ин лиҳоз, мазмуни нигоҳдории амнияти ҷамъиятӣ васеътар аст ва бо маҷмуи таъмини ҳифзи давлатӣ, ки аз соҳаи ҳаёти шахс, ҷомеа ва давлат, фаъолияти таъмини амнияти ниҳодҳои давлатӣ ва муносибатҳои муайяни ҷамъиятӣ ташаккул меёбанд, маҳдуд карда намешаванд.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» имрӯз вазифаҳои гузошташударо оид ба муайян намудани категорияи ҳуқуқии амнияти ҷамъиятиро пурра ҳал наменамояд. Он намудҳои амниятро номбар мекунад, аммо таърифҳо ва тафсири қатъии шохисҳои таснифиро пешниҳод намекунад. Аз ин рӯ, дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми «Амнияти ҷамъиятӣ» - ро ҳамчун объекти қисми махсуси ҷиноятҳои пешбининамудаи

---

[197] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 24.05.2022).
[198] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечении национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2022. – С. 134.
[199] Шарифзода Ф.Р. Указ. соч. – С. 135.

фасли ҳаштуми Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷиноятҳо ба муқобили амнияти ҷамъиятӣ ва саломатӣ»[200] муққарар намудааст. Қонунгузории маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боби бистуми КМ ҶТ[201] ҳуқуқвайронкуниҳои маъмуриро вобаста ба тартиботи ҷамъиятӣ ва ахлоқ муқаррар менамояд.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия» пешбинӣ шудааст, ки «Милитсия мақомоти давлатии ҳифзи ҳуқуқ, бозпурсӣ ва тафтишоти пешакӣ буда, барои ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, тартиботи ҷамъиятӣ, манфиатҳои ҷамъият ва давлат аз кирдорҳои ҷиноятӣ ва дигар ҳуқуқҳо ҷиҳати татбиқи чораҳои маҷбуркунӣ дар доираи муқаррарнамудаи Қонуни мазкур ва дигар қонунҳо пешбинӣ менамояд»[202].

Дар адабиёти илмии хориҷӣ нишон дода шудааст, ки масалан, дар Россия ва хориҷа консепсияҳои амнияти ҷамъиятӣ таҳия карда шуданд[203]. Дар Россия лоиҳаи Доктринаи амнияти ҷамъиятии Россия[204] таҳия карда шуд, ки дар он амнияти ҷамъиятӣ, ҳамчун ҳолати ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, ҷомеа, давлат аз амалҳои ба ҷомеа хатарнок, ҳодисаҳои табиӣ, офатҳо ва дигар ҳолатҳои фавқулодда муайян карда шудааст.

Инчунин дар байни олимон дар бораи он, ки амнияти ҷамъиятӣ як ҷузъиёти амнияти миллӣ аст, ё баръакс, ақидаи ягона вуҷуд надорад. Баъзе муаллифон қайд мекунанд, ки ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллӣ, амнияти ҷамъиятӣ мебошад, ки онро «мақомоти давлатӣ (пеш аз ҳама полис, қӯшунҳои дохилӣ, хадамоти бартарафсозии оқибат ҳолатҳои фавқулодда), инчунин мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва

---

[200] Уголовный Кодекс Республики Таджикистан от 21 мая 1998 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1998. – №9. – Ст. 68-70.

[201] Кодекс Республики Таджикистан об административных правонарушениях от 31 декабря 2008 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1998. – №12 (ч. 1). – Ст. 990.

[202] Закон Республики Таджикистан «О милиции» от 17 мая 2004 года, №41 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2004. – №5. – Ст. 352.

[203] Ниг.: Осипов Г.В., Кузнецов В.Н. Социология и государственность (достижения, проблемы, решения). – М.: Вече, 2005. – С. 187-189.

[204] Ниг.: Кардашова И.Б. Об общественной безопасности / И.Б. Кардашова // Административное право и процесс. – 2008. – №2. – С. 56.

ҳаракатҳо таъмин мекунанд»[205]. Муаллифони дигар мафҳуми «амнияти ҷамъиятӣ»-ро ба низоми амнияти миллӣ дохил намекунанд, балки ба аҳаммияти масъалаи амнияти ҷомеа диққат медиҳанд[206].

Бисёре аз муаллифон танзими ҳуқуқии муосири масъалаҳои таъмини амнияти ҷамъиятиро таҳлил мекунанд[207]. Амнияти ҷамъиятӣ мафҳуми як категорияи тавоноии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ инъикос менамояд. Дар қонунгузории муосири хориҷӣ ва ҳуқуқшиносӣ, амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ барои муайян кардани соҳаи фаъолияти мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти ҳокимияти иҷроия баромад мекунад ва ҳамчун объекти сифатӣ ва бевоситаи кирдори намудҳои мушаххаси ҷиноятҳо ва шиканҷаҳои маъмурӣ ҷудо карда мешавад.

Дар луғат чунин тафсир мешавад, ки «амнияти ҷамъиятӣ (дар ҳуқуқ) – системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ ва меъёрҳои ҳуқуқие мебошад, ки ин муносибатҳоро бо мақсади таъмини осоиштаи ҷамъиятӣ, дахлнопазирии ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, меҳнати муқаррарӣ ва истироҳати шаҳрвандон, фаъолияти муқаррарии ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ, муассисаҳо ва корхонаҳо ба танзим медароранд»[208].

Айни замон, дар шароити раванди фаъоли ташаккули муносибатҳои муосир ба таъмини амнияти ҷамъиятии мамлакати мо, ин масъала боз ҳам бешак таваҷҷуҳи хоса дорад. Гузашта аз ин, дар солҳои охир санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда шуданд. Аслан он санадҳо инҳоянд: Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»[209], Низомнома дар бораи «Шурои

---

[205] Босхамджиева Н.А. Вопросы понятия «общественная безопасность»: зарубежный опыт / Н.А. Босхамджиева // Административное право и процесс. – 2011. – №7. – С. 27-29.
[206] Ниг.: Возженников А.В. Национальная безопасность: теория, политика, стратегия. – М., 2000. – С. 69-70 и др.
[207] Ниг.: Бондарев Д.А., Фирсова Е.А. Сравнительный анализ дефиниций «общественная безопасность» и «общественный порядок» во Франции, в Австрии, ФРГ, США, Канаде и России / Д.А. Бондарев, Е.А. Фирсова // Российский следователь. – 2010. – №7. – С. 38-40; Черепанов И.З. К вопросу об иммиграционной составляющей обеспечения безопасности общества и государства в Российской Федерации / И.З. Черепанов // Миграционное право. – 2011. – №2. – С. 14-15.
[208] Юридический энциклопедический словарь / Гл. ред. А.Я. Сухарев. – М., 1984. – С. 204.
[209] Закон Республики Таджикистан «О безопасности» от 28 июня 2011 года, №721 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011. – №5. – Ст. 351.

амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон»[210], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ҳарбӣ»[211], «Доктринаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[212]; Барномаи давлатии татбиқи Консепсияи рушди пешгӯии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи давлатдорӣ, ҳуқуқи инсон, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015[213]; Созишнома «Дар бораи Консепсияи амнияти ҳарбии давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил»[214] ва ғайраҳо.

Аммо, то ба ҳол, дар зер нуқтаҳои муҳимме ҳастанд, ки бояд ба онҳо диққати хоса дода шаванд. Масалан, дар соҳаи амнияти ҷамъиятӣ ба дастгоҳи асосии мафҳумӣ муносибати ягона вуҷуд надорад, яъне таҳияи нокифояи коркард дар қонунгузории миллӣ мафҳуми категорияҳои «амнияти ҷамъиятӣ», «намудҳои амнияти ҷамъиятӣ» ва ғайра.

Дар адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ ва ватанӣ дар бораи мафҳуми амнияти ҷамъиятӣ ақидаҳои гуногун баён карда шудаанд. Дар робита ба ин, таҳлили баҳсҳои дар адабиёти илмӣ гузаронидашуда нишон медиҳад, ки муносибати ягона ба фаҳмиши амнияти ҷамъиятӣ таҳия нашудааст. Бахусус, фаҳмиши ягона вуҷуд надорад, ки амнияти ҷамъиятӣ, маҳз объекти танзими маъмурӣ-ҳуқуқӣ мебошанд.

Инчунин давлат субъекти асосии амният эътироф карда мешавад, ки амнияти шаҳрвандони худро таъмин мекунад ва қодир аст дар муносибат бо дигар субъектҳои амниятӣ, ҳамчун шарики комилҳуқуқ баромад кунад. Ҳамзамон, давлат монополия (ҳуқуқ ва имтиёзи фавқулода)-и худро дар таъмини амният аввалиндарҷа шуморида, ин афзалиятро дар ҳуқуқи

---

[210] Положение «О Совете безопасности» от 20 марта 2003 г., № 1037 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 27.04.2023).

[211] Закон Республики Таджикистан «О военном положении» от 20 июня 2019 года, №1608 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – №6. – Ст. 310.

[212] Военная доктрина Республики Таджикистан от 3 октября 2005 года, №103 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2005. – №8-10. – Ст. 475.

[213] Ниг.: Государственная программа по реализации Концепции прогнозного развития законодательства Республики Таджикистан в сфере государственного устройства, правозащитные, обороны и безопасности на 2012-2015 годы. Утверждена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 1 марта 2012 года, №97 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 13.04.2023).

[214] Соглашение «О Концепции военной безопасности государств участников Содружества Независимых Государств» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http: //www.base. garant. ru/ (санаи муроҷиат: 20.09.2022).

субъективӣ нисбат ба таъмини амният тасдиқ мекунад[215]. Баррасии мафҳуми амнияти ҷамъиятӣ ифшои моҳияти мафҳумҳои ибтидоиро талаб мекунад, зеро онҳо бо таносубҳои хусусӣ ва умумӣ робита доранд. Амнияти ҷамъиятӣ бошад, ин як намуди мафҳуми амният аст, бинобар ин дар баробари хусусиятҳо ба аломатҳои умумии амният низ ҷавобгӯй аст. Азбаски калимаи «амнияти ҷамъиятӣ» ду ҷузъи таркибиро дар бар мегирад, тавсия дода мешавад, ки онҳоро дар алоҳидагӣ баррасӣ карда шаванд.

Мафҳуми «амният» аз як тараф ҳолати (ҳаётӣ, зиндагӣ) системаро инъикос намояд, аз тарафи дигар-маҷмуи чораҳои махсус оид ба ҳифзи ягонагӣ, мустақилияти нисбӣ ва устувории системаи муносибатҳои иҷтимоиро ифода мекунад[216]. Ба ибораи дигар, амният ҳамчун аломати хоси атрибутивии инсон, давлат ва ҷомеа фаҳмида мешавад ва бо рушди устувори ҷомеаи муосир алоқаманд аст. В.Н. Конин[217] мафҳуми амниятро ҳамчун системаи муносибатҳои ҷамъиятӣ (давлатӣ, ҳуқуқӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, маънавӣ, динӣ ва ғайра) муайян мекунад, ки аз ҳолати муносибатҳои махсуси фаъолияти ҳаёти ҷомеа, сохторҳо ва институтҳои онҳо ташшакул ёфта, дар онҳо нигоҳ доштани муайянии сифаташон, фаъолияти мутаносиб ва рушди пешрафтаи муосир, марҳила ба марҳила таъмин ва татбиқ карда мешаванд.

Мафҳуми ҳуқуқии «амният» бо назардошти маънои этимологии истилоҳӣ, мавриди назар муайян карда мешавад, масалан, истилоҳи «амният» аксар вақт ҳамчун: «хатарнок нест, таҳдид намекунад, безарар ё зарар расонида наметавонад, субот, ҳифз, содиқ, вафодор, боэътимод» маънидод карда мешавад, яъне «амният» – ҳамчун мавҷуд набудани хатар, бехатарӣ,

---

[215] Ниг.: Миграция и безопасность в России / Под ред. Г.С. Витковской, А.С. Панарина. – М., 2000. – С. 24.
[216] Ниг.: Молчановский В.Ф. Безопасность – атрибут социальной системы / В.Ф. Молчановский // Анализ систем на пороге 21-го века: теория и практика: Материалы международной конференции. – М., 1997. – Т. 4. – Кн. 1. – С. 170.
[217] Ниг.: Конин В.Н. Административно-правовое регулирование обеспечения общественной безопасности в Российской Федерации. – Саратов: Научная книга, 2010. – 167 с.

эътимоднокӣ[218] мебошад. Аз нигоҳи забоншиносӣ калимаи «амният»[219] арабиасос буда, чунин маънидод шудааст: осоиштагӣ, оромӣ, тинҷӣ, бехавфӣ, бехатарӣ, сулҳу амният ва дар забони русӣ бошад «безопасность»[220] – ҳамчун «вазъият ва ҳолатест, ки хатар вуҷуд надорад, яъне муҳофизат аз хатар мебошад». Дар луғати калони юридикӣ[221] «амният» – ин «бехатарӣ» яъне ҳолате бехатар ҳисобида мешавад, агар ба стандарти давлатие, ки талаботро оид ба таъмини амнияти ҳаёт, саломатӣ ё амволи шаҳрвандон ва ҳифзи муҳити зист дар бар мегирад, мувофиқат кунад, ҳамзамон вазъи амнияти миллӣ бо ҳолатҳои объективӣ ва субъективӣ низ муайян карда мешавад. Ё инки амният, ҳамчун мавқеъе маънидод мешавад, ки дар он ба касе хатар таҳдид намекунад. Аз ин рӯ, амният дар асл, яке аз шартҳои муҳим барои рушди муътадили давлат ва ҷомеа, зиндагии осоиштаи одамон, фаъолияти инфрасохторҳои хоҷагидорӣ, ҳамкории қавии байналмилалӣ, некӯаҳволии меҳнаткашон ва ғайра қабул шудааст.

Дар муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният»[222] мафҳуми амният, ҳамчун ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва беруна муайян карда шудааст. Аз мафҳуми ин таърифҳо бармеояд, ки амнияти иҷтимоӣ аз се намуди асосӣ иборат аст, яъне: шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ. Ба маънои фалсафӣ ва филологӣ, мафҳумҳои амнияти шахсӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ, чунин принсипҳои ибтидоӣ ба мисли амният ва шахсият, амният ва ҷомеа, амният ва давлатро аллакай дар бар гирифтаанд.

Аз ин ҷост, ки муносибати амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ бо мавҷудияти байни мафҳумҳои «инсон», «ҷомеа» ва «давлат» робитаи мустаҳкам ва вобастагӣ доранд. Мафҳуми «шахсият» ҳамчун истилоҳи умумӣ

---

[218] Ниг.: Даль В.И. Толковый словарь великорусского языка. Т. 1. – М., 1955. – С. 67; Словарь русского языка. Т. 1. – М., 1957. – С. 81; Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1970. – С. 39; Словарь русского языка. Т. 1. – М., 1981. – С. 74.
[219] Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ (иборат аз 2 ҷилд). – Душанбе, 2010. – С. 8-11
[220] Ожегов С.И. Словарь русского языка. – М., 1990. – С. 47.
[221] Ниг.: Большой юридический словарь / [В.А. Белов и др.]. – М.: ИНФРА-М, 2003. – 703 с.
[222] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2022).

ва илмӣ, ҳам фарди инсонро (шахс, ҳамчун инсони ягона) ва ҳам системаи устувори хусусиятҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро, ки фардро ҳамчун узви ин ё он ҷомеаи мушаххас тавсиф менамоянд, ифода мекунад[223]. Шахсият маҳсули рушд ва тараққиёти таърихии ҷомеа мебошад. Ҷамъият ва шахсият (инсон)-ро ташаккул медиҳад, ки ӯро ба фаъолият ҷалб намуда ва имконият медиҳад, ки қобилиятҳои худро амалӣ намуда худро ҳамчун мавҷудияти иҷтимоӣ зоҳир диҳад. Ҳар як синфи нисбатан устувор, ҳар як гурӯҳи иҷтимоӣ дар муҳити худ хислатҳои мушаххаси иҷтимоиро, ки ба муҳити ин шахс хосанд, таҳия ва эҷод менамоянд[224].

Ҷамъият шакли таърихан рушдёбандаи фаъолияти ҳаётии одамон мебошад[225]. Шахсони дар ҷомеа муттаҳидшуда амалҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ муҳимро ба амал меоранд ва ба ин васила манфиатҳои худро қонеъ намуда ва амалҳои якдигарро назорат мекунанд.

Ҳамин тариқ, яке аз унсури асосии мундариҷаи ҷомеа, ин шахсият (шахс, инсон) аст, ки шакли берунии фаъолияти ҳаёташ, худи ҷомеа мебошад. Ҷомеа ҳамчун унсури ягонае фаҳмида мешавад, ки бояд ягонагӣ, мустақилияти нисбӣ, устуворӣ дошта бошад ва бо усулу воситаҳои мавҷуда, аз хатарҳо ҳифз карда шаванд.

Бо дарназардошти фарқият байни мафҳумҳои амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ, инчунин меъёри таснифи гурӯҳбандии объектҳои амниятӣ низ гузошта шудааст ва имкон медиҳад самти фаъолият оид ба таъмини намудҳои мухталифи амнияти иҷтимоӣ муайян карда шавад. Бо вуҷуди аз имкониятҳои назариявии фарқ кардани объектҳои амнияти иҷтимоӣ, байни онҳо хеле робитаи зич мавҷуд аст, ки дар амал боиси муттаҳид шудани онҳо мегардад. Аз таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиётҳои илмии ҳуқуқшиносӣ бармеояд, ки объектҳои амнияти ҷамъиятӣ инҳо мебошанд[226]:

[223] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. – С. 314.
[224] Ниг.: Комаров С.А. Личность в политической системе российского общества. – М., 1995. – С. 100-104.
[225] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. – М., 1983. – С. 451.
[226] Ниг.: Гирько С.И. Обеспечение общественной безопасности в системе мер защиты личности, общества и государства: состояние, проблемы, перспективы / С.И. Гирько // Административное право и процесс. – 2009.

ҳаёт, саломатии инсон; ҳуқуқ, озодиҳо, манфиатҳои қонунии инсон; манфиатҳои моддии инсон; ҳаёти ҳаррӯза ва фаъолияти аъзоёнии ҷамъият; сарватҳои моддӣ ва маънавии ҷомеа; сохти конститутсионии давлат.

Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки соҳаҳои амнияти шахсӣ, амнияти ҷамъиятӣ ва амнияти давлатӣ ба ҳам пайваста ва вобастаанд. А.С. Прудников[227] таъкид мекунад, ки фаъолияти ҳуқуқии милитсия, воситаи асосии таъмини амнияти инсон ба шумор меравад. А.И. Стахов[228] дар асарҳои илмиии маъмурӣ-оммавиаш таъмини амниятро муайян карда, онро дар татбиқи ваколатҳои маъмурии беруна аз ҷониби субъектҳои ваколатдор, таъкид менамояд.

Яъне асосан амнияти ҷамъиятиро ҳамчун як намуди падидаи амнияти миллӣ муайян карда мешавад. Ҳамин тавр, И.Б. Кардашова[229] қайд мекунад, ки «амнияти миллӣ мафҳуми истилоҳи умумиест, ки маҷмуи намудҳои амнияти миллиро муттаҳид намуда аз хусусиятҳои соҳавӣ вобастагӣ надоранд».

Таҳқиқи масъалаҳои таъмини маъмурӣ-ҳуқуқии амнияти миллӣ давлатҳои аъзои ИДМ дар кори илмии В.М. Редкоус[230] инъикос шудааст. Бо вуҷуди тафсирҳои гуногуни мафҳуми «амнияти миллӣ» ва сохтори он дар маҷмуъ, зери мафҳуми «амнияти миллӣ» воситаи шароит ва омилҳоро мефаҳманд, дар он давлат ҳамчун як ҷомеаи муайяни иҷтимоӣ-сиёсӣ ба таври идоракунӣ фаъолият мекунад ва тибқи қонунҳои дохилии худ рушд мекунад, бо ваколати додани ҳуқуқ барои ҳавасманд кардани тағйирот ва тамоюлҳои мусбӣ ва инчунин ислоҳ намудани падидаҳои номатлуб, дар баробари ҳифзи кишвар аз таҳдидҳои муҳити беруна вогузор мекунад.

---

– №5. – С. 16-18; Васин В.Н. Право на общественную безопасность. – Курск, 1999. – С. 64; Кондратов Б.П. Общественная безопасность и административно-правовые средства ее обеспечения. – М., 1998. – С. 51.

[227] Ниг.: Прудников А.С. Безопасность личности и ее обеспечение органами внутренних дел. – М., 1999. – С. 216.

[228] Ниг.: Стахов А.И. Административно-публичное обеспечение безопасности в Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2007. – 429 с.; Стахов А.И. Право безопасности как под отрасль административного права: Учеб. пособие. – М., 2008. – С. 85.

[229] Ниг.: Кардашова И.Б. МВД России в системе обеспечения национальной безопасности Российской Федерации: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2006. – 494 с.

[230] Ниг.: Редкоус В.М. Административно-правовое обеспечение национальной безопасности в государствах – участниках Содружества Независимых Государств: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2011. – 431 с.

Агар ҳамчун анъана, амнияти миллӣ ҳимояи давлатро аз таҳдидҳои берунаи ҳарбӣ дар назар дошта бошад, пас ба маънии муосир амнияти миллӣ маънои «ҳолати ҳимояи инсон, ҷомеа ва давлат аз таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ имкон медиҳад, ки ҳуқуқҳои конститутсионӣ, озодиҳо, сифат ва сатҳи шоистаи зиндагии шаҳрвандон, соҳибихтиёрӣ, ягонагии ҳудудӣ ва рушди устувори Ҷумҳурихои Тоҷикистон, мудофиа ва амнияти давлат» низ, таъмин карда шаванд.

Дар солҳои охир корҳои илмие пайдо шудаанд, ки ҷанбаҳои мухталифи падидаи амниятро баррасӣ намудаанд. Масалан, амнияти сиёсӣ, амнияти иқтисодӣ, амнияти молиявӣ, амнияти озуқаворӣ (набардҳои озуқаворӣ), амнияти иттилоотӣ ва ғайра. Ин падидаҳои амният аз шакли бартаридоштаи – доираи амнияти миллӣ тобеъанд. Мафҳуми умумии амниятро қонунгузорӣ муайян кардааст, аҳаммияти этимологӣ ба ҷузъҳои категориявии намудҳои гуногуни амнияти иҷтимоӣ мансуб буда ва таснифи объектҳои амниятӣ, мундариҷаи мафҳумҳои амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатиро муайян мекунанд. Ҳамин тавр, амнияти шахсиро метавон, ҳамчун ҳолати муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян кард, ки дар он амнияти «ҳаёт, саломатӣ, дахлнопазирии ҷисмонӣ ва озодии инсон ва шаҳрванд»[231] таъмин карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, амнияти ҷамъиятӣ падидаи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ буда, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятиро фаро гирифта, ба воситаи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо мақсади пешгирӣ, маҳаллисозӣ ва рафъи шароит ва омилҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми одамон, шаҳрвандон ва дар маҷмуъ ҷомеа хатари эҳтимолӣ ё воқеӣ эҷод мекунанд, ҳифз ва танзим карда мешаванд. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар ҷараёни омӯзиши сабабҳо, равандҳо ва оқибатҳои воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузаштаи Тоҷикистон, фоҷиаҳои Афғонистон, Сурия, Ироқ, Тунис, Яман, дар асл ба муқобили қиматтарин

[231] Ниг.: Прудников А.С. Безопасность личности и ее обеспечение органами внутренних дел (теоретико-правовое исследование): дис. … д-ра юрид. наук. – М., 1999. – С. 77.

арзиши олам – «ҳаёти инсон»[232] равон карда шудаанд, яъне афзалияти омилҳои биологӣ дар рафтори номатлуби инсонӣ бештар ба назар мерасад. Масалан, аз тарафи фарзанд кушта шудани падар (Абдулатиф Мирзо Улуғбеки 55-соларо, 27-уми октябри соли 1449 дар наздикии шаҳри Самарқанд), аз ҷониби писар куштани модар (Алӣ Сакра модари 40-солаи хешро 7-уми январи соли 2016 дар шаҳри Ракка), қатли ом кардани ҳамватанон тавассути ҷангиёни ҳизби наҳзати ислом, террор кардани садҳо олимону мутафаккирон – неруи зеҳнии миллати худ аз ҷониби собиқ аъзоёни ҳизби наҳзати ислом, ҳамчун тактикаи ҷанги шаҳрвандӣ бо супориши бегонагон ба хотири сархам кардани ҳукумат дар гуфтушунидҳо барои мансаб. Ҳамзамон, ба ақидаи В.П. Тихий[233], бо мақсади танзими амнияти ҷамъиятӣ, аз воситаҳои ҳуқуқӣ низомӣ, махсуси маъмурӣ-ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки усулҳои иҷозатдиҳӣ, назоратӣ ва маҷбуриро ҳамчун равандҳои иҷтимоӣ-объективӣ ва ҳуқуқӣ дар таъмини амнияти ҷамъиятӣ истифода мебаранд, зарур мешуморад.

Амнияти давлатӣ, маънои – таъмини амнияти муҳимтарини рукнҳо, яъне асосҳои давлатӣ, сохти конститутсионии давлат, соҳибихтиёрӣ ва ягонагии ҳудудӣ, аз таҳдидҳои дохилӣ ва беруниро дар назар дорад. Дар шароити муосир барои таъмини амнияти давлат, на он қадар омилҳои беруна, балки омилҳои дохилӣ, ки таҳдидҳои ошкору ниҳонӣ доранд, ҳангоми ташаккули консепсияи амнияти ҷамъиятӣ, бешубҳа бояд ба инобат гирифта шаванд. Бо дарназардошти заминаи ҳуқуқии ҷанбаҳо, сохтор ва асосҳои ҳуқуқии ҳамкории унсурҳои механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар доираи таъмини амнияти миллӣ, мо бояд як ҷузъиёти сохтории муҳиммеро дар раванди таъмини амнияти миллӣ, яъне Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро (дар оянда КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистон) махсусан таъкид намоем. Таъсис ва фаъолияти КДАМ-и Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тамоми

---

[232] Ниг.: Ятимов С. Аристотел: давлат ва сиёсат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 50.

[233] Ниг.: Тихий В.П. Уголовно-правовая охрана общественной безопасности: дис. … д-ра юрид. наук. – Харьков, 1981. – С. 23; Гришаев П.И. Преступления против общественной безопасности и общественного порядка. – М., 1959. – С. 4.

раванди рушди иҷтимоии кишвари мо робитаи ногусастанӣ дорад. Механизми таъмини амнияти давлатӣ на танҳо мустақиман ё ғайримустақиман аз омилҳои мухталифи падидаҳо ва равандҳо дар ҷомеа ва арсаи ҷаҳонӣ ва байналмилалӣ таъсир мерасонад, балки дар якҷоягӣ бо низоми нави рушди ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, меъёрӣ ва давлатдорӣ низ ташаккул меёбад. Ногуфта намонад, ки асри XXI[234] давраи ҷаҳонишавии васеъ мебошад, ки тамоми инсониятро фаро гирифтааст ва зарурати таҳияи посухҳои муносибро бо чолишҳои нав, ҳам барои Тоҷикистон ва ҳам барои тамоми инсоният ба мубраммият гузоштааст. Зуҳуроти буҳронӣ якчанд хатари куҳнаро афзоиш дода ба амнияти кишварҳои ҷаҳон таҳдидҳои нав эҷод мекунад, аз қабили терроризм, экстремизм (ифротгароӣ), муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷангҳои итилоотӣ, ҷудоихоҳии гурӯҳи тундрав ва ғайраҳо, осебпазирии манфиатҳои ҳаётан муҳимро бо таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ зиёд менамояд. Рушди буҳронҳо, мушкилот ва дигар падидаҳои номатлуб дар арсаи байналмилалӣ, ҳайати хизматчиёни КДАМ Ҷумҳурии Тоҷикистонро водор менамояд, ки дар таъмини амнияти миллӣ, барои баланд бардоштани сифати хидматӣ, аз даст надодани зиракии сиёсӣ, истифодаи воситаҳо ва усулҳои нави муосир, дар ҳифзи таҳкими амнияту сулҳу суботи кишварамон, ҳамзамон аз хатарҳои дохилию хориҷӣ, вобаста ба таъмини амнияти миллӣ пурзӯр намуда, муқовимати беамон нишон диҳанд. Яъне бо истифода аз кулли имконот[235] – василаҳои иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ набояд имкон дод, ки чунин падидаҳои номатлуб ҳамчун ҷароҳат дар бадани миллат ба саратон мубаддал гардад.

Дар шароити кунунӣ бошад, чунин омилҳо мавҷуданд, аз ҷумла: бегона кардани ҳокимият аз мардум; сатҳи баланди коррупсия (ришва); нобуд кардани асосҳои ҳаёти рӯҳонӣ-маънавӣ; таназзули илм, маориф ва фарҳанг; беасос паст шудани сатҳ ва сифати зиндагӣ; дигар зуҳуроти манфӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа. Таърих гувоҳӣ медиҳад, ки бидуни

---

234 Ниг.: Мамонов В.В. Конституционные основы национальной безопасности Российской Федерации: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – Саратов, 2004. – 52 с.

235 Ниг.: Ятимов С. Аристотел:давлат ва сиёсат. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2019. – С. 51.

ҳалли ин мушкилот ҳамзистии амният ва ризоияти миллӣ ба даст оварда намешавад. Муайян кардани робитаҳо ва муносибати амнияти ҷамъиятӣ бо дигар намудҳои амнияти иҷтимоӣ, ба назари мо, имкон медиҳад, ки аломатҳои умумӣ ва хусусиятҳои соҳаи муносибатҳои ҷамъиятии мавриди назарро муайян намуда, ҳудуди танзими ҳуқуқии таъмини амнияти шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатиро баррасӣ намоем.

Илова бар ин, масъалаи ҷудо кардани амният ба намудҳо, ҳамзамон дар ҳалли масъалаҳои алоҳидагии субъектҳои тобеият ва муайян кардани таваҷҷуҳи самтҳои фаъолияти мақомоте, ки дар таъмини намудҳои гуногуни амният машғуланд, манфиати амалӣ дорад. Ин мафҳумҳо аломатҳои умумӣ доранд, ба монанди манфиатҳои ҳаётан муҳим, объектҳои сӯиқасдкунанда, чунон ки дар боло зикр гардиданд, имкон медиҳад, ки онҳоро бо ҳамдигар муқоиса намоем. Яке аз муҳимтарин таъмини ҳуқуқҳои инсон, ки Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 38) эълон намудааст: «давлат барои солимгардонии муҳити зист, тадбирҳо меандешад...», яъне ба маънои он, ки дар пешниҳоди маълумоти боэътимод аз ҷониби мақоми ваколатдор дар бораи ҳолати он ва ҷуброни зарари ба саломатӣ ё молу мулки ӯ дар натиҷаи ҳуқуқвайронкунии экологӣ расонидашуда ва ғайра зоҳир мегардад. Масалан, бо ҳамин мазмун боби 14 КҲМ ҶТ[236] 29 моддаро дар бар мегирад, яъне аз моддаи 215 то моддаи 244. Ҳамин тариқ, дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва адабиётҳои илмии муосир, вақтҳои охир амнияти экологӣ ҳифз ва мустаҳкам карда шуда истодаанд.

Дар намудҳои тақсимоти амнияти иҷтимоӣ ба он доираи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ин ё он соҳаи амният ташаккул меёбанд, гурӯҳбандӣ гузошта шудааст. Дар меъёрҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва дигар адабиётҳои илмӣ-ҳуқуқӣ ба соҳаи амнияти ҷамъиятӣ, одатан муносибатҳои ҷамъиятӣ дохил карда мешаванд, ки зуҳуроти алоқамандӣ бо хосиятҳои манфии манбаъҳои хавфи зиёд, ҳангоми истифодаи нодурусти онҳо эҷод мешаванд. Ба соҳаи

---

[236] Кондекс Республики Таджикистан об административных правонарушеиях от 31 декабря 2008 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008. – №12 (ч. 1). – Ст. 990.

таъмини амнияти ҷамъиятӣ муносибатҳои одамоне дохил мешаванд, ки бо таъмини амнияти санитарӣ-эпидемиологии аҳолӣ, масалан, (боби 7 КҲМЧТ) оид ба риоя накардани талаботи санитарию эпидемиологӣ нисбати оби нӯшокӣ (м.116 КҲМ ҶТ), риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва дастурҳои бехатарии радиатсионӣ (м. 124 КҲМ ҶТ), риоя накардани қоидаҳо, меъёрҳо ва дастурҳои бехатарии электромагнитӣ (м. 125 КҲМ ҶТ), риоя накардани талаботи қоидаҳои аз сӯхтор (м. 195 КҲМ ҶТ)[237] ва ғайраҳо алоқамандaнд.

Амнияти ҷамъиятӣ аз як қатор омилҳои дигари иҷтимоӣ, аз ҷумла вазъи тартиботи ҳуқуқӣ, ободонии маҳаллаҳои аҳолинишин, таҷҳизоту иншоотҳое, ки барои боздиди оммавии одамон (варзишгоҳҳо, биноҳо ва дигар иншоотҳои оммавӣ) ва аз дигар омилҳо вобаста аст, пешбинӣ шудаанд. Ба ақидаи олими тоҷик Ф.Р. Шарифзода[238], ки дар кори илмиаш қайд менамояд, «ҳангоми муайян кардани маънои ибтидоии волоияти қонун, бояд дар назар дошт, ки асоси тартиботи ҳуқуқӣ дар қонунгузорӣ таҳкими принсипҳои адолат, озодӣ, баробарӣ мебошад».

Гуфтаҳои боло ба мо имкон медиҳанд, чунин хулоса барорем, ки соҳаи амнияти ҷамъиятӣ фарогири доираи васеъи муносибатҳои иҷтимоӣ буда, аз таъмини амнияти объектҳои он алоқаманд аст. Омилҳои объективие, ки барои ҷудо кардани амнияти ҷамъиятиро аз соҳаи умумии амнияти иҷтимоӣ асос медиҳанд, инҳоянд: бисёрҷониба, яъне аз хосияти иродаи муносибатҳои одамоне, ки дар рафтор ва амалҳои онҳо зоҳир карда мешаванд, инкишоф меёбанд; мавҷудияти меъёрҳои махсуси ҳуқуқие, ки ин муносибатҳоро ба танзим медарорад; муқаррар намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои ҳуқуқвайронкуниҳое, ки ба амнияти ҷамъиятӣ, ҳамчун категорияи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ халал мерасонад; мавҷудияти вазифаҳои махсус оид ба таъмини амнияти ҷамъиятӣ, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар субъектҳо, ки ин

---

[237] Кондекс Республики Таджикистан об административных правонарушеиях от 31 декабря 2008 года // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2008. – №12 (ч. 1). – Ст. 990.

[238] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечении национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2022. – С. 134.

вазифаҳоро дар шаклҳои татбиқшуда, тавассути восита ва усулҳои муқаррарнамудаи қонун амалӣ менамоянд.

Азбаски, амнияти ҷамъиятӣ яке аз намудҳои амнияти иҷтимоӣ ба шумор меравад, он дорои аломатҳои хоси амнияти охирин мебошад. Бо назардошти ин, мафҳуми зерини амнияти ҷамъиятӣ таҳия шудааст. Амнияти ҷамъиятӣ ҳамчун як навъи амнияти иҷтимоии системаи муносибатҳои ҷамъиятиро, ки бо меъёрҳои ҳуқуқӣ ва мақсади таъмини амнияти шахс, суботи ҷомеа, шароити мусоид барои меҳнат ва истироҳати шаҳрвандон, фаъолияти муқаррарнамудаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилотҳо, муҳофизат аз таҳдиди номатлуби кирдорҳои ҷиноятӣ ва дигар амалҳои ғайриқонунӣ, вайрон кардани тартиби истифодаи манбаъҳои хатарнок, ашё, маводҳо ва моддаҳои аз муомилоти гардиши шаҳрвандон гирифташуда, ҳодисаҳои фавқулодаи техногенӣ ва табиӣ, инчунин дигар ҳолатҳои махсуси танзимкунандаро дар назар дорад. Яъне дар ин маврид сухан дар бораи фаҳмиши васеътари амнияти ҷамъиятӣ, ҳамон категорияҳое меравад, ки фарогирандаи амнияти шахс (шаҳрвандон) ва амнияти давлат (амнияти миллӣ ё давлатӣ) мебошад.

А.А. Кармолитский[239] амнияти ҷамъиятиро – ҳамчун, «системаи муносибатҳое, ки дар ҳолати саривақт пешгирӣ ва бартараф кардани таҳдид ба ҳаёт, саломатии шаҳрвандон ҷараёни амволи онҳо бошад, ташаккул меёбанд, маънидод намудааст», муҳаққиқи дигар, П.Г. Городетский[240] – «низоми ҳаёти ҷамъиятие, ки қонун муқаррар кардааст, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ, ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандони алоҳида ва иттиҳодияҳои онҳоро таъмин менамояд» ин тавр таъриф кардаанд.

Бо ин равишҳо хатари тафсири амнияти ҷамъиятӣ хеле васеъ мебошад, зеро истилоҳи тавзеҳи амнияти «ҷамъиятӣ» тамоми маҷмуи падидаҳои

---

[239] Ниг.: Алехин А.П., Кармолицкий А.А. Административное право России. Часть первая. – М.: Зерцало, 2011. – С. 459.

[240] Ниг.: Городецкий П.Г. Проблемы деятельности федеральной системы правоохранительных органов России: автореф. дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2001. – 42 с.

иҷтимоиро бо мазмуни худ фаро мегирад. Аз нуқтаи назари этимологӣ чунин фаҳмиш (асли калима) дуруст аст, аммо дар баробари ин амнияти ҷамъиятӣ бо амнияти миллӣ ҳамбастагӣ доранд. Дар адабиёти маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки ба соҳаи амнияти ҷамъиятӣ он муносибатҳои ҷамъиятие дохил мешаванд, ки бо зуҳури хосиятҳои манфии манбаъҳои хавфи зиёд, ҳангоми истифодаи нодурусти онҳо алоқаманданд ва чун қоида, одатан муносибати дигар мавҷуд аст.

Ҳамин тавр, Л.Л. Попов[241] амнияти ҷамъиятиро, ҳамчун «низоми муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки тибқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, техникӣ, сохтмонӣ ва дигар меъёрҳо, ҳангоми истифодаи объектҳо ва ашёҳое, ки барои одамон ва ҷомеа дар маҷмуъ хатари зиёд доранд, ё ҳангоми фарорасии шароити махсус дар робита бо офатҳои табиӣ ё дар дигар ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти иҷтимоӣ ё техногенӣ» шарҳ медиҳад. Аммо ин худи амнияти ҷамъиятӣ нест, балки таъмини он, яъне фаъолияти субъектҳои гуногун мебошанд. Муҳақиқон Б.Ф. Калачев, П.Н. Кобетс[242] амнияти ҷамъиятиро – ҳамчун, «мавҷуд набудани хатари ғайриқобили қабул, ки бо имконияти зарар расонидан ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа ва давлат аз амалҳои хатарнок ва таъсири манфии ҳолатҳои фавқулодда, ки аз низоъҳои иҷтимоӣ, муҳоҷирати беназорат, офатҳои табиӣ, фалокатҳо, садамаҳо, сӯхторҳо, эпидемияҳо ва аз дигар ҳолатҳои махсуси ғайричашмдошт ба вуҷуд омадаанд», мефаҳманд.

А.М. Воронов[243] чунин пешниҳод менамояд, ки амнияти ҷамъиятиро ба маънои умумии юридикӣ-ҳуқуқӣ, ҳамчун таъмини - «ҳолати ҳуқуқии ҳифзи шахс ва ҷомеа аз омилҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа ва давлат хатари эҳтимолӣ ва воқеӣ эҷод мекунанд, аз ҷумла дар амалҳои (беамалии) барои ҷамъият хавфнок ифода ёфта, ба воситаи низоми меъёрҳои

[241] Ниг.: Административное право: Учебник / Под ред. Л.Л. Попова, М.С. Студеникиной. – М.: Норма, 2010. – С. 689.
[242] Ниг.: Калачев Б.Ф., Кобец П.Н. Проблемы борьбы с преступностью в системе обеспечения внутренней безопасности Российской Федерации. – М.: ВНИИ МВД России, 2006. – С. 40.
[243] Ниг.: Воронов А.М. Общественная безопасность: административные и информационно-правовые проблемы обеспечения и организации управления. – М., 2004. – С. 35.

маъмурӣ, иттилоотӣ, ҷиноятӣ, экологӣ ва дигар соҳаҳои ҳуқуқӣ, ҳифз карда мешаванд»; дар маъноҳои идоракунӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва иттилоотӣ-ҳуқуқӣ - ҳамчун «ҳолати амният бо меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ ва иттилоотии маҷмуи муайяни муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи фаъолиятӣ аз ҳаёти шахс ва ҷомеа ташаккул меёбанд, фаъолияти бехатари мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ (иттиҳодияҳо) ва шаҳрвандон, татбиқи ҳуқуқ, озодӣ ва манфиатҳои қонунии онҳо» ва ғайра, фаҳмида шаванд.

Пас амнияти ҷамъиятӣ, ҳамчун объекти таъминоти маъмурӣ-ҳуқуқӣ – яъне ин ҳолати ҳимояи манфиатҳои ҳаётан муҳимми шахс, давлат ва ҷомеа аз амалҳои ба ҷомеа хатарнок, офатҳои табиӣ, ҳодисаҳои табиӣ ва дигар ҳолатҳои фавқулодда, шароит ва омилҳое мебошад, ки боиси хатари эҳтимолӣ ё воқеӣ эҷод мекунанд, рушди устувори онҳо, инчунин татбиқи кафолатнок ва ҳимояи манфиатҳои инсон, давлат ва ҷомеа, ки бо меъёрҳои ҳуқуқи маъмурӣ танзим карда шудаанд.

Аммо таъмини маъмурӣ-ҳуқуқии амнияти ҷамъиятиро метавон, ҳамчун фаъолияти танзимнамудаи меъёрҳои ҳуқуқӣ-маъмурӣ бо ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба пешгӯӣ, пешгирӣ, маҳаллисозӣ ва барҳамдиҳии шароит ва омилҳое, ки ба манфиатҳои ҳаётан муҳимми шаҳрвандон (инсон), давлат ва ҷомеа дар маҷмуъ хатари эҳтимолӣ ё воқеӣ эҷод мекунанд, инчунин татбиқи кафолатнок ва ҳифзи ин манфиатҳо, ки муҳайё намудани шароити мусоиди зиндагониро ба танзим медароранд, муайян намуд.

Субъектҳои механизми таъмини амнияти миллиро ба нақши мақомоти олии ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар механизми ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар таъмини амнияти миллии кишвар арзёбӣ кардан, каме душвор аст. Маҳз ана ҳамин ҳолат, яке аз сабабҳои эътибори ҷиддии бисёр муҳаққиқони ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мебошад. Хусусан бештар, барои фаъолияти низоми амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷалби қувва ва воситаҳои гуногун зарур аст, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Дар бораи амният»[244] дар навбати аввал Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо, деҳот ва ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо, дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, фаҳмида мешаванд. Чунин ба назар мерасад, ки қонунгузор ҳайати таркибии субъектҳоро дар ин соҳа ба қадри кофӣ муайян кардааст. Бо вуҷуди ин, яке аз масъалаҳои мубрамтарин дар таҳқиқоти ҳуқуқшиносӣ, таъсиси типологияи (таснифӣ) институтҳои ҷамъиятӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар таъмини амнияти миллии кишвар масъуланд, боқӣ мемонад.

Дар натиҷа, равишҳои гуногун ба масъалаи таснифи субъектҳои таъминоти амнияти миллӣ дар маҷмуъ навъҳои алоҳидаи он, аз ин рӯ, ба таркиби субъектии механизми таъмини амнияти миллӣ низ, ки паҳлӯҳои муайяннашудаи норавшан боқӣ мемонад, мушоҳида карда мешаванд. Ба назари мо, ин муқаррарот аз он сабаб аст, ки дар қонунгузорӣ то ҳол рӯйхати пурраи чунин субъектҳо мавҷуд нест ва олимон дар ин масъала ба асли номгӯи ягона нарасидаанд. Дар робита ба ин, таҳлили нуктаи назари муаллифони алоҳидаи адабиёти ҳуқуқии хориҷӣ оид ба масъалаи таҳқиқшаванда мақсаднок ба назар мерасад.

Аз ҷумла, дар таснифоти субъектҳое, ки амнияти миллиро таъмин менамоянд, равишҳои гуногун ташаккул ёфтаанд.

Нуктаи назари аввал чунин менамояд:

1. Сатҳи ҳамоҳангсозӣ, яъне ваколатҳои Президент ба таъмини амнияти миллии давлат нигаронида шудаанд, ки аз ҷузъиёти зерин иборатанд: а) институтҳои таъмини амнияти кишварро идора мекунад, барои ҳифзи манфиатҳои дахлдор тадбирҳо меандешад; б) мутобиқи қонунгузории миллии кишвар воҳидҳои тобеи худро таъсис медиҳад, тағйир медиҳад ва ё барҳам медиҳад; в) ҳайати шахсиро ташкил намуда ва Шурои амниятро роҳбарӣ мекунад, ки дар навбати худ қарорҳои сарвари давлатро оид ба

[244] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2022).

масъалаҳои таъмини ҳифзи манфиатҳои муҳимтарини инсон, институтҳои ҷамъиятӣ ва давлат аз хатарҳои дохилӣ ва берунӣ, пешбурди сиёсати ягонаи давлат дар соҳаи таъмини амниятро таҳия менамояд.

2. Сатҳи фаъол аз ҷузъҳои зерин иборат аст: а) Шурои таъмини амнияти давлат; б) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ваколатҳояшон бевосита бо таъмини амнияти миллӣ (ҷузъи қувва) алоқаманд аст;

3. Сатҳи ғайрифаъол – дигар мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ. Миқёси фаъолияти онҳо барои таъмини амнияти миллӣ аз фаъолияти мақомот ва сохторҳо қудратӣ вобаста аст, ки метавонанд дар доираи ҳалли ҳама гуна вазифаҳои таъмини амният онҳоро ҷалб намоянд.

4. Сатҳи ғайридавлатӣ – шаҳрвандони давлат ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ. Саъю талошҳои дастгоҳи давлатӣ, сохторҳои ҷамъиятӣ ва шаҳрвандони масъули ташаббускор, кафолати рушди бемайлони таъмини амнияти давлат мебошад.

Нуктаи назари дуюм:

1. Дар навбати худ, муҳақиқ И.Б. Кардашова бошад, мақомоти давлатии Россияро, ки дар раванди таҳия ва татбиқи қарорҳо дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ иштирок мекунанд, ба чор гурӯҳ ҷудо менамояд[245]: а) мақомоте, ки вазифаҳои асосии онҳо бо идоракунӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ (Президенти Федератсияи Россия, Ҳукумати Федератсияи Россия) алоқаманданд; б) мақомоте, ки махсус барои таъмини амнияти миллӣ (Шурои амнияти Федератсияи Россия) таъсис дода шудааст; в) кумитаи палатаҳои Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия, ки бо масъалаҳои амният машғуланд (хадамотҳои амният дар Думаи давлатӣ, амният ва мудофиа дар Шурои Федератсия); г) мақомоте, ки вазифаашон аз муайян ва бартараф намудан таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ (мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ) мебошанд.

Иқтибосҳои муфассали муаллифони зикршуда ва таҳлили адабиётҳои

[245] Ниг.: Кардашова И.Б. Современная система обеспечения национальной безопасности Российской Федерации / И.Б. Кардашова // Административное право и процесс. – 2013. – №9. – С. 31.

илмии таҳқиқшуда (дар маҷмуъ, чунин равишро дар осори дигар олимону муҳақиқон, низ дидан мумкин аст) асос медиҳанд, ки нуқтаи назари худамонро дар бораи масъалаи баррасишаванда баён намоем.

Ҳамин тариқ, дар низоми мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо, деҳот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари Ҷумҳурии Тоҷикистон – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мақоми он ва ваколатҳои асосии он мутобиқи боби чаҳоруми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаҳои 64-72) муққарар карда шудааст, ҷойгоҳи аввалро ишғол менамояд. Мувофиқи қисми 2 моддаи 64 Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент ҳомии Конститутсия ва қонунҳо, ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, кафили истиқлолияти миллӣ, ягонагӣ ва тамомияти арзӣ, пойдориву бардавомии давлат, мураттабии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҳамкории онҳо, риояи шартномаҳои байналмилалии Тоҷикистон мебошад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ба субъектҳои амният инҳо дохил мешаванд: давлат, ки дар ин соҳа тавассути мақомоти ҳокимияти қонунгузорӣ, иҷроия ва судӣ вазифаҳоро иҷро мекунад; мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот; ташкилотҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқии онҳо; шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар асоси Қонуни мазкур сохтори минбаъдаи низоми таъмини амнияти миллӣ бо салоҳияти зайл сурат мегирад[246]: Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (боби 3, моддаи 10); Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 11); Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 12); судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 13); мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 14); мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ (моддаи 15); мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (моддаи 15); ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон (моддаи 15).

---

[246] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2022).

Илова бар ин, ба ақидаи олими ватанӣ Ф.Р. Шарифзода[247] низоми таъмини амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро «маҷмуи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, ки ба онҳо Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар сохторҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳои ҳарбӣ, кумитаи давлатии амнияти миллӣ; корҳои дохилӣ; мақомоти разведкаи ҳарбӣ; сохторҳои давлатӣ дар соҳаи мубориза бо коррупсия; мақомоти ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ; мақомоти андоз; мақомоти гумрукӣ ва дигар мақомотҳои давлатӣ, ки бо ҳамдигар ҳамкорӣ намуда ва фаъолияти худро дар доираи қонун амалӣ менамоянд», ташкил медиҳанд. Баъдан, ба ақидаи Ф.Р. Шарифзода, низоми (системаи) таъмини амнияти миллиро бояд ба се зерсистема[248] тақсим карда шавад.

Ҳамин тариқ, мутобиқи боби сеюми моддаи 10 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ваколатҳои асосии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар асоси Қонуни мазкур салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, бояд ба як қатор ваколатҳое, ки бевосита ба таъмини амнияти миллии кишвар алоқамананд, тақсим карда шаванд.

Гурӯҳи якуми ваколатҳои марбут ба роҳбарияти умумӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ: роҳбарии умумии фаъолияти мақомоти таъмини амниятро дар амал татбиқ менамояд; самтҳои асосии таъмини амнияти дохилӣ ва беруниро муайян менамояд; амалҳои мувофиқашудаи ҳамаи шохаҳои ҳокимияти давлатиро дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои кишвар таъмин менамояд; кафили таъмини амнияти инсон ва шаҳрвандон, ҷомеа ва давлат мебошад; оид ба масъалаҳои таъмини амният амру фармонҳо мебарорад; ҳангоми таҳдиди воқеӣ ба амнияти давлат вазъи ҳарбӣ эълон мекунад; дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ё дар минтақаҳои алоҳида вазъияти фавқулодда эълон менамояд; дигар ваколатҳои заруриро оид ба масъалаҳои

[247] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоритико-правовые основы органзации деятельнотси органов внутренних дел Республики Таджикитан в системе обеспечени национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2022. – С. 86.
[248] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоритико-правовые основы органзации деятельнотси органов внутренних дел Республики Таджикитан в системе обеспечени национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2022. – С. 86.

таъмини амният мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ менамояд; афзалиятҳоро дар ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми объектҳои амниятӣ муайян менамояд.

Гурӯҳи дуюми салоҳиятҳо, хусусияти ташкилӣ-ҳокимиятӣ доранд: салоҳияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар таъмини амниятро ташаккул, аз нав ташкил ва барҳам медиҳад; Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис медиҳад ва ба он роҳбарӣ менамояд; бо пешниҳоди Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсия ва стратегияи амнияти миллиро тасдиқ мекунад (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 15.03.2016 с., таҳти №1283).

Гурӯҳи сеюми салоҳиятҳое, ки дорои хусусияти назоратӣ-тафтишӣ мебошанд: тартиби ташкил ва фаъолияти мақомоти давлатии таъмини амниятро муқаррар намуда, фаъолияти онҳоро ҳамоҳанг ва назорат мекунад; назорати сиёсати кадрҳои мақомоти давлатии таъмини амниятро амалӣ менамояд; барномаҳои давлатии таъмини амниятро тасдиқ мекунад ва татбиқи онҳоро тафтиш ва назорат мекунад; таъмини иҷрои қонунҳои танзимкунандаи муносибатҳои амниятиро назорат мекунад.

Тавре ки дар боло зикр гардид, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби роҳбарияти умумӣ санадҳои меъёриро оид ба танзими ҳуқуқии амнияти миллӣ дар ҷумҳурӣ қабул менамояд. Мувофиқи моддаи 70 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президент дар доираи салоҳияти худ, чунин амру фармонҳо баровардааст, аз ҷумла: доир ба лоиҳаи Низомнома дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Созишномаи ҳифзи сулҳи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ аз 6 октябри соли 2007[249]; Дар бораи лоиҳаи Созишнома дар бораи таъминоти муштараки моддию техникӣ ва тиббии Қӯшунҳои (Қувваҳои дастаҷамъӣ) Созмони Аҳдномаи Амнияти

[249] Указ Президента Республики Таджикистан «О проекте Протокола о внесении изменений в Соглашение о миротворческой деятельности Организации Договора о коллективной безопасности от 19 декабря 2021 года, №256 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

Дастаҷамъӣ[250]; Дар бораи лоиҳаи Созишнома оид ба масъалаҳои тобеият ва расонидани ёрии ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои вобаста ба ҳузури муваққатии қувваҳо ва воситаҳои низоми амнияти дастаҷамъӣ дар қаламрави давлатҳои аъзои Созмони Амнияти Дастаҷамъӣ[251]; Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ ҳангоми татбиқи механизми ташаккули дар шакли рӯйхати ягонаи ташкилотҳои террористӣ эътирофшуда, аз ҷониби Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ[252]; Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба бехатарии фурудгоҳҳо ва ҳавопаймоҳо[253]; Дар бораи тартиби дар Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқи низоми механизми расонидани кӯмаки ҳарбию техникӣ ба давлатҳои аъзои Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар ҳолатҳои таҳдиди ғасби ҳокимият ва ё амали тасарруфи салоҳият[254]; Дар бораи таъсиси нишони ҷашнии «20-солагии Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[255]; Дар бораи тасдиқи лоиҳаи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар бораи тартиби ба Ҷумҳурии Тоҷикистон додани қитъаи сарҳади Давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, ки аз ҷониби мақомоти сарҳадӣ ва қӯшунҳои Сарҳадии хадамоти Федералии амнияти Федератсияи Россия ва молу мулке, ки аз ҷониби хадамоти Федералии амнияти

---

[250] Указ Президента Республики Таджикистан «О проекте Соглашения о совместном материально-техническом и медицинском обеспечении Войск (Коллективных сил) Организации Договора о коллективной безопасности» от 19 октября 2021 года, №257 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[251] Указ Президента Республики Таджикистан «О проекте Соглашения о совместном материально-техническом и медицинском обеспечении Войск (Коллективных сил) Организации Договора о коллективной безопасности» от 9 октября 2021 года, №254 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[252] Указ Президента Республики Таджикистан «Об определении уполномоченного государственного органа в реализации механизма формирования Единого списка организаций, признанных террористическими в формате Организации Договора о коллективной безопасности» от 28 апреля 2018 года, №1055 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[253] Указ Президента Республики Таджикистан «О дополнительных мерах по обеспечению безопасности в аэропортах и воздушных суднах» от 1 июля 2016 года, №718 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[254] Указ Президента Республики Таджикистан «О порядке реализации в Республике Таджикистан Протокола о механизме оказания военно-технической помощи государствам-членам Организации Договора о коллективной безопасности в случаях возникновения угрозы агрессии или совершения акта агрессии» от 3 июня 2016 года, №694 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[255] Указ Президента Республики Таджикистан «Об учреждении юбилейной медали «20-летие Пограничных войск Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан» от 3 мая 2014 года, №192 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

Федератсияи Россия истифода ва ҳифз карда мешуданд[256]; Дар бораи консепсияи амнияти иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон[257]; Вобаста ба тасдиқи Низомнома дар бораи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастгоҳи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон[258]; Дар бораи зиёд намудани шумораи ҳайати кормандони Дастгоҳи Шурои амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон[259]; Дар бораи ҳамроҳ шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба мубориза бар зидди кирдорҳои ғайриқонунӣ зидди бехатарии авиатсияи гражданӣ, ки 23 сентябри соли 1971 дар шаҳри Монреал қабул шудааст[260]; Дар бораи ҳамроҳшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Конвенсия оид ба бехатарии ҳастаӣ (ядроӣ)[261] ва дигар санадҳо.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар бораи татбиқи чораҳои махсуси иқтисодӣ, ҳамзамон бо мақсади таъмини амнияти иқтисодӣ қарорҳои дахлдор қабул мекунад. Ин тадбирҳои махсуси иқтисодӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дурнамоҳо, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои давлатии рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 3 августи соли 2018, таҳти №1544»[262], аз муайян намудани асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, таҳияи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, баррасӣ ва тасдиқи

---

[256] Указ Президента Республики Таджикистан «Об одобрении проекта Соглашения между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией о порядке передачи Республике Таджикистан участка Государственной границы Республики Таджикистан с Исламским Государством Афганистан, охраняемого пограничными органами и Пограничными войсками Федеральной службы безопасности Российской Федерации и имущества, используемого Федеральной службой безопасности Российской Федерации» от 14 октября 2004 года, №1401 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[257] Указ Президента Республики Таджикистан «О концепции информационной безопасности Республики Таджикистан» от 7 ноября 2003 года, №1157 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[258] Указ Президента Республики Таджикистан «Об утверждении Положений о Совете безопасноси Республики Таджикистан и об Аппарате Совета безопасности Республики Таджикистан» от 20 марта 2003 года, №1037 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[259] Указ Президента Республики Таджикистан «Об увеличении штатной численности аппарата Совета безопасности Республики Таджикистан» от 10 мая 2000 года, №292 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[260] Указ Президента Республики Таджикистан «О присоединении Республики Таджикистан к Конвенции о борьбе с незаконными актами, направленными против безопасности гражданской авиации, принятой 23 сентября 1971 года в Монреале» от 28 июля 1995 года, №281 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 17.04.2023).

[261] Указ Президента Республики Таджикистан «О присоединении Республики Таджикистан к конвенции о ядерной безопасности» от 9 января 2005 года, №149 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).

[262] Закон Републики Таджикистан «О государтвенных прогнозах, концепциях, стратегиях и программах социально-экономического развития Республики Таджикистан» от 3 августа 2018 года, №1544 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2018. – №7-8. – Ст. 527.

дурнамоиҳои давлатӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон иборатанд, андешида мешаванд. Ҳамзамон, қисми 1 моддаи 4 Қонуни мазкур пешбинӣ менамояд, ки: «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо мақсади рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар ва таъмини амнияти иқтисодӣ, пешгӯиҳои давлатӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои дурнамои кӯтоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат, бо ёрии барномаҳо ва моделҳои пешгӯии рушди иҷтимоию иқтисодӣ таҳия менамояд. Тартиби таҳияи ин дурнамоҳои мазкурро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ менамояд».

Дар навбати худ, тадбирҳои махсуси иқтисодӣ метавонанд дар шакли манъи амалҳо нисбати давлати хориҷӣ ва (ё) ташкилоту шаҳрвандони хориҷӣ, инчунин шахсони бешаҳрвандӣ, ки доимо дар қаламрави давлати хориҷӣ зиндагӣ мекунанд, вогузор намудани уҳдадории иҷрои ин амалҳо ва дигар маҳдудиятҳо муқаррар карда шаванд.

Аз ин рӯ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи қонунгузории ҷумҳурӣ масъалаҳои марбут ба таъмини ҳифзи иттилоот ва сирри давлатиро ҳал менамояд. Дар мавриди ҳифзи иттилоот тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз 10 майи соли 2002, таҳти №55[263] амалӣ карда мешавад, ки масъалаҳои марбут ба асосҳои ҳуқуқии фаъолияти иттилоотӣ, мақсад, вазифа, принсип, субъект ва объектҳои муносибатҳои иттилоотиро ба танзим дароварда, сиёсати давлатии иттилоотиро дар ҷомеъа муқаррар менамояд. Аз ҷумла дар боби 3 Қонун «Дар бораи сирри давлатӣ»[264] гуфта мешавад, маълумотҳое, ки ба сирри давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мансубанд, дар моддаи 13 Қонуни мазкур оид ба истифодаи инфрасохтори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба манфиати таъмини иқтидори мудофиавӣ ва амнияти он, мустаҳакам карда шудааст. Ҳамзамон, моддаи 37

---

[263] Закон Республики Таджикистан «О защиты информации» от 10 мая 2002 года, №55 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 17.04.2023).
[264] Закон Республики Таджикистан «О государственных секретах» от 26 июля 2014, №1095 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 17.04.2023).

(ҚҶТ аз 3.07.12 с., таҳти №848)[265] вобаста ба роҳ надодан ба сӯйистифода аз ҳуқуқ ба иттилоот, низ чунин пешбинӣ намудааст: «Истифодаи иттилоот ба муқобили асосҳои сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ба муқобили амнияти иттилоотӣ, барои барангехтани кинаю адовати нажодӣ, миллӣ, маҳалгароӣ, динӣ, забонӣ, ҷанг, зулму зӯроворӣ, фаъолияти террористӣ ва экстремистӣ, хусумати иҷтимоӣ, таҷовуз ба шахсият, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таблиғи фаҳшу фуруҷ (порнаграфия) манъ аст».

Ҳифзи сирри давлатӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сирри давлатӣ» аз 26 июли соли 2014, таҳти №1095, ки асоси заминаҳои ҳуқуқӣ ва низоми (системаи) ҳифзи сирри давлатиро ба манфиати таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба мансуб донистани маълумот ба сирри давлатӣ, махфигардонӣ, ихтиёрдорӣ, ҳифз ва ғайримахфигардонии онҳоро ба танзим даровардааст. Моддаи 6 Қонуни мазкур салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 18.03.2015 № 1185) муқаррар менамояд, ки аз инҳо иборат аст: сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи сирри давлатӣ муайян мекунад; роҳбарии умумии фаъолияти системаи ҳифзи сирри давлатиро амалӣ менамояд; номгӯйи шахсони мансабдори мақомоти давлатиро, ки ваколати ба сирри давлатӣ мансуб донистани маълумотро доранд, тасдиқ менамояд; шартномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи истифода ва ҳифзи муштараки маълумоти дорои сирри давлатӣ ба имзо мерасонад ва дигар масъалаҳои сирри давлатӣ. Дар банди 6 ҳамин моддаи Қонуни мазкур гуфта мешавад, ки «дар бораи додани рухсат ба сирри давлатӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ, шахсони бешаҳрванд, инчунин шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи шартномаҳои байналмилалӣ», танҳо Президент амр мебарорад.

Илова бар ин, Президент дигар ваколатҳоро дар соҳаи таъмини амният, ки Конститутсияи Тоҷикистон ба ӯ вогузор кардааст, мутобиқи санадҳои

---

[265] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоот» аз10 майи соли 2002 №55 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 17.04.2023).

меъёрии дахлдори давлатӣ амалӣ менамояд. Субъекти навбатии таъмини амният, Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян шудааст, пеш аз ҳама, чунин ҷузъиёти муҳимро бояд қайд кард, ки: дар сатҳи қонунгузорӣ ваколатҳои парлумон дар соҳаи таъмини амният дар ҚҶТ «Дар бораи амният» бори аввал мураттаб шудаанд.

Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳиятҳо дода шудаанд, ки мувофиқи онҳо, аввалан: дар ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷанг ва вазъияти фавқулодда тасдиқ менамоянд; истифодаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро берун аз ҳудуд, барои иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон розигӣ медиҳанд; дуюм, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои таъмини амният ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳоро ҷонибдорӣ менамояд ва сеюм Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон: оид ба масъалаҳои таъмини амният қонунҳоро қабул карда, ба онҳо тағйиру иловаҳо ворид менамояд; санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро оид ба масъалаҳои таъмини амният тасдиқ ва бекор мекунад[266]. Ҳамзамон, қабули қонунҳо аз ҷониби Маҷлиси намояндагон дар соҳаи таъмини амният ба тартиби умумии қабули қонунҳои дигари ҷумҳурӣ монанд аст.

Мутобиқи банди 2-и моддаи 55 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба салоҳияти Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҷаласаи якҷояи ҳарду палата), инчунин тасдиқи фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулода дохил мешавад. Илова бар ин, мутобиқи қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 апрели соли 2000,

[266] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2022).

тахти №1[267] ба салоҳиятҳои Маҷлиси намояндагон қабули қонунҳо ва аз ҷумла қабули Қонун «Дар бораи амният»[268] дохил мешавад. Тартиби баррасӣ ва қабули ин қонунҳо дар Низомномаи Маҷлиси[269] намояндагон муқаррар карда шудааст.

Дар таъмини амнияти миллӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ҷумҳурӣ нақши махсус мебозанд. Дар моддаи 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» омадааст, ки «субъекти асосии таъмини амният давлат мебошад, ки вазифаҳои худро дар ин соҳа ба воситаи мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ амалӣ менамояд».

Тавре ки маълум аст, унсурҳои сохтории низоми мақомоти ҳокимияти иҷроия, ин Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо ва кумитаҳои давлатӣ мебошанд[270]. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳокимияти иҷроияро амалӣ менамояд, ки ба он Сарвазир, муовини якум ва муовинони ӯ, вазирон, раисони кумитаҳои давлатӣ дохил мешаванд (м. 7 ҚК ҶТ). Дар қисми 2 моддаи 1 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» омадааст, ки «Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти худро дар асоси дастаҷамъӣ амалӣ намуда, системаи мақомоти идоракунии давлатиро роҳбарӣ, фаъолият ва мутобиқати ҳамкории онҳоро таъмин менамояд».

Ҳар як мақомоти ҳокимияти иҷроияи давлатии дар боло зикргардида тибқи Қонун «Дар бораи амният» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии он, инчунин ба масъалаҳои таъмини амният дар соҳаи фаъолияти тобеи худ дар ҷумҳурӣ машғул аст. Қонун мазкур, таркиби ҳайати мақомот ва субъектҳоро пешбинӣ менамояд, ки ба онҳо Ҳукумат, вазоратҳо, мақомоти судии Ҷумҳурии Тоҷикистон (моддаи 12-13), мақомоти давлатӣ (моддаи 14), мақомоти

---

[267] Конституционный закон Республики Таджикистан «О Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 19 апреля 2000 года, №1 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2000. – №4. – Ст. 108.
[268] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, № 721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2022).
[269] Регламент Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан, утверждённый Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 7 ноября 2001 года, №437 // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 2001. – №12. – Ст. 123.
[270] Конституционный закон Республики Таджикистан от 12 мая 2001 года, №28 «О Правительстве Республики Таджикистан» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2001. – №4. – Ст. 108.

маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин ташкилотҳо, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқиашон (моддаи 15) дохил мешаванд.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» Ҳукумат дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ салоҳиятҳои зеринро дорад, аз ҷумла: ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи қонунҳоро дар соҳаи амният пешниҳод карда, иҷрои қонунҳоро таъмин менамояд; таҳия ва татбиқи барномаҳои амнияти кишварро ташкил менамояд, иҷрои консепсия ва стратегияро дар соҳаи таъмини амният амалӣ месозад (ҚҶТ аз 15.03.2016 с., таҳти №1283); дар доираи салоҳияте, ки қонунгузорӣ муайян кардааст, ба мақомоти давлатии таъмини амният роҳбарӣ менамояд; ба таҳия ва татбиқи тадбирҳои таъмини амният аз тарафи вазорату кумитаҳои давлатӣ, дигар идораҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо роҳбарӣ ва назорат мекунад; оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатӣ тадбирҳо меандешад, бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон бо мақсади таъмини амният чораҳои маҷбуркунии давлатӣ (муҷозот) (ҚҶТ аз 15.03.2016 с., таҳти №1283) ва ғайраҳо муқаррар менамояд.

Дар бораи санадҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки барои таъмини амнияти миллӣ равона шудаанд, бояд ин далелеро қайд кард, ки онҳо азбаски мавзуи танзими ин масъала худ аз худ хеле мураккаб ва гуногун ба назар мерасад, яъне ҷанбаи васеъи фаъолияти ҳаётии ҷомеа ва давлатро фаро мегирад, аз дигар тараф дар маҷмуъ, бевосита бо масъалаҳои таъмини амнияти байналмилалӣ низ алоқамандӣ дорад.

Дар давраи соҳибистиқлолӣ, яъне дар тайи даҳ соли охир, чунин санадҳо бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон борҳо қабул гардидаанд. Мавзуи танзим, ки ҳам мушкилоти дохилидавлатӣ ва ҳам байналмилалӣ вобаста ба таъмини амнияти соҳаҳои гуногун, яъне дорои хусусиятҳо сиёсӣ, иқтисодӣ ва

дигар самтҳо мебошанд.

Масалан, дар давоми қариб даҳ сол бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри санадҳои зерин қабул гардиданд, аз ҷумла: Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон: «Дар бораи Лоиҳаи Созишнома байни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти амнияти давлатии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар мубориза бо терроризм ва маблағгузории онҳо»; «Дар бораи тасдиқи Созишномаи ҳамкорӣ дар соҳаи амният байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Туркия»; «Дар бораи лоиҳаи Меморандуми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо оид ба Дафтари барномаҳои Созмони Амният ва Ҳамкории Аврупо дар шаҳри Душанбе»; «Дар бораи Комиссияи бехатарии кимиёвии Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи тартиби танзими давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти ядрой ва радиатсионӣ»; «Низомнома дар бораи Шурои амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон»; «Дар бораи муайян намудани мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти нақлиёт»; Дар бораи Регламенти техникии «Бехатарии маснуоти мебелӣ»; Дар бораи пешниҳоди хулосаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ»; «Дар бораи муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба таъмини бехатарии экологии нақлиёти автомобилӣ»; Дар бораи Регламенти техникии «Бехатарии бозичаҳо»; Дар бораи Регламенти техникӣ «Бехатарии бастабандӣ»; «Дар бораи лоиҳаи Ёддошти тафоҳум оид ба ҳамкорӣ байни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии миллии мубориза бо терроризми Ҷумҳурии Индонезия»; «Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қувайт оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният»; «Дар бораи регламентҳои техникии бехатарии озуқаворӣ, бехатарии гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ, бехатарии шир ва маҳсулоти ширӣ»; «Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Аморoти

Муттаҳидаи Араб оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи амният ва мубориза бо терроризм»; «Дар бораи тасдиқи Нақшаи миллии амалиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба татбиқи қатъномаи 1540 Шурои амнияти Созмони Милали Муттаҳид»; «Дар бораи Регламенти техникии бехатарии маҳсулот барои кӯдакон ва наврасон»; «Дар бораи ҳуҷҷатҳо оид ба танзими масъалаҳои бехатарии иншооти гидротехникӣ»; Дар бораи таъмини бехатарии ҳаракат дар нақби «Истиқлол»; «Дар бораи лоиҳаи Ёддошти тафоҳум оид ба таҳкими ҳамкорӣ дар самти таъмини бехатарии қубурҳои нафту гази трансмиллӣ байни Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таъмини амнияти ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин»; Дар бораи лоиҳаи Созишнома байни Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти иктишофии хориҷии Ҷумҳурии Қазоқистон «Сирбар» оид ба мутақобилаи ҳамкорӣ; «Дар бораи Регламенти техникии бехатарии дастгоҳҳое, ки бо сӯзишвории газ кор мекунанд»; «Дар бораи Регламенти техникии бехатарии таҷҳизоти пастшиддат»; Дар бораи Регламенти техникии «Бехатарии карбогидридҳои моеъ» ва ғайраҳо[271].

Дар идомаи мавзуи субъектҳои механизми таъмини амнияти миллӣ қайд менамоем, ки дар моддаи 15 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» салоҳият ва вазифаҳои мақомоти худидоракунӣ дар соҳаи амният муайян ва пешбинӣ шудааст, ки мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот: дар воҳидҳои марзию маъмурӣ ва ташкилотҳои дахлдор оид ба таъмини амният чораҳо андешида, фаъолиятро дар ин самт ташкил менамоянд; маҳфуздории қувваҳо ва захираҳои сафарбарии аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраршударо таъмин менамоянд; тибқи санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дигар ваколатҳо, ҳуқуқ ва уҳдадориҳоро оид ба масъалаҳои таъмини амният (дар таҳрири ҚҶТ аз 27.11.14 с., таҳти №1137) амалӣ менамоянд. Дар банди 8 моддаи 20 Қонуни Конститутсионии

[271] Ниг.: Правовую информационную базу Адлии: http://www.adlia.tj/, и законодательную базу Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан: http://mmk.tj.

Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» аз 17 майи соли 2004, таҳти №28 омадааст, ки Раиси Вилояти мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоят, шаҳри Душанбе, шаҳру ноҳия дар қатори дигар ваколатҳои худ бояд – «дар доираи ваколатҳои худ ҷиҳати таҳкими тартиботи ҳуқуқӣ ва пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ, таъмини амнияти шаҳрвандон, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои онҳо ва ҳангоми ба миён омадани офатҳои табиӣ, эпидемия ва дигар ҳолатҳои фавқулодда»[272] чораҳо андешанд.

Илова бар ин, масъалаи таъмини амният дар фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» бевосита (мустақиман) шарҳ дода намешавад, гарчанде ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» онҳо дар ҳайат номбар шудаанд, яъне дурусттараш ба системаи субъектҳои таъмини амният тааллуқ доранд (моддаи 7).

Ҳамин тариқ, дар асоси мазмуни Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот» бояд ба як қатор муқаррароти марбут ба фаъолияти онҳо, ки ба таври ғайримустақимӣ (бавосита) таъмини амниятро дар бар мегиранд, таваҷҷуҳ бояд зоҳир намуд. Аз ҷумла, дар моддаи 12 Қонун муқаррар шудааст, ки Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқ, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа ваколатҳои зеринро дорад: ҷалби аҳолӣ ба гузаронидани чорабиниҳо оид ба мудофиаи гражданӣ ва рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ; андешидани чораҳо оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳракҳо ва деҳот ва пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар доираи ваколатҳои Ҷамоат (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 30.05.2017, таҳти №1431). Дар моддаи 5 Қонун дар бораи принсипҳои фаъолияти мақомоти зикршуда низ, сухан меравад ва дар банди дуюм гуфта мешавад, ки яке аз чунин принсипҳо ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Ҳамчунин, моддаи 13 пешбинӣ мекунад, ки Ҷамоат дар

[272] Конституционный Закон Республики Таджикистан от17 мая 2004 г., №28 «О местных органах государственной власти» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2004. – №5. – Ст. 339.

соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳифзи муҳити зист дорои салоҳиятҳои зерин мебошад: андешидани чораҳо оид ба беҳтар намудани шароити манзилӣ-маишии аҳолӣ, ҳифзи саломатӣ ва ҳифзи муҳити зист[273]. Дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа, раиси Ҷамоат салоҳият дорад, ки барои таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳракҳо ва деҳот, бақайдгирии омаду рафтани шаҳрвандон ва пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар доираи ваколатҳои Ҷамоат чораҳо андешида (банди 5 моддаи 22) қонуншиканиҳоро пешгирӣ намояд.

Дар маҷмуъ, тахмин кардан мумкин аст, ки масъалаҳои таъмини амниятӣ дар қонун инъикоси мушаххасе наёфтаанд, ки ин камбудиҳои қонунгузор аст, аммо самтҳои фаъолияти мақомоти худидоракунӣ, албатта омилҳо ва ҷанбаҳои зиёдеро дар бар мегиранд, ки бевосита ба таъмини амният дар доираи воҳиди ҳудудии маъмурӣ алоқамананданд, ки дар он ҷо фаъолиятшон татбиқ мешаванд. Мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, амволи ба онҳо тааллуқдоштаро мустақилона идора мекунанд, буҷети маҳаллиро ташкил, тасдиқ ва иҷро намуда, андозҳо ва пардохтҳои маҳаллиро муқаррар мекунанд ва инчунин дигар масъалаҳои аҳаммияти маҳаллиро, аз ҷумла дар соҳаи таъмини амниятро дар доираи салоҳияташон баррасӣ менамоянд.

Ҳамин тариқ, низоми таъмини амният дар асоси қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар доираи сиёсати ягонаи давлатӣ аз ҷониби қувваҳои мутақобилаи таъмини амният, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳракҳо ва деҳот ва дигар ташкилотҳо ташаккул меёбанд, ки дар доираи ваколатҳои худ тамоми масъулияти таъмини амнияти миллиро бар дӯш доранд (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 15.03.2016, таҳти №1283).

Расман ба ин система шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҳамчун субъектҳо дохил мешаванд. Бо вуҷуди ин, нақш ва аҳаммияти онҳо дар механизми таъмини амнияти миллӣ, гарчанде ки вуҷуд дорад, аммо он ҳоло дуюмдараҷа буда, бо ҳаҷм ва хусусиятҳои вазифавияшон камтар аст. Аз ин

[273] Закон Республики Таджикистан от 5 августа 2009 года, №549 «Об органах самоуправления посёлков и сёл» // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2017. – №7-8. – Ст. 503.

лиҳоз, мо пешниҳод менамоем, ки шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳоро на танҳо субъектҳо, балки иштирокчиёни механизми таъмини амнияти миллӣ ҳисоб карда шаванд.

Дар хотима таъкид менамоем, ки таркиби субъектии механизми таъмини амнияти миллӣ, бо хусусияти рушди давлат ва ҷомеа аз ҳар як давраи мушаххас вобаста аст, инчунин имкониятҳои ҳуқуқӣ ва моддии давлат, заминаи дурусти дахлдори қонунгузорӣ ба ташаккули давлат имкон медиҳад, ки таъмини амнияти миллии кишвар сифатан ва пурра ҳифз карда шавад.

## 2.3. Шаклҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии давлатӣ дар таъмини амнияти миллӣ

Манфиатҳои миллӣ, ба монанди ҳама гуна манфиатҳои иҷтимоӣ мебошанд[274], яъне – «сабаби воқеии амалҳои иҷтимоӣ, рӯйдодҳо, комёбиҳо, ки бевосита дар паси ангезаҳо, ақидаҳо, ғояҳо ва ғайраҳо мебошанд, ҳамзамон дар ин кирдорҳо шахсони алоҳида, гурӯҳи иҷтимоӣ, синфҳо шахсони иштироккунанда, созмонҳои иҷтимоӣ, синфҳо қарор доранд»[275].

Аз ин рӯ, дар доираи шаклҳои ҳуқуқии таъминоти давлатии амнияти миллӣ, бояд тамоми ҷузъиёти фаъолиятро, ки мазмуни механизми танзими ҳуқуқиро давлат инъикос менамояд ва ҳамзамон дар ихтиёр дорад, дарк кард. Шаклҳои ғайриҳуқуқии (ташкилии) давлат, ки амнияти миллиро таъмин мекунанд, аз фаъолияти давлат иборат буда, аз ҷиҳати хусусиятҳои берунии он якхела мебошад ва боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ намегардад. Дар байни зуҳуроти асосии татбиқи ҳуқуқии манфиатҳои давлатӣ инҳоянд: шакли қонунгузорӣ; шакли иҷроияи ҳуқуқ; шакли адолат; шакли ҳифзи ҳуқуқ.

Шакли қонунгузорӣ бо қоидаҳои умумии ҳатмии рафтори муайяни давлат тавсиф карда мешаванд, ки иҷрои онҳо шарти ҳатмии таъмини манфиатҳои давлатӣ, вобаста ба нигоҳ доштани субот ва тартиботи ҳуқуқӣ,

---

[274] Ниг.: Философский энциклопедический словарь. – М.: Советская энциклопедия, 1983. – С. 665.

[275] Спиноза Б. Богословско-политический трактат / Антология мировой политической мысли. Т. 1. – М., 1997. – С. 665; Морозова Л.А. Функции государства // Теория государства и права / Под ред. В.К. Бабаева. – М.: Юрист, 1999. – С. 85.

эътибори ҳуқуқӣ додани ин қоидаҳо ва ба маълумоти аъзоёни ҷомеа расонидан мебошад.

Бо баровардани санаду меъёрҳои ҳуқуқӣ, давлат маҳдудият ба пайдоиш ва рушди баъзе муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз байн бурдани дигар муносибатҳои ҷамъият мусоидат менамояд. Эҷоди қонун раванди зарурии ташкили идоракунӣ аз ҷониби давлат барои ҷомеа ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Ин бевосита ба соҳаи таъмини амнияти миллӣ низ дахл дорад.

Шакли ҳуқуқбунёдии давлат, ки амнияти миллиро таъмин мекунад (яъне дар асл, ҳуқуқбарорӣ) бо тамоми раванди мураккаби ташаккули низоми меъёрии ҳуқуқӣ, ки предмети он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ мебошад, маҳдуд намешаванд. Бисёре аз қоидаҳои амнияти иҷтимоӣ пеш аз он, ки дар матни санадҳои меъёрӣ ифода карда шаванд, аллакай дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз рафтори ҳуқуқӣ-воқеии субъектҳои ҳуқуқ эҷод шудаанд, ё дар шуури ҳуқуқии мардум ташаккул ёфта буданд. Онҳоро танҳо ҳуҷҷатгузорӣ намуда, ба он меъёрҳо қувваи расмӣ-юридикӣ додан лозим буду бас. Ҳамин тариқ, дар раванди ташаккули ҳуқуқшиносӣ ду марҳиларо шартан ҷудо кардан мумкин аст:

1. Пайдоиши эҳтиёҷот вобаста ба манфиатҳои миллӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва баъзан ташаккули қоидаҳои зарурии рафтор, бидуни иштироки мақомоти ҳокимияти давлатӣ (яъне раванди объективӣ).

2. Фаъолияти қонунгузории мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ки дар доираи системаи низоми таъмини амнияти миллӣ амал мекунанд (раванди бошуурона-боирода). Маҳз ҳамин фаъолияти бошуурона ва расмӣ, ҳамчун шакли қонунгузорӣ дар таъмини амнияти миллӣ маҳсуб меёбад.

Ҳамин тариқ, давлат дар шакли қонунгузорӣ амнияти миллиро таъмин намуда дар амал татбиқ намудани онҳоро бо тадбирҳои зерин дар назар гирифта мешавад:

Якум, он муносибатҳои ҷамъиятие, ки аллакай дар ҷомеа вуҷуд доштанд, гарчанде бевосита аз ҷониби давлат ба вуқуъ наомадаанд, қувваи ҳуқуқӣ-юридикӣ дода, ҳатмӣ эълон карда шаванд. Ба чунин муносибатҳо расму оинҳои танзимшавандаи иҷтимоӣ, сунатҳои мардумӣ, муносибатҳои молу мулкӣ ва ғайраҳо дохил мешаванд. Бояд қайд кард, ки на ҳама муносибатҳо бо кафолатҳои ҳуқуқӣ (таҳримҳо) таъмин карда мешаванд, балки танҳо он чизҳое, ки ба манфиатҳои давлат мухолифат намекунад.

Дуюм, давлат бевосита фаъолияти меъёрии қонунгузориро амалӣ менамояд. Фаъолияти давлати муосир дар ин самт, ки дар сатҳи мақомоти олии намояндагӣ амалӣ карда мешавад, қонунгузорӣ номида шуда ва аз нашри санадҳои қонунгузорӣ, намояндагӣ ва дигар мақомоти дорои хусусияти меъёрӣ-ҳуқуқӣ иборат аст, ки иҷрояш барои ҳамаи шохаҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдор ва шаҳрвандон, новобаста аз шакли ҳуқуқии моликияташон ҳатмӣ мебошанд.

Барои фаҳмиши амиқи ин мушкилот, бояд намудҳои фаъолияти қонунгузорӣ муайян карда шаванд. Ҳамзамон таснифи асосӣ дар байни субъектҳои ҳуқуқсозӣ гузаронида мешавад. Вобаста ба ин меъёри қонунгузорӣ, одатан бо намудҳои зерини фарқ ва ҷудо карда мешаванд:

Фаъолияти қонунгузории мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ин шакли маъмултарин, ба мақсад мувофиқтар ва пайгиронаи қонунгузорӣ мебошад. Мувофиқи таърифи қонунгузорӣ ин - таъсиси ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар доираи салоҳияти худашон қариб ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ санадҳои меъёриро содир мекунанд. Ҳамин тариқ, мутобиқи моддаи 9 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ» асос меёбад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд муқаррароти мустақимӣ ба ҷанбаҳои гуногуни амният бахшида шудаанд, аз ҷумла дар

қисми 3 моддаи 14 вобаста ба амнияти давлат; банди 11 моддаи 69 салоҳиятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи он, ки Шурои амниятро таъсис ва роҳбарӣ мекунад, устувор намудааст; банди 21 моддаи 69 пешбинӣ мекунад, ки «ҳангоми таҳдиди хатари воқеӣ ба амнияти давлат ҳолати ҷангро эълон менамояд ва фармонро ба тасдиқи ҷаласаи якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунад»; (дар таҳрири раъйпурсӣ аз 22.06.2003); дар қисми 2 моддаи 51 «...узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳамчунон мавриди кофтукови шахсӣ қарор дода намешавад, ба истиснои ҳолатҳое, ки қонун барои таъмини амнияти дигарон муқаррар намудааст»; дар қисми 1 моддаи 43 ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст; дар қисми 1 моддаи 46 гуфта мешавад, ки «ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври муътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулода эълон мегардад».

Ҷанбаи муҳимми раванди қонунгузорӣ фаъолияти қонунбарории Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дар моддаи 60 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст, ки қонунҳоро Маҷлиси намояндагон қабул менамояд. Аз ҷумла, дар заминаи таҳқиқоти мо, яке аз ҷанбаҳои муҳимми раванди муқаррароти қонунгузорӣ, қабули як қатор заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ мебошад, ки масъалаҳои таъмини амнияти миллиро дар маҷмуъ танзим мекунанд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии радиатсионӣ» аз 1 августи соли 2003, таҳти №42; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии саноатии иншооти истеҳсолии хатарнок» аз 28 феврали соли 2004, таҳти № 14; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии биологӣ» аз 1 марти соли 2005, таҳти №88; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии иншоотҳои

гидротехникӣ» аз 29 декабри соли 2010, таҳти №666; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амнияти нақлиётӣ» аз 3 июли соли 2012, таҳти №847; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии маҳсулоти хӯрокворӣ» аз 1 августи соли 2012, таҳти №890; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи бехатарии сейсмикӣ» аз 18 майи соли 2017, таҳти №385; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи арзёбии таъсиррасонӣ ба муҳити зист» аз 18 июли соли 2017, таҳти №1448; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини амнияти биологӣ ва муҳофизати биологӣ» аз 29 январи соли 2021, таҳти №1759 ва ғайраҳо[276].

Қонунгузории бевоситаи халқ (эҷоди ҳуқуқ) дар рафти раъйпурсӣ, яъне мутобиқи қисми 2 моддаи 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ раъйпурсии умумихалқӣ ва интихоботи озод мебошад (ҳамзамон, қисми 3 моддаи 27, банди 13 моддаи 69 Конститутсияи ҶТ). Қабули қарорҳо дар раъйпурсӣ як намуди нисбатан мушаххаси фаъолияти қонунгузорӣ (лоиҳаи қонун) мебошад, ки вобаста ба он мушкилоти зиёде ба миён меоянд, аз ҷумла: муайян кардани доираи масъалаҳое, ки ба овоздиҳии мардумӣ пешниҳод кардан мувофиқи мақсад аст, хусусиятҳои ташаккули онҳо, зарурати ба назар гирифтани андешаҳои ақаллият ва ғайраҳо. Албатта, бо дарназардошти аҳаммияти ин шакли фаъолияти қонунгузорӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодаи институти раъйпурсиро дар раванди ҳалли вазифаҳои муҳимми давлатӣ пешбинӣ менамояд. Қарорҳое, ки аз ҷониби раъйпурсии умумихалқӣ қабул шудаанд, эътибори олии ҳуқуқӣ доранд, ба ягон тасдиқ ниёз надоранд ва барои татбиқи онҳо дар тамоми қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатмӣ мебошанд (дар таҳрири Қонуни ҶТ аз 12.05.2001, таҳти №27) қисми моддаи 1

[276] [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/, http://mmk.tj. (санаи муроҷиат: 20.09.2021).

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон»[277].

Вобаста ба фаъолияти ҳуқуқии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, дар ин ҷо одатан дар бораи қонунгузории иҷозатдиҳӣ ва ваколатдорӣ сухан меравад. Қонунгузорӣ оид ба иҷозатдиҳӣ – ин тасдиқи меъёрҳои аз ҷониби мақомоти давлатӣ қабулшудаи ташкилотҳои ғайридавлатӣ мебошад; дар баъзе ҳолатҳо қонун чунин тасдиқ ё бақайдгирии оинномаҳо ва дигар санадҳои ташкилотҳои ҷамъиятиро пешбинӣ мекард, аммо, на ҳама муаллифон аҳаммияти қабули қонунро барои чунин тартибҳо эътироф мекарданд. Қонунгузорӣ оид ба ваколатдорӣ – ин амалӣ намудани фаъолияти қонунгузорӣ аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ бо супориши мақомоти салоҳиятдори давлатӣ мебошад.

Чунин ба назар мерасад, ки солҳои охир ба қабули қонунҳо ва хусусан ба фаъолияти қонунбарорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон доктринаи либералӣ таъсири назаррас мерасонад, ки на ба манфиатҳои давлат, балки ба манфиатҳои хусусӣ афзалият медиҳад. Афзалияти ниёзҳои ҳуқуқи инсон, нисбат ба эҳтиёҷоту талаботи давлат қариб дар ҳамаи қонунҳои миллӣ муқаррар шудааст. Илова бар ин, дар заминаи таҳқиқи шакли муқаррароти ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ, бояд як паҳлӯи заифро низ зикр кардан лозим аст, яъне аз қабили набудани консепсияи мукаммали ҳуқуқии манфиатҳо ва афзалиятҳои давлатӣ Тоҷикистон дар бисёр кишварҳои дигари ИДМ албатта нишон дода шавад.

Набудани чунин консепсия ба тамоми соҳаҳои фаъолияти давлатӣ таъсири манфӣ мерасонад, ҳамзамон боиси ҷудошавӣ бо шарикон ва иттифоқчиён дар арсаи байналмилалӣ мегардад, ки ин ба манфиатҳои амнияти давлатӣ дар ҳама соҳаҳо ҳеҷ иртиботе надорад.

Масалан, дар ин робита изҳороти муҳақиқ С.Н. Бабурин дар бораи соҳаи иқтисодии хориҷии манфиатҳои давлатӣ ва мудофиа, ки дар солҳои 90-

---

[277] Конституционный закон Республики Таджикистан «О референдуме Республики Таджикистан» от 4 ноября 1995 года, №106 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1995. – №21. – Ст. 245.

уми асри гузашта, яъне дар замоне, ки вазъият амалан аз ҷониби давлат назорат карда намешуд, хеле нишондиҳандаи назаррас аст[278]: «Набудани консепсияи иқтисодии хориҷӣ ва доктринаи мудофиавӣ моро дар назди он гузошт, ки на танҳо Россияро аз сафи қудратҳои бузург хориҷ кардааст, на танҳо дар назди воқеияти он, ки бо Россия ҳисоб карда намешавад ва ҳангоми аз байн рафтани силоҳи ҳастаӣ (ядроӣ), он ба як мустамликаи сеюм, яъне замимаи ашёи хоми давлатҳои пешрафтаи саноатӣ табдил меёбад. Бадтар аз ҳама, афсӯс, ки мо дар байни дурӯғгӯёни оддӣ ва давлатҳои бешараф қарор гирифтем. Мо аз ҳамаи иттифоқчиёни худ, дар доираи шартномаи Варшава ва ҳам дар муносибатҳои бисёрсолае, ки бо кишварҳои ҷаҳони сеюм доштем, даст кашидем».

Шакли иҷрокунандаи қонунгузорӣ дар таъмини давлатии амнияти миллӣ, татбиқи фаврӣ, фаъолияти ҳаррӯзаи мақомоти ҳокимияти иҷроия (идоракунии давлатӣ) - и манфиатҳои давлатӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ мебошад, ки аз қонунҳо асос ёфтааст.

Дар раванди татбиқи манфиатҳои дахлдори миллӣ, давлат метавонад воситаҳо ва усулҳои гуногунро истифода барад. Ин аз манфиатҳои ҳифзшудаи давлат вобаста аст. Масалан, манфиатҳои иқтисодӣ метавонанд, ҳам бо роҳи таъсиси шартномаҳои нобаробари қатъӣ, ки дар соҳаи иқтисодӣ рушди онро мувофиқи нақшаи давлатии рушд, ки хусусияти директивӣ дорад ва ҳам бо истифода аз воситаҳои гуногун, ки дар асоси онҳо назорати мутавозин, рақобат, ҳавасмандгардонӣ, ки имконияти назорат кардани рушди иқтисодиётро фароҳам меоранд ва имкон медиҳанд, ки ба таври муайян ба рушди он таъсир расонанд, амалӣ карда шаванд.

Бояд қайд кард, ки шакли баррасишавандаи таъмини амнияти миллӣ дар илми ҳуқуқшиносӣ бештар, ҳамчун идоракунии давлатӣ, яъне «таъсири мақсаднок ба ҳолати табиии ҷомеа ба манфиати синфҳо ва дигар гурӯҳи калони иҷтимоӣ, хоҳиши ба он додани мувофиқи меъёрҳои муқарраршуда

---

[278] Ниг.: Бабурин С.Н. Российское право и геополитика: формально и по существу / С.Н. Бабурин // Советская Россия. – 25 апреля 1992. – С. 3.

фаъолияти муташаккилона, мутобиқ кардани он ба шароити тағйирёбандаи муҳити зист, инчунин такмил ва рушди имконпазири он»[279] баррасӣ карда мешаванд.

Мафҳуми шакли иҷрои ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ аз ҷиҳати маъно ба фаъолияти иҷроияи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, яъне фаъолияти иҷроия-идоракунӣ, ки дар асос ва иҷрои қонунҳо амалӣ карда мешавад ва фаъолияти ҳаррӯзаи (ҷорӣ) давлат ва дастгоҳи онро таъмин менамояд, наздиктар аст[280]. Ҳамин тариқ, дар заминаи масъалаҳои таҳқиқшаванда фаъолияти иҷрои ҳуқуқ метавонад, ҳамчун фаъолияти давлатӣ дар асос ва иҷрои қонунҳо амалӣ карда шуда, таъмини татбиқи кунунии манфиатҳои миллӣ, баррасӣ карда шаванд.

Низоми махсуси ҳуқуқӣ, ҳамчун асоси ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ ба шумор меравад. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми самараноки ҳокимияти иҷроия, ин мушкилоти шароити беруна ва дохилии он мебошад, ки дар он давлат фаъолият мекунад. Дар айни замон, шароити муқаррарии фаъолияти ҳокимияти иҷроия, ҳатто агар онҳо бо дигаргуниҳои ҳуқуқии бегона ба ҷомеаи ватанӣ, давраи гузариш ва ғайра хос бошанд, аз ҳолатҳои буҳронӣ (мухолифатҳои шадиди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ё сиёсӣ) куллан фарқ мекунанд.

Дар ин замина, ниҳодҳои ҳуқуқии стандартӣ, ки аз ҷониби ҳокимияти иҷроия истифода мешаванд, натиҷагирии худро аз даст медиҳанд ва ба рушди як қатор таҳдидҳо ба амнияти миллии давлат роҳ медиҳанд. Чунон ки муҳақиқ Ф.Р. Шарифзода қайд менамояд, «таҳдид ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон[281] «дар моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721, муқаррар шудааст. Таҳлили ин модда ба хулосае меорад, ки рӯйхати онҳо ҳам ҷанбаҳои дохилӣ ва берунии шароит, равандҳо ва омилҳоеро дар бар мегирад, ки ба татбиқи

---

[279] Зеркин Д.П., Игнатов В.Г. Основы теории государственного управления. Курс лекций. – Ростов н/Д: Март, 2000. – С. 49.

[280] Ниг.: Овсянко Д.М. Административное право. – М.: Юрист, 2003. – С. 15.

[281] Ниг.: Шарифзода Ф.Р. Теоретико-правовые основы организации деятельности органов внутренних дел Республики Таджикистан в системе обеспечении национальной безопасности государства: дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2022. – С. 77.

манфиатҳои миллӣ монеъ мешаванд ё вазъияти хатарнокро дар назар доранд. Омезиши таҳдидҳои дохилӣ ва беруна ва омилҳое, ки онҳоро ба вуҷуд меоранд, дар як моддаи қонун ба дарки мувофиқ мусоидат карда наметавонад, аз ин лиҳоз, дар тафсири онҳо мушкилот эҷод намуда, дар татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ вобаста ба муносибатҳои мушаххас монеъа эҷод намуда, номуайянии аз ҳад зиёдеро ба вуҷуд меорад.

Ҳамчунин П.А. Маҳмадов қайд мекунад, ки[282] «ҳар як намуди ин таҳдидҳо аз мақомоти салоҳиятдори ҳифзи тартиботи ҳуқуқ, вокуниши мувофиқ ва фарққунандаро талаб мекунад, ки зарурати таҳлили амиқ ва арзёбии рӯйдодҳо ва банақшагирии тадбирҳои ояндаро пешакӣ муайян карда тавонад. Дар навбати аввал, бояд ба таъмини омодагии фаврии воситаҳо, қувваҳо ба амалҳои воқеӣ, ҳангоми шиддат гирифтани вазъи криминогенӣ, хусусиятҳои вазифаҳо ва татбиқи иҷрои вазифаҳо диққати махсус дода шавад. Пайдоиши муқарраротри нави мақсаднок, бешубҳа, такмил ва тасҳеҳи танзими ҳуқуқии фаъолияти мақомоти давлатӣ, андешидани чораҳои саривақтӣ ва самарабахши муқовимат ба таҳдидҳои амнияти миллиро бартараф менамояд».

Албатта, олимони рус низ аз мувофиқати татбиқи чораҳои фавқулодда, ки бо низомҳои махсуси ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд, изҳори нигаронӣ мекунанд[283]. Бо вуҷуди ин, дар назардошти ихтилофоте, ки байни зарурати объективии фаъолияти самараноки ҳокимияти иҷроия дар шароити фавқулодда ва манфии эҳтимолӣ истифодаи чораҳои зиддибуҳронӣ ба вуҷуд омадаанд, мо кӯшиш мекунем, ки моҳияти низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, методологияи танзими ҳуқуқии ҳолатҳои ғайримуқаррариро фаҳмида, дуруст дарк намоем; хусусияти механизми танзими ҳуқуқии чораҳои вокуниши

---

[282] Ниг.: Махмадов П.А. Информационная безопасность в системе национальной безопасности государств Центральной Азии: учеб. пособие для студентов вузов – Таджикский национальный университет: Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова АН РТ. – Душанбе, 2018. – С. 3.

[283] Ниг.: Пчелинцев С.В. Проблемы ограничения прав и свобод граждан в условиях особых правовых режимов / С. В. Пчелинцев// - Москва : Изд-во Норма, 2006 (М. : Тип. «Полимаг»). - 479 с.; Медушевский А. Конституционный переворот или конституционная реформа: поправки к Конституции 1993 года как инструмент борьбы за власть / А. Медушевский // Конституционное право: Восточноевропейское обозрение. – 1999. – №3 (28). – С. 165.

ҳокимияти иҷроия (яъне қабули низомҳои махсуси ҳуқуқӣ) ба баъзе намудҳои алоҳидаи ҳолатҳои ғайристандартӣ.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ва давлатҳои мутараққӣ, чунин институт номи «идоракунии ҳолатҳои буҳронӣ»-ро гирифт ва дар ИМА (давраи «Рӯҳафтодагии бузург» дар солҳои 30-уми асри XX)[284] озмоиш карда шуда буд. Нуқтаи асосии ислоҳоти идоракунӣ, ки дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико гузаронида шуд, ин татбиқ намудани идоракунии консептуалӣ-стратегӣ буд. Дар даврони мо, инчунин фикри гирифтани таҷрибаи Иёлотҳо[285] ва гузаронидани ислоҳоти дахлдор низ ифода ёфтааст.

Дар доираи қонунгузориҳои амалкунанда меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар танзими қонунгузорӣ оид ба «ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ» (моддаҳои 46, 47, банди 23 моддаи 69, банди 5 моддаи 84 Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон) мавқеи асосиро ишғол менамоянд.

Танзими муфассалро, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда»[286], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳолати ҳарбӣ» аз 20 майи соли 2019, таҳти №1608[287], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15 июли соли 2004, таҳти №53[288], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, маблағгузории терроризм ва маблағгузории паҳнкунии силоҳи қатли ом» аз

---

[284] Ниг.:Коноплич Т.К. Роль «мозгового треста» Ф.Д. Рузвельта в становлении административно-политического консалтинга в США: автореф. дис. ... канд. истор. наук. – Волгоград, 2000. – 25 с.

[285] Ниг.: Социальное управление: теория и методология / Под ред. В.Н. Иванова. – М.: Муниципальный мир, 2004. – С. 145.

[286] Конституционный закон Республики Таджикистван «О правовом режиме чрезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1995. – №21. – Ст. 233.

[287] Закон Республики Таджикистан «О военном положении» от 20 мая 2019 года, №1608 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2019. – №6. – Ст. 310.

[288] Закон Республики Таджикистан «О защите население на территорий от чрезвычайных ситуаций от пиродного и техногенного характера» от 15 июля 2004 года, №53 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2004. – №7. – Ст. 460.

25 марти соли 2011, тахти №684[289], Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба экстремизм» аз 2 январи соли 2020, тахти №1655[290] ва ғайраҳо муқаррар намудааст, амалӣ карда мешаванд.

Дар қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» пешбинӣ шудааст, ки вазъияти фавқулодда тадбири муваққатиест, ки мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон гардида, **низоми махсуси ҳуқуқии** фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, корхонаҳо, муассисаҳо ва ташкилотҳоро пешбинӣ менамояд, ки муваққатан маҳдудиятҳои муқаррарнамудаи Қонуни конститутсионии мазкурро дар татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон роҳ медиҳад, инчунин ҳуқуқҳои шахсони ҳуқуқӣ ва ба зиммаи онҳо уҳдадориҳои иловагӣ (дар таҳрири иловаҳо Қонуни ҶТ аз 28.12.2005, тахти №134) вогузор карда мешаванд.

Аввалин нуктаи асосӣ дар масъалаи баррасишаванда, дастгоҳи консептуалии системаи идоракунии зиддибуҳронист. Дар ин ҷо мафҳуми ҳуқуқии вазъияти ғайримуқаррарӣ мавқеъи марказӣ дошта, шароитеро фароҳам меорад, ки ҳокимияти иҷроияи давлатӣ барои бартараф кардани онҳо ба воситаи меъёрҳои фавқулодда идора мекунад.

Қобили зикр аст, ки қонунгузор дар ҳеҷ яке аз қонунҳои зикршуда ибораи «ҳолати ғайримуқаррарӣ»-ро истифода намебарад. Аз ҷумла, агар ба қисми 2 моддаи 1-и Қонуни мазкур[291] таваҷҷуҳ намоем, баррасӣ шудааст, ки вазъияти фавқулодда метавонад дар мавридҳои зерин ҷорӣ карда шаванд, аз ҷумла: 1) ҳангоми рӯй додани офатҳои табиӣ, садамаю фалокатҳо, паҳншавии касалиҳои сирояткунанда, эпизоотияҳо, ки ба ҳаёту саломатии аҳолӣ хатарноканд; 2) дар мавриде, ки тартиботи ҳуқуқӣ ба таври оммавӣ

---

[289] Закон Республики Таджикистан «О противодействии легализации (отмыванию) доходов, полученных преступным путем, финансированию терроризма, финансированию распространения оружия массового поражения» от 25 марта 2011 года, №684 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2011. – №3. – Ст. 152.

[290] Закон Республики Таджикистан «О противодействии экстремизму» от 2 января 2020 года, №1655 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2020. – №1. – Ст. 2.

[291] Конституционный закон Республики Таджикиствan «О правовом режиме чрезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 1995. – №21. – Ст. 233.

вайрон карда шуда, воқеан ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон таҳдид мекунад; 3) ҳангоми кӯшиши ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯрӣ тағйир додани сохти конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 4) ҳангоми сӯиқасд ба тамомияти арзии давлат, ки ба тағйири сарҳади он таҳдид мекунад; 5) дар мавриди зарурати барқарор кардани тартиботи ҳуқуқии конститутсионӣ ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ.

Аз нуқтаи назари мо, ин шартҳо бояд ба ду гурӯҳ тақсим шаванд: якум, ҳолатҳое мебошанд, ки бевосита ба ҳаёт ва амнияти шаҳрвандон, сохти конститутсионӣ, таҳдиди фаврӣ доранд; ҳолатҳои дуюм, ин ки ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ ва техногенӣ (офатҳои табиӣ, садамаю фалокатҳо, паҳншавии касалиҳои сирояткунанда, эпизоотияҳо, ки ба ҳаёту саломатии аҳолӣ хатарноканд) алоқамандӣ доранд.

Аз ин рӯ, ошкор кардани мундариҷаи таъмини ҳуқуқии амнияти инсонро метавон бо асосҳои гуногун гузаронид. Бо назардошти сатҳи танзими меъёрӣ, яъне ба воситаи таъмини ҳуқуқӣ-байналмилалӣ, конститутсионӣ ва соҳавӣ низ сухан рондан мумкин аст. Ҳамзамон, дар қисми 3 моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[292] пешбинӣ шудааст, ки «ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Ин чунин маъно дорад, ки давлат бо тамоми тадбирҳои ҳуқуқӣ-меъёрии пешбинишуда ва аз ҳама муҳимтараш, тавассути муқаррароти конститутсионӣ, таъмини амнияти инсонро кафолат медиҳад.

Аз нуктаи назар, механизми таъсири ҳуқуқӣ дар таъмини амнияти инсон, доираи васеи меъёрҳои муқаррароти ҳуқуқиро фаро мегиранд, ки аз чор гурӯҳ иборатанд: 1) меъёрҳои ҳуқуқие, ки низоми шароити дохилӣ ва беруниро муайян намуда ва таъмини амнияти инсонро аз таҳдидҳои мухталиф пешгирӣ ва ҳифз мекунанд. Пеш аз ҳама ба онҳо муқаррароти Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, ки мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ, шахсони

[292] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳоро вазифадор мекунанд, ки қоидаҳои рафтори муқарраркардаи давлатро риоя кунанд, инчунин доираи шахсони мансабдор ва мақомоти ҳокимиятро, ки барои таъмини амнияти инсон равона шудааст[293]; 2) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ, шахсони мансабдорро вобаста ба таъмини амнияти инсон муайян мекунанд. Онҳо ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ, марзҳо ва тартиби татбиқи онҳоро муқаррар намуда, ба зиммаашон уҳдадории таъмини татбиқи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳаёт ва дахлнопазирии шахсро вогузор менамоянд; 3) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ваколатҳои мақомоти худидоракунии маҳаллиро оид ба таъмини бевоситаи фаъолияти ҳаётии аҳолӣ муайян мекунанд; 4) меъёрҳои ҳуқуқие, ки ҳуқуқ ва уҳдадориҳои шаҳрвандонеро муайян мекунанд, ки татбиқи онҳо ҳуқуқ ва озодиҳои дигаронро вайрон намекунад, инчунин меъёрҳое, ки барои вайрон кардани онҳо ҷавобгариро пешбинӣ менамоянд.

Сохтори конститутсионӣ, яке аз муҳимтарин объектҳои амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Аҳаммияти он дар низоми умумии амнияти миллӣ бо нақши калидии он дар сохти ҷамъиятӣ ва давлатии кишвар муайян карда мешавад. Таҳдидҳои асосӣ ба сохтори конститутсионӣ ба маҷмуи васеъи манфиатҳои ҳаётан муҳимми инсон, ҷомеа, давлат ва як қатор намудҳои амнияти кишвар, пеш аз ҳама ба амнияти давлат ва ҷомеа халал мерасонад.

Таҳлили мазмуни меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро ва пеш аз ҳама боби 1 «Асосҳои сохтори конститутсионӣ» имкон медиҳад, ки сохтори конститутсионӣ, ҳамчун низоми мукаммали муносибатҳои бунёдии иҷтимоӣ ва ниҳодҳои дахлдори ҷамъият ва давлат, ки бо меъёрҳои қонунгузории конститутсионӣ мустаҳкам карда шудаанд, тафсир карда шавад. Бояд қайд кард, ки асоси сохти конститутсиониро рукнҳои он ташкил медиҳанд, ки принсипҳои асосии сохтори ҷамъиятиро дар соҳаҳои иқтисодӣ,

293 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011, таҳти №721 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 02.08.2022).

иҷтимоӣ, сиёсӣ, аз ҷумла дар соҳаи ташкили ҳокимияти давлатӣ, муносибатҳои инсон бо давлат, ки дар меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар шудаанд, ифода мекунанд. Сарфи назар аз он, ки дар таълимоти ҳуқуқшиносӣ оид ба тафсири мафҳуми сохти конститутсионӣ равишҳои гуногун мавҷуданд, мо чунин мешуморем, ки асосҳои сохтори конститутсионӣ тавассути эътирофи нақши онҳо, ҳамчун танзимгари асосии муносибатҳои ҷамъиятӣ на танҳо дар муносибатҳои давлатӣ-ҳуқуқӣ, балки дар дигар соҳаҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ васеътар фаҳмида шаванд.

Қисмҳои асосӣ ва маъмултарини сохтори конститутсионӣ, ки ба принсипҳои он мувофиқанд, асосҳои зерини ташкили иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеа, яъне маҷмуи дахлдори бунёдии муносибатҳо ва ниҳодҳои иҷтимоӣ мебошанд: иқтисодӣ (моддаи 12), иҷтимоӣ – ин гурӯҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳкими муқаррароти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд асос ёфта, аз ҷониби давлат эътироф, риоя ва ҳимоя карда мешаванд (қисми 3 моддаи 5), сиёсӣ, ки бо меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ танзим карда мешаванд, зеро онҳо муносибатҳои ҷамъиятии марбут ба ташкил ва амалӣ намудани ҳокимияти давлатиро дар бар мегиранд. Мавқеи асосӣ дар танзими асосҳои ташкили сиёсии ҷомеа ба меъёрҳои конститутсионӣ дар бораи нақши мустақили мардум дар ҷомеа тааллуқ дорад. Дар Тоҷикистон халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, онро бевосита ва ё ба воситаи вакилони худ амалӣ мегардонад (қисми 1 моддаи 6).

Аз методологияи истифодакардаи қонунгузор ва тамоми доираи ҳолатҳои ғайриоддиро барои низомсозии шароити ғайримуқаррарӣ, ки дар он ҳокимияти иҷроия метавонад амал кунад, таҳлил намуда, мо ба чунин хулосае меоем, ки ҷорӣ кардани мафҳуми муттаҳидкунанда, яъне – «ҳолати ғайримуқаррарӣ» ба мақсад мувофиқ аст. Хусусияти асосии ҳолатҳои ғайриоддӣ, ин як мафҳуми ғайримуқаррарӣ будани онҳо мебошад. Ҳолатҳои

ғайримуқаррариро аз нигоҳи назари имконияти таъсиррасонӣ метавон, ба ҷараёни равандҳои идоранашаванда ва нисбатан идорашаванда ҷудо кард. Сарчашмаи пайдоиши вазъияти ғайримуқаррарӣ метавонанд инҳо бошанд: яъне омилҳои иҷтимоӣ, техногенӣ ё ин ки табиӣ. Аз ин рӯ, ин истилоҳ на танҳо мафҳумҳои офатҳои табиӣ ё оқибатҳои нохуши техногенӣ (ҳолатҳои фавқулодда) - ро дар назар доранд, балки бухронҳои иҷтимоиро низ дар бар мегирад. Аз ин рӯ, ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ, ки дар онҳо ҳокимиятҳои иҷроия бояд амал кунад, метавонанд ҳамчун маҷмуи шароити номусоид, ки аз натиҷаи падидаҳои иҷтимоӣ, офатҳои табиӣ ё садамаҳои техногенӣ ба вуҷуд меоянд, муайян карда шаванд, ки дар доираи онҳо ҳокимияти иҷроия қодир аст, вазифаҳои ба он вогузоршударо пурра иҷро кунад, ба истисноии истифодаи ҳолатҳои фавқулодда.

Мундариҷаи муайяншудаи намудҳои мушаххаси ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ мавҷудияти ду гурӯҳи калони – ҳолатҳои бухронӣ ва ҳолатҳои фавқулоддаро ошкор мекунад. Ҳолати бухронӣ – ин вазъияти зидди ҷамъиятӣ мебошад, ки ба фаъолияти муқаррарии ташкилотҳои ҷамъиятӣ, фаъолияти корпоративӣ, таҳдид ба ҳаёт, некӯаҳволии иқтисодӣ, маънавӣ ва ҷисмонии аҳолӣ хатар эҷод мекунад. Бухрон – ин вазъияти шиддат гирифтани низоъҳои байни миллатҳо, синфҳо, этникӣ ва ғайра мебошанд. Ва гарчанде ки сабабҳои аслии бухронҳои иҷтимоӣ гуногунанд, омилҳои иҷтимоӣ ҳамеша манбаъ ва қувваи пешбарандаи онҳо мебошанд, ки имкон медиҳанд бухронҳоро ба гурӯҳи алоҳидаи ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ҷудо кунанд.

Дар навбати худ, моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» аз 15 июли 2004 сол, мафҳуми «ҳолатҳои фавқулодда» – вазъиятест, ки дар ҳудуди муайян, дар натиҷаи садамаҳо, зуҳуроти табиии хатарнок, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва дигар офатҳо ба вуқуъ омада ба талафоти ҷонӣ, зарар ба сиҳатии одамон ё муҳити табиии атроф, хисороти

назарраси моддӣ ва халалдор намудани шароити зиндагию кории одамон оварда расонидааст ё оварда мерасонад[294], муқаррар ва пешбинӣ намудааст.

Хусусияти хоси ин навъи фаръӣ, офатҳои табиӣ буда, қобилияти идора кардани равандҳои харобиовари онҳо имконнопазиранд. Сарчашмаи асосӣ ва қувваи пешбаранда дар ин ҷо қонунҳои табиӣ мебошанд, ки ба онҳо таъсир расонидан ғайриимкон аст. Дар навбати худ бошад, ҳолатҳои фавқулоддаро ба офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ ҷудо кардан мумкин аст.

Хусусияти садамавии (фалокати) техногенӣ дар он аст, ки аз натиҷаи амалҳои барқасдона (содир намудани амалҳои террористӣ, харобиҳои дигар, ҳар гуна ниятҳои ғаразнок, манбаи афзоиши хатар ё харобшавии шадиди низоми ҳаёти рӯзмарра), амали нохоста (аз рӯйи беэҳтиётӣ – хатои муҳандисӣ ё беэҳтиётии мутахасисон, ки манбаи хатар барои ҳайати кормандон таҳдид менамояд), ё ҳолатҳои ғайричашмдошт (масалан, аз фалокатҳо, офатҳои табиӣ) ба вуҷуд меоянд.

Аз мундариҷаи намудҳои муайяншудаи ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ бармеояд, ки меъёри таснифи онҳо бо нишонаи пайдоиши қонунҳои табиӣ ё падидаҳои иҷтимоӣ алоқаманд буда, афзоиш меёбанд ва ё қатъ мешаванд. Агар бухрон танҳо дар муносибатҳои ҷамъиятӣ (ҳолати бухронӣ) ба амал ояд, пас садамаи техногенӣ ё офати табиӣ тибқи қонунҳои табиат рафтор мекунад. Албатта, ин маънои онро надорад, ки эҳтимолияти ду ҳолати ғайримуқаррарӣ дар як вақт ва дар як қаламрав вуҷуд надорад. Гузашта аз ин, таърих нишон медиҳад, ки на танҳо офатҳои табиӣ (техногенӣ) ба бухронҳои иҷтимоӣ оварда мерасонанд. Аксар вақт, бухрони иҷтимоӣ (аллакай падидаҳои номутлуби муосир собит намуда истодаанд) сабабҳои фалокатбори техногенӣ низ мегарданд.

Бозгашт ба таҳқиқи мазмуни қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» намуда, мо

---

[294] Закон Республики Таджикистан «О защите население на территорий от чрезвычайных ситуаций от природного и техногенного характера» от 15 июля 2004 года, №53 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – Душанбе, 2004. – №7. – Ст. 460.

ба танзими ҳадди ақалли қонунгузорӣ ва камтар намудани миқдори ҳолатҳои буҳронҳои иҷтимоӣ боварӣ дорем.

Дар ҳақиқат, агар масъалаи садамаҳои техногенӣ ва фалокатҳои табиӣ каму беш бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ» ва дигар санадҳои қонунӣ танзим карда шуда бошанд, пас масъалаҳои буҳронҳои сиёсӣ, ҳокимиятӣ ва иқтисодӣ бо қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда» пурра ҳал карда нашудааст.

Асосан, дар сатҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ танҳо меъёрҳои ҷудогонаи зиддибуҳронӣ мавҷуданд, ки ба механизми ягонаи мутобиқшудаи идоракунии зиддибуҳронӣ дохил карда нашудаанд. Тавре ки Е.М. Бабосов қайд мекунад[295], «падидаи ҳолатҳои буҳронӣ, ки аз ҷониби муҳақиқони низоъшинос (конфликтология) тадқиқ карда мешаванд, ба қоидаҳои муайяни пайдоиш, инкишоф, тезу тундшави ва ҳалли он тобеъ аст. Аз як тараф, мунокишаҳои иҷтимоӣ на танҳо хусусияти возеҳи харобиовар доранд, балки ҳамчун роҳи муайян кардани самтҳои сарбастаи рушди иҷтимоӣ хизмат мекунанд, системаҳоро аз нобудшавии куллӣ ва ғайричашмдошт муҳофизат намуда, рафтори иштирокчиёни худро ислоҳ мекунанд, ки ҳамчун аъзои дастаҷамъӣ (ретранслятор)-и иттилоотӣ дар системаи мураккаби муносибатҳои ҷамъиятӣ хизмат менамояд. Хулоса, аз дигар ҷиҳат, мунокишаҳо ба эътидол овардани мувозинати динамикӣ дар ҷомеа мусоидат намуда, барои таъмини рушди устувори он имкон медиҳанд».

Аз тарафи дигар, самаранок бартараф кардани мунокишаҳои ҷамъиятӣ – яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи субъектҳои он мебошад. Бартараф нагардидани низоъ маънои гузаштан ба буҳрон (як шакли шадиди низоъ) ва харобшавии минбаъдаи низоми дахлдорро эҷод менамояд. Саркӯб кардани низоъ, сабабҳои аслиро бартараф намекунад, баръакс, дар оянда боиси афзоиши эҳтимолии қувваҳои харобиовари он мегардад.

[295] Ниг.: Бабосов Е.М. Конфликтология. – Минск, 2001. – С. 3, 5.

Масалан, дар қонунгузории Россия марҳилаи ҳолатҳои фавқулодда низ инъикос ёфтааст. Аз ҷумла, моддаи 1 ҚФ «Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқулоддаи табиӣ ва техногенӣ» аз 21 декабри соли 1994, таҳти №68-ФЗ[296] «реҷаи баланди омодагӣ»-ро, ки пеш аз рух додани вазъияти буҳронӣ, зикр мекунад. Воқеан, қонунгузор вокуниши мақомоти ҳокимияти давлатиро ба таҳдиди воқеӣ пеш аз ҳолатҳои фавқулодда пешбинишударо муқаррар кардааст.

Чунин оқибатҳои манфӣ имкон медиҳанд, ки на танҳо дар бораи мушкилоти баланд бардоштани самаранокии вертикалии иҷроияи ҳокимият бо роҳҳои «муқаррарӣ» сухан ронем, балки зарурати истифодаи тадбирҳои фавқулоддаро низ нишон диҳем. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки ин тадбирҳо, ки воситаи беҳтарини назоратӣ аз ҷониби иҷрокунанда мебошанд, ҳамзамон хавфи аз даст додани самараи боз ҳам бештар таҳдид мекунанд.

Ҳамин тавр, таърихан реҷаҳои махсуси ҳуқуқӣ, ҳанӯз дар Ҷумҳурии Рум маълум буданд, ки дар он ҷо сенат метавонист «senatus consultum ultimuum» - ро нашр кунад, ки ба он сенатҳои олӣ ваколат медоданд, ки ҳама гуна чораҳоро, ҳатто берун аз доираи соҳаи ҳуқуқӣ, барои ба даст овардани назорати зарурии сиёсӣ ва нигоҳ доштани суботи низоми сиёсиро ҳифз доранд. Дар қонунгузории Империяи Россия бошад, низоми (реҷаи) махсуси ҳуқуқӣ бори аввал соли 1881[297] муқаррар карда шуд. Дар оянда ин ниҳод дар ИҶШС ва баъд дар Россияи кунунӣ рушд ёфт. Тағйироти муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои гуногуни фаъолияти инсон, пайдоиши усулҳои ғайрианъанавӣ ва мушкилоти ғайримуқаррарӣ зарурати объективии васеъ намудани на танҳо мафҳумҳои назариявӣ, балки мафҳуми қонунгузории низомҳои махсуси ҳуқуқиро муайян мекунанд. Аз ин ҷост, ки зарурати омӯзиши хусусиятҳо ва навъҳои алоҳидаи онҳо ба миён меояд.

---

[296] О защите населения и территорий от чрезвычайных ситуаций природного и техногенного характера // Федеральный закон от 21 декабря 1994 г., № 68-ФЗ (ред. от 28.12.2013, №404-ФЗ). – М., 2014.
[297] Ниг.: Власенко А.А. Из истории государственных территорий особого правового режима / А.А. Власенко // Право: теория и практика. – 2003. – №7. – С. 73-75.

Ҳангоми таҳқиқи мушкилоти низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, бояд баъзе асосҳои умумӣ-назариявӣ ва мафҳуми «низоми (реҷаи) ҳуқуқӣ» - дар маҷмуъ равшан карда шаванд. Мувофиқи нуқтаҳои муҳақиқон Н.И. Матузова ва А.В. Малко[298], дар Россияи муосир равандҳои гуногуни динамикӣ ба тағйирот дар соҳаи ҳуқуқӣ оварда мерасонанд, яъне шакли ҳуқуқӣ ва ҷузъиёти таркибии он тайғир дода мешаванд. Яке аз унсурҳои мураккабтарин ва кам таҳқиқшудаи ин шакл, низоми ҳуқуқӣ мебошад. Муаллифон дар мақолаи худ низоми ҳуқуқиро ҳамчун тартиби махсуси танзими ҳуқуқӣ муайян мекунанд, ки дар маҷмуи муайяни воситаҳои ҳуқуқӣ ифода меёбанд, ки ҳолати иҷтимоии дилхоҳ ва дараҷаи мушаххаси мусоид ё номусоидӣ, барои қонеъ кардани манфиати субъектҳои ҳуқуқ ба вуҷуд меоранд. Дар навбати худ, С.С. Алексеев[299] низ қайд мекунад, ки «низоми ҳуқуқӣ, дараҷаи қатъии танзими ҳуқуқӣ, мавҷудияти маҳдудиятҳо ва имтиёзҳои маълум, сатҳи иҷозатдодашудаи фаъолияти субъектҳо, ҳудуди мустақилияти ҳуқуқии онҳоро ифода мекунад».

Инчунин қайд кардан ба маврид аст, ки хусусияти ин ё он вазифаҳое, ки дар назди давлат ба миён меоянд, бо рӯйдодҳо, равандҳо ва падидаҳои ҷоришуда муайян карда мешаванд. Ин якрангии «муҳити беруна» барои истифодаи воситаҳои гуногунии ҳуқуқӣ замина фароҳам оварда, афзалиятҳои мушаххасро муайян намуда ва мувофиқан заминаи гурӯҳбандии низомҳои ҳуқуқиро муқаррар мекунад. Яъне ба ибораи дигар, низомҳои ҳуқуқӣ, сохтори мустақили дохилӣ доранд: субъектҳо, объектҳо, вақт ва фазо. Сохтори дохилии низомҳои ҳуқуқӣ, усулҳои ҳуқуқии муносибатҳои байниҳамдигарии субъектҳо, роҳҳои таъсири мутақобилаи объектҳо ва субъектҳои ҳуқуқиро дар бар мегиранд. Дар ҳақиқат, татбиқи ин ё он низоми ҳуқуқии мушаххас бояд мақсаднок ҳисобида шаванд, зеро онҳо барои фаъолияти мусоид ё номусоиди субъектҳои муайяни ҳуқуқ, шароити беҳтаринро фароҳам меоранд.

---

[298] Ниг.: Матузов Н.И., Малько А.В. Правовые режимы: Вопросы теории и практики / Н.И. Матузов, А.В. Малько // Правоведение. – 1996. – №1. – С. 16-29.
[299] Ниг.: Алексеев С.С. Общие дозволения и общие запреты в советском праве. – М., 1989. – С. 186.

Бо назардошти мазмуни нишондодаи низоми ҳуқуқӣ, В.Б. Рушайло[300] ин мафҳумро ҳамчун системаи таъсири ҳуқуқӣ, ки аз принсипҳои ягонаи ҳуқуқӣ асос ёфта ва бо қонунгузорӣ муқаррар карда шудааст, ҳамзамон, ӯ муайян менамояд, ки шаклҳои махсуси ҳуқуқӣ ва усулҳои таъсиррасониро дар муносибатҳои ҷамъиятӣ истифода баранд. Аз ҷумла, дар моддаи 13 қонуни Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон[301] пешбинӣ шудааст, ки «дар мавридҳое, ки дар маҳалҳои вазъияти фавқулодда эълоншуда мақомоти ҳокимият ва идораи давлатӣ вазифаҳои худро бояду шояд иҷро намекунанд, ё ки онҳо ба фаъолияти зиддиконститутсионӣ роҳ медиҳанд, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад чунин шакли махсуси идораи муваққатии ҷумҳурӣ ё қаламрави ҷудогонаи онро муқаррар намояд; идоракунии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, дигар мақомот ё шахси мансабдоре, ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъин мекунад, бо роҳи боздоштани ваколати мақомоти дахлдори ҳокимият ва идораи давлатӣ».

Аммо, хусусияти низомҳои махсуси ҳуқуқие, ки мо баррасӣ мекунем, ба зарурати кам кардани ҳаҷми ҳуқуқ ва озодиҳо, баланд бардоштани масъулият, вогузор кардани уҳдадориҳои иловагӣ вобаста аст, ки маҳдудиятҳои муваққатӣ, фазоӣ ва субъектии онҳоро муайян мекунад.

Дар моддаи 1 қонуни Конститутсионӣ «Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқуллода» гуфта мешавад, ки «вазъияти фавқулодда тадбири муваққатӣ мебошад, ки он мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон эълон шуда, низоми махсуси ҳуқуқии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ...», яъне ибораи «низоми махсуси ҳуқуқӣ» нишон дода шудааст. Тартиби фаъолияти мақомоти давлатӣ низ тағйир меёбад, яъне (ваколатҳои онҳо васеъ карда шуда, масъулияти ҳуқуқии шахсони мансабдор пурзӯр карда мешаванд). Табиист, ки низомҳои махсуси ҳуқуқии хусусияти фавқулодда (баръакси дигар низомҳои махсуси ҳуқуқии хусусияти

[300] Ниг.: Рушайло В.Б. Административно-правовые режимы. – М.: Щит-М, 2000. – С. 16.
[301] Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.; ст. 2 Закона Республики Таджикистан «О правовом режиме чрезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 1995. – №21. – Ст. 233.

муқаррарӣ) ҳамеша муваққатӣ мебошанд ва одатан дар доираи қаламрави алоҳида амал мекунанд, ки дар он вазъияти ғайримуқаррарӣ ба вуҷуд омадааст.

Ҳамин тариқ, таҳти «низоми махсуси ҳуқуқӣ дорои хусусияти фавқулодда» бояд тартиби ҳуқуқии дар маҳдудиятҳои вақт ва фазоӣ мавҷудбударо, ки аз ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ ё фавқулодда ба вуҷуд омадааст, фаҳмидан лозим аст, ки ҳадафи асосии амнияти ҷамъиятиро муайян мекунад, инчунин тадбирҳои мувофиқи ин мақсад андешидашуда, ки ҳуқуқҳои субъектҳои дахлдори ҳуқуқро маҳдуд мекунанд ва уҳдадориҳои шахсони мансабдори дахлдорро мувофиқи таҳдиди ба миён омадаро васеъ менамояд. Тавре ки мо пешбинӣ менамоем, вобаста ба намуди мушаххаси низоми махсуси ҳуқуқии чораҳои фавқулодда барои ҳалли буҳрон ё вазъияти фавқулодда метавонанд, инҳо бошанд:

1) додани ваколатҳо ба мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунӣ ва мақомоти махсуси идоракунӣ дар шароити ҳолатҳои ғайримуқаррарӣ;

2) манъи баргузории раъйпурсӣ ва интихобот;

3) кам кардани ҳифзи иҷтимоӣ дар ҳудуди субъекти дахлдори ҷамъиятӣ (агар низоми махсуси ҳуқуқӣ вазифаҳои ҳавасмандкунанда дошта бошад, пас баръакс, васеъ намудани ҳифзи амнияти иҷтимоӣ, имтиёзҳои андоз ва ғайраҳо);

4) маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо (озодиҳои сиёсӣ ва шахсӣ);

5) васеъ намудани уҳдадориҳо (ҷалб намудан ба корҳои ҷамъиятӣ, сафарбаркунӣ, уҳдадориҳо ба шахсони ҳуқуқӣ барои иҷрои фармоиши давлатӣ).

Аз ин рӯ, вазифаи аввалиндараҷаи таҳқиқи мушкилоти истифодаи низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, ошкор кардани методологияи ҳуқуқӣ мебошад, ки аз як тараф рукуди (муқаррар, қатъ, боздоштан) - и ҳуқуқ ва озодиҳоро кам

мекунад ва аз истифодаи низоми махсуси ҳуқуқӣ ва аз тарафи дигар таъсири мутавозин ба даст меорад.

Таърифи оптималӣ (ин ҳолати беҳтарин ё мусоидтарин, ҳолати имконпазир ё бузургтарин ё дараҷаи имконпазир дар шароити муайяни муқоисашаванда) бошад, бо ду талабот ба танзими ҳуқуқии низомҳои махсуси ҳуқуқӣ вобаста аст: аввал, муқаррар намудани рӯйхати мукаммали ҳуқуқ ва озодиҳои маҳдуднашаванда; дуюм, муайян кардани принсипи мутаносиб будани маҳдудияти ҳуқуқҳо, хатари ҷамъиятии вазъияти ғайримуқаррарӣ ва тадбирҳои объективии зарурӣ барои бартараф кардани онҳо. Аммо, сарфи назар аз ошкоро будани равиши зикршуда, мафҳум ва мундариҷаи мушаххаси он, аз ҷониби олимони рус[302] бо роҳҳои гуногун фаҳмида мешаванд. Масалан, С.Н. Бабурин[303] ба он далел ишора мекунад, ки «...баръакси муносибати вазъияти фавқулодда, дар Конститутсия нисбат ба ҳудудҳои ҳолати ҳарбӣ, маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо, ягон истисно вуҷуд надорад». С.В. Пчелинтсев, баръакс, чунин мешуморад, ки ин истисноҳо пешбинӣ шудаанд, аммо на дар моддаи 87 (дар бораи ҳолати ҳарбӣ), балки дар қисми 3 моддаи 55 Конститутсияи Россия, ки ба имконияти маҳдуд кардани ҳуқуқ ва озодиҳо бо қонуни федералӣ ишора мекунад. Дар ин маврид, нуқтаи назари Г.В. Василева[304] муросокунанда буда, ӯ чунин мешуморад, ки тибқи муқоиса бо меъёрҳои конститутсионӣ, маҳдудиятҳои ҳуқуқ ва озодиҳо дар ҳолати вазъи фавқулодда (қисми 3 моддаи 56 Конститутсияи амалкунандаи Федератсияи Россия) ҳангоми ҷорӣ кардани низоми ҳолати ҷангӣ, бояд маҳдудиятҳо низ танзим карда шаванд. Дар баробари ин, С.В. Пчелинтсев[305], на танҳо ба мутаносиб будани маҳдудиятҳо диққат медиҳад, балки инчунин пешниҳод мекунад, ки доираи маҳдудиятҳо,

[302] Ниг.: Волкова Н.С. Общественная безопасность и законодательство о правах человека / Н.С. Волкова // Журнал российского права. – 2005. – №2. – С. 93-94.
[303] Ниг.: Бабурин С.Н. Теория государства: правовые и геополитические проблемы. – М., 1997. – С. 98.
[304] Ниг.: Комментарий к Конституции РФ / Под ред. Ю.В. Кудрявцева. – М., 1996. – С. 388.
[305] Ниг.: Пчелинцев С.В. Проблемы ограничения прав и свобод граждан в условиях особых правовых режимов / С. В. Пчелинцев// - Москва : Изд-во Норма, 2006 (М. : Тип. «Полимаг»). - 479 с.

бо меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва асосҳои тартиботи муқарраршудаи ҳуқуқӣ дар ҷомеа, васеъ карда шаванд.

Масъалаи дигари калидӣ, дар татбиқи низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, ин мақоми субъекте мебошад, ки дар давраи фаъолияти низоми махсуси ҳуқуқӣ, салоҳиятҳои фавқулодаи дахлдорро мегирад. Масалан, стандартҳои умумиэътирофшудаи ғарбӣ дар методологияи татбиқи низомҳои махсуси ҳуқуқӣ инҳоянд:

1) ба таври возеҳ ҷудо кардани субъектҳое, ки ташаббускори воридкунӣ, пешбар, муқаддимаро тасдиқ мекунанд ва риояи тартиби тамдид ва қатъи низоми махсуси ҳуқуқиро, ки қонун муқаррар кардааст, назорат мекунанд;

2) муқаррар намудани қонунгузорӣ вобаста ба шартҳои ҷорӣ ва қатъ намудан; тартиби ҷорӣ ва қатъ намудан; маҳдудиятҳои фазоӣ ва вақтӣ; хусусиятҳои танзими ҳуқуқӣ, дар давраи мавҷудияти низоми махсуси ҳуқуқӣ;

3) ба шартҳои ҷорӣ ва бекор кардани (қатъ намудан) низоми махсуси ҳуқуқӣ, бояд маҷмуи муайяни талабот, яъне мавҷудияти воқеии вазъияти ғайримуқаррарӣ пешниҳод карда мешаванд; мутобиқати вазъияти ғайримуқаррарӣ ва тадбирҳои фавқулоддаи ҷорӣ (намуди низоми махсуси ҳуқуқӣ); бекор кардан ё қатъ кардани низоми махсуси ҳуқуқӣ, боиси аз даст додани қувваи ҳуқуқии санадҳои меъёрии барои таъмини он қабулшуда, инчунин барқарорсозии автоматӣ (худидоракунӣ) тамоми ҳаҷми доираи ҳуқуқ ва озодиҳо мегардад; дар доираи умумии низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, рӯйхати ҳуқуқҳое, ки маҳдуд карда намешаванд, бояд ҳатмӣ муқаррар карда шаванд.

Ҳамин тариқ, дар асоси маълумоту далелҳои боло хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст:

– дар доираи шаклҳои ҳуқуқии давлатии таъмини амнияти миллӣ, бояд тамоми ҷузъи фаъолиятҳо, ки мундариҷаи механизми танзими ҳуқуқии давлатро инъикос мекунад, дарк карда шаванд[306].

---

[306] Ниг.: Морозова Л.А. Функции государства // Теория государства и права / Под ред. В.К. Бабаева. – М.: Юрист, 1999. – С. 85.

– шаклҳои ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ), дар таъмини давлатии амнияти миллӣ аз рӯйи аломатҳои берунии худ дар фаъолияти якхелаи давлат иборат аст, боиси оқибатҳои ҳуқуқӣ намегарданд. Дар байни зуҳуроти асосии татбиқи ҳуқуқии манфиатҳои давлатӣ, метавон чунин ҷудо кард: шакли қонунгузорӣ; шакли иҷроияи ҳуқуқ; шакли адолат; шакли ҳифзи ҳуқуқ.

– шакли қонунгузорӣ бо қоидаҳои умумии ҳатмии рафтор, ки давлат муайян кардааст тавсиф карда мешавад ва иҷрои онҳо шарти ҳатмии таъмини манфиатҳои давлат, вобаста ба нигоҳ доштани субот ва тартиботи ҳуқуқӣ, додани ин қоидаҳо бо қувваи ҳуқуқӣ ва расонидан ба маълумоти аъзоёни ҷомеа мебошад.

–раванди мураккаби ташаккули низоми меъёрии ҳуқуқӣ, ки мавзуи танзими он муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи амнияти миллӣ мебошад, бо шакли қонунгузории таъминоти давлатии амнияти миллӣ (яъне қонунбарорӣ, қонунсозӣ) маҳдуд намешаванд. Бисёре аз қоидаҳои амнияти иҷтимоӣ пеш аз он ки дар матни санадҳои меъёрӣ ифода карда шаванд, аллакай дар муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар рафтори ҳуқуқии воқеии субъектҳои ҳуқуқ рушд шудаанд ё дар шуури ҳуқуқии мардум ташаккул ёфтаанд. Онҳоро танҳо меъёрӣ-ҳуқуқӣ карда бо қувваи расмӣ-юридикӣ эътироф намуд. Ҳамин тариқ, дар раванди рушди ислоҳоти қонунгузорӣ марҳилаҳои зерринро шартан ҷудо кардан мумкин аст:

– фаъолияти қонунгузории мақомоти салоҳиятдори давлатӣ, ки дар доираи низоми амнияти миллӣ амал мекунанд (раванди бошуурона-ихтиёрӣ). Маҳз ҳамин фаъолияти бошуурона, расмӣ ҳамчун шакли қонунгузории таъмини амнияти миллӣ маҳсуб меёбад.

– усулҳои ҳуқуқии зикршудаи танзими низомҳои махсуси ҳуқуқӣ ба ғояи таҳти назорати субъекти ҳукмрон (роҳбарони муассисаҳои давлатӣ) ва дастгоҳи тобеи он (ҳокимияти иҷроияи сатҳи дахлдор), халқ (дар шахсияти парлумон-намояндагӣ) ва ҳуқуқ (дар шакли назорати олии судӣ) тобеъанд;

– ҳангоми баррасии масъалаи танзими ҳолатҳои алоҳидаи

ғайримуқаррарӣ, бояд қайд кард, ки асосҳои таснифи (яъне меъёрҳои тақсимотӣ) низомҳои махсуси ҳуқуқӣ, як қатор унсурҳои ба ҳам алоқаманди онҳо мебошанд: объектҳои ҳифзшаванда – ҳаёт ва саломатии аҳолӣ, манбаъҳои ҳаётан муҳим, тартиботи ҳуқуқӣ, сохти конститутсионӣ, соҳибихтиёрии сиёсӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, ахлоқи ҷомеа, некӯаҳволӣ ва фаъолияти муқаррарии ҳокимияти давлатӣ; субъектҳое, ки нисбати онҳо низоми махсуси ҳуқуқӣ муқаррар карда мешаванд – шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорон, шахсони мансабдори ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва хориҷиён; дараҷаи хатари ҷамъиятӣ, ки аз – имконияти эҳтимолии талафоти инсонӣ, экологӣ ва иқтисодии ҳам бевосита ва ҳам минбаъда муайян карда мешавад; усулҳои танзими ҳуқуқӣ – иҷозатдиҳанда, манъкунанда, ҳамоҳангсозӣ, ҳавасмандкунанда; шаклҳои ифодавӣ – қонунӣ (ҳолати ғайримуқаррарӣ, ки дар қонунгузории амалкунанда пешбинӣ шудааст, аммо ба таври объективӣ ҷорӣ кардани низоми махсуси ҳуқуқиро бо сабаби пайдоиши шартҳои нав ва ғайримуқаррарӣ талаб мекунад); миқёс ва муҳлати татбиқ – минтақаи муайян (паҳншавии ҳолати ғайримуқаррарӣ дар қаламрави муайян), вақти амал (давомнокии мавҷудияти ҳолати ғайримуқаррарӣ, талаботи ташкилию захиравӣ-иқтидорӣ барои бартараф кардани оқибатҳои он).

# ХУЛОСАҲО

Барои ҷамъбасти натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда, кӯшиши пешниҳоди як қатор хулосаҳои хусусияти ҷамъбастидошта ва натиҷаҳои асосии кори анҷомдодашуда, ки бо дурнамои дохилшавӣ ба дониши назариявӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон фарқ мекунанд, қонунӣ ба назар мерасад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки ҳадафи асосии стратегии ҳар як давлат таъмини татбиқи воқеии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад, ки дар Конститутсия ва қонунгузории кишвар муқаррар карда шудааст. Ҳалли ин мушкилот татбиқи вазифаҳои мураккаби ҳуқуқӣ, вобаста ба соҳаҳои гуногуни иҷтимоӣ-сиёсиро дар назар дорад. Дар замони муосир, бо тамоми таҳдиду чолишҳои он, Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаи такмили ҳамаҷонибаи низоми амнияти миллӣ нигаронида шудааст. Дар ин ҷо яке аз нақшҳои калидӣ ба институтҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ки ба таъмини суботи сиёсӣ ва рушди устувори шахс, ҷомеа ва давлат нигаронида шудаанд, майл менамояд **[4-М]**.

Дар доираи мавзуи матраҳгардида муаллиф кӯшиш ба харҷ додааст, ки доираи дигаргуниҳои объективиро дар мамлакати мо ва ҷаҳон оид ба масъалаҳои таҳияи кафолатҳои боэътимоди таъмини амнияти миллӣ муайян карда шавад. Вазифаи асосӣ дар ин ҷо ба институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дода шудааст, ки дорои маҷмуи воситаҳои беҳтарин ва методологияи озмоишии татбиқи онҳо мебошад.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти гузаронидашуда имкон медиҳад, ки ҳалли масъалаҳои гузошташударо аз рӯйи чор меъёри асосӣ муайян намуд: 1. Мо дастгоҳи категориявии ин таҳқиқотро системавӣ намудем, ки ба он хусусияти илмӣ-комплексӣ бахшид. 2. Асосноккунии назариявӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологӣ ба ташаккул ва рушди институтсионализми ҳуқуқӣ-конститутсионии соҳаи таъмини амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат намуд. 3. Натиҷаҳои таҳқиқот аҳаммият ва нақши институти ҳуқуқӣ-конститутсиониро дар шароити муосири воқеияти ҳуқуқии кишвари мо дастгирӣ мекунад, зеро он ба омилҳои асосии таъмини амнияти миллӣ мансуб меёбад. 4. Инчунин мо ба гардиши илмӣ

таърифи хеле васеи институти ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллиро дар системаи илми ҳуқуқии ватанӣ, ки дорои механизми ҳуқуқӣ, принсипҳо ва методологияи худ мебошад, ворид менамоем.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки муайян кардани ин ё он намуди амният аз маҷмуи омилҳои гуногун вобаста аст, ки таҳияи системаи чораҳои муқовимат ба таҳдидҳо ва мушкилотро талаб мекунанд. Мушкилии махсус дар ин масъала на статикӣ, балки динамикаи доимии омилҳо ва тадбирҳои ҳалли онҳо мебошад, ки раванди гурӯҳбандӣ ва институтсионализатсияи амнияти миллиро ҳамчун мафҳуми васеи илмӣ мушкил мекунад.

Заминаи таърифи ҳаҷмӣ асосан ба таърифи меъёрии мафҳуми «амният», ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» аз 28 июни соли 2011 истифода шудааст, мувофиқат мекунад ва тибқи он зери амният «ҳолати ҳифзи манфиатҳои ҳаётан муҳимми кишвар аз таҳдидҳои воқеии эҳтимолии дохилӣ ва хориҷӣ» фаҳмида мешавад **[16-М]**.

Дар ҳамин ҳол, маънои ин мафҳум дар шароити воқеияти объективӣ бо фарогирии хеле калонтар фарқ мекунад, аз ҷумла: а) шахсият, ҷомеа ва давлат; б) манфиатҳои ҳаётан муҳим; в) объектҳо ва субъектҳо, таҳдидҳо ва принсипҳо (шохисҳо). Ҳамин тариқ, табиати дуҷонибаи амният муайян карда шуд - ин категорияи умумиҳуқуқӣ ва ҳуқуқӣ-конститутсионӣ мебошад, ки дорои потенсиали ҳамчун воситаи таъмини амнияти ҷомеа, шахс ва давлат ба ҳисоб меравад.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки доктринаи конститутсионии амниятӣ вуҷуд надорад. Мо боварӣ дорем, ки амнияти конститутсионӣ ба хусусиятҳои асосии амнияти миллӣ ишора мекунад, зеро он (амнияти конститутсионӣ) ба татбиқи ҳамаҷонибаи тадбирҳо оид ба ҳифзи амнияти иқтисодӣ, иттилоотӣ ва дигар намудҳои амният нигаронида шудааст.

Ҳангоми муайян кардани амнияти конститутсионӣ ва миллӣ ду ҷанбаро ҷудо кардан лозим аст: а) шаклӣ, яъне системаи кафолатҳои конститутсионизм (меъёрӣ, ташкилотӣ, институтсионалӣ); б) мазмунӣ, яъне ҳолати ҳимоя.

Таҳлили Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки шумораи зиёди меъёрҳои конститутсионӣ ба амнияти шахс, аз ҷумла ҳуқуқӣ (юридикӣ) ва ҷисмонӣ бахшида шудаанд (м. 5, 18 Конститутсияи ҶТ).

Такмили таъминоти конститутсионии амнияти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин шуморида мешавад: а) баланд бардоштани аҳаммияти иҷтимоии мақомоти намояндагӣ; б) такмили маҷмуи иҷтимоии уҳдадориҳои инсон; в) рушди механизмҳои ҳокимияти ҳақиқии халқ.

Ҷузъҳои аввалиндараҷаи амнияти давлатӣ, тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти давлатӣ ба ҳисоб мераванд, инчунин масъулияти таъмини онҳо ба зиммаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта мешавад (м. 69 Конститутсияи ҶТ) **[3-М]**.

Имрӯз дар Тоҷикистон заминаи ҳуқуқии таъмини амнияти миллӣ фаъолона рушд карда истодааст, ки асоси онро тамоми низоми қонунҳое ташкил медиҳанд, ки дар давраҳои гуногуни истиқлолияти давлатии мамлакат (аз соли 1990-ум сар карда) қабул гардидаанд.

Дар рафти таҳқиқот муайян карда шуд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи амнияти миллӣ тавассути институтҳои ҳуқуқӣ-конститутсионӣ, ҳамчун қисми ҷудогонаи механизми ягонаи давлатию ҳокимиятӣ бо сохтори хос ва функсияи махсус амалӣ карда мешавад.

Муаллиф пешниҳод менамояд, ки ҳуқуқӣ-конститутсионии таъмини амнияти миллӣ, ҳамчун маҷмааи меъёрии давлатӣ-кудратӣ, ки дараҷаи фарогирӣ васеи воситаҳои кафолати ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон мебошад, фаҳмида шавад.

Натиҷаҳои таҳқиқот мавқеи гуногуни олимонро дар бораи равишҳо ба таснифи субъектҳои таъмини амнияти миллӣ, намудҳои алоҳидаи он, таркиби субъектии ин механизмро нишон дода тавонист. Мо инро ба мавҷуд набудани феҳристи ниҳоии чунин субъектҳо дар қонунгузорӣ иртибот медиҳем.

Мувофиқи равиши илмии муаллиф, мақомоти давлатӣ, ки вобаста ба таъмини амнияти миллӣ дар ҷумҳурӣ ҷалб шудаанд, ба чор гурӯҳи функсионалӣ тақсим мешаванд: 1) идоракунӣ – аз ҷониби роҳбарияти олии ҷумҳурӣ амалӣ

карда мешавад; 2) таъминоти воқеӣ – Шурои амнияти кишвар масъул аст; 3) масъалаҳои амният – қарорҳо аз ҷониби кумитаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қабул карда мешаванд; 4) ошкор ва бартараф намудани таҳдидҳо (дохилӣ ва хориҷӣ) – салоҳияти мақомоти ҳокимиятҳои қонунгузорӣ, иҷроия, судӣ.

Дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи амният» сохтори низоми амнияти миллӣ чунин сурат мегирад: 1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; 2. Палатаи болоии парламент – Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон; 3. Ҳукумат; 4. Судҳо; 5. Мақомоти давлатӣ; 6. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ; 7. Ҷамоатҳо; 8. Ташкили ҳама гуна шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ **[1-М]**.

Расман, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ метавонанд ба ин система дохил карда шаванд. Аммо, азбаски онҳо дар ҳифзи амнияти миллӣ ҷойгоҳи ҳошиявиро ишғол мекунанд, мо пешниҳод мекунем, ки онҳоро на субъектҳо, балки иштирокчиёни ин механизм ҳисоб намоем **[2-М]**.

Дар рафти таҳқиқоти гузаронидашуда мо муайян намудем, ки таъминоти ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаклҳои ҳуқуқӣ ва ғайриҳуқуқӣ (ташкилӣ) асос ёфтааст. Натиҷаҳои таҳлил ба муаллиф имкон дод, ки категорияҳои дар боло зикршуда ва аломатҳои тахассусии онҳоро муайян кунад. Хусусиятҳои асосӣ ва функсионалии шаклҳои асосии татбиқи ҳуқуқии манфиатҳои давлатӣ – қонунгузорӣ, иҷроияи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва адолат тавсиф карда шуданд.

Дар рафти баррасии масъалаи танзими ҳолатҳои алоҳидаи ғайримуқаррарӣ меъёрҳои таснифи режимҳои махсуси ҳуқуқӣ ҷудо карда шудаанд: а) объекти ҳифз; б) субъектҳои режими (низоми) махсуси ҳуқуқӣ; в) усулҳои танзими ҳуқуқӣ; г) шаклҳои ифода; д) соҳа ва давомнокии татбиқ **[5-М]**.

Ҳамин тариқ, ташаккул ва навсозии институти танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудани тағйиру иловаҳои созандаро ба қонунгузории ватанӣ тақозо менамояд, ки нақши субъектҳои дахлдорро ба таври назаррас баланд мебардорад.

Мо чунин мешуморем, ки ҳалли беҳтарин дар ин масъала тавсеаи заминаи назариявӣ-методологии танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби Консепсияи дахлдор мебошад, ки мазмуни он бояд ба фаҳмиши амиқ, аз нав дида баромадани омилҳои беруна ва дохилӣ, навсозии паймони мақсаднок, аз нав арзёбӣ намудани муқаррароти таълимотӣ ва стратегияҳои давлатӣ оид ба ҳифзи амнияти миллӣ асос ёбад **[7-М]**.

Дар танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллӣ яке аз мавқеъҳои афзалиятнок асосноккунии илмии сохтори ташкилию ҳуқуқии он, система ва мақоми ҳуқуқии субъектҳо мебошад. Воситаи дуюми муассир бояд васоити ахбори омма бо иқтидори баланди фаъолияташон ба роҳ монда шавад, ки ба тарғиб ё такмили тамоюлҳои солим дар фаҳмиши арзиши пойдори манфиатҳои миллӣ ва таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шаванд.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

Илова ба хулосаҳои назариявӣ оид ба танзими ҳуқуқӣ-конститутсионии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мо тавсияҳоро оид ба такмили қонунгузорӣ аз нуқтаи назари масъалаи дар ҷанбаи татбиқшаванда пешниҳод менамоем:

1. Бо мақсади фаъолияти динамикӣ ва самарабахши механизми таъмини амнияти миллӣ ташаккул додани консепсияи нав бо шарти риояи талаботи марбут ба демократикунонӣ соҳаи амнияти миллӣ бо назардошти фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва дигар сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, ки дар таъмини амнияти миллӣ ваколатдоранд;

2. Дар доираи институтҳои ҳуқуқӣ-конститутсионии амалкунанда, самтҳои алоҳидаи аҳаммияти институтсионалӣ вобаста ба таъмини амнияти миллии давлат бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ташкил карда шаванд ва манфиатҳои ҳаётии инсон, ки дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун арзиши асосии конститутсионӣ эътироф шудааст, бояд ба назар гирифта шаванд;

3. Такмил дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва сохторҳои дахлдор, ки ваколатҳои онҳо ба таъмини амнияти миллӣ бо назардошти самтҳои зерин равона карда шудаанд, мукаммал ва бартараф карда шавад: таъмини амнияти инсон ва шаҳрванд, ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии ӯ; таъмини амнияти асосҳои сохтори конститутсионӣ, соҳибихтиёрӣ ва ҳудудии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳкими амнияти сарҳад; пешгӯйии саривақтӣ ва муайян намудани таҳдидҳои дохилӣ ва хориҷӣ ба амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон; баланд бардоштани рӯҳияи ватандӯстӣ ва сатҳи иҷтимоии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, ки суботи ҷамъиятию сиёсии ҷомеаро таъмин мекунанд; таъмини риояи қатъии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ҳамаи шаҳрвандон, шахсони мансабдор, мақомоти давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва динӣ; таъмини ҳамкории баробар ва мутақобилан судманди байналмилалӣ; такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти ҳокимияти давлатӣ, худидоракунии маҳаллӣ дар соҳаи таъмини амнияти миллӣ, ҳам дар сатҳи минтақавӣ ва байналмилалӣ; такмили механизмҳои пешбурди ислоҳоти

ҳуқуқӣ ва назорати иҷрои қонунгузорӣ дар соҳаи ҳифзи манфиатҳои миллӣ; тарғиби иқтидори илмӣ-таҳқиқотии илми ҳуқуқшиносӣ; кам кардани хавфҳои ҳуқуқӣ дар заминаи ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ғайра.

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ (МАЪХАЗҲО)

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва расмӣ:


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳои 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.
2. Конституционный закон Республики Таджикистван «О правовом режиме чрезвычайного положения» от 3 ноября 1995 года, №94 [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 1995. – №21. – Ст. 233.
3. Конституционный закон Республики Таджикистан «О референдуме Республики Таджикистан» от 4 ноября 1995 года, №106 [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 1995. – №21. – Ст. 245.
4. Конституционный закон Республики Таджикистан «О Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 19 апреля 2000 года, №1 [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2000. – №4. – Ст. 108.
5. Конституционный закон Республики Таджикистан «О Правительстве Республики Таджикистан» от 12 мая 2001 года, №28 (в ред. от 18.07.2017, №1455) [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2001. – №4. – Ст. 215.
6. Конституционный Закон Республики Таджикистан от 17 мая 2004 г., №28 «О местных органах государственной власти» [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2004. – №5. – Ст. 339.
7. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» аз 14 ноябри соли 2016, таҳти №1356 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
8. Регламент Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан утверждённый Постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 7 ноября 2001 года, №437 [Текст] // Ахбори Маджлиси Оли РТ. – 2001. – №12. – Ст. 123.

9. Указ Президента Республики Таджикистан «О присоединении Республики Таджикистан к Конвенции о борьбе с незаконными актами направленными против безопасности гражданской авиации», принятой 23 сентября 1971 года в Монреале от 28 июля 1995 года, №281 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 17.04.2023).
10. Указ Президента Республики Таджикистан «Об увеличении штатной численности аппарата Совета безопасности Республики Таджикистан» от 10 мая 2000 года, №292 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
11. Указ Президента Республики Таджикистан «Об утверждении Положений о Совете безопасноси Республики Таджикистан и об Аппарате Совета безопасности Республики Таджикистан» от 20 марта 2003 года, №1037 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
12. Указ Президента Республики Таджикистан «О концепции информационной безопасности Республики Таджикистан» от 7 ноября 2003 года, №1157 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
13. Указ Президента Республики Таджикистан «Об одобрении проекта Соглашения между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией о порядке передачи Республике Таджикистан участка Государственной границы Республики Таджикистан с Исламским Государством Афганистан, охраняемого пограничными органами и Пограничными войсками Федеральной службы безопасности Российской Федерации и имущества, используемого Федеральной службой безопасности Российской Федерации» от 14 октября 2004 года, №1401 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
14. Указ Президента Республики Таджикистан «О присоединении Республики Таджикистан к конвенции о ядерной безопасности» от 9 янврая 2005 года,

№149 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
15. Указ Президента Республики Таджикистан «Об учреждении юбилейной медали 20-летие Пограничных войск Государственного комитета национальной безопасности Республики Таджикистан» от 3 мая 2014 года, №192 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
16. Указ Президента Республики Таджикистан «О порядке реализации в Республике Таджикистан Протокола о механизме оказания военно-технической помощи государствам-членам Организации Договора о коллективной безопасности в случаях возникновения угрозы агрессии или совершения акта агрессии» от 3 июня 2016 года, №694 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
17. Указ Президента Республики Таджикистан «О дополнительных мерах по обеспечению безопасности в аэропортах и воздушных суднах» от 1 июля 2016 года, №718 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
18. Указ Президента Республики Таджикистан «Об определении уполномоченного государственного органа в реализации механизма формирования Единого списка организаций, признанных террористическими в формате Организации Договора о коллективной безопасности» от 28 апреля 2018 года, №1055 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
19. Указ Президента Республики Таджикистан «О проекте Соглашения о совместном материально-техническом и медицинском обеспечении Войск (Коллективных сил) Организации Договора о коллективной безопасности» от 9 октября 2021 года, №254 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
20. Указ Президента Республики Таджикистан «О проекте Соглашения о совместном материально-техническом и медицинском обеспечении Войск

(Коллективных сил) Организации Договора о коллективной безопасности» от 19 октября 2021 года, №257 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/ (санаи муроҷиат: 10.07.2021).
